ВАҚТИ ХОНДАН
Модулҳои 1-3

Дастур барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Лоиҳаи USAID барои инкишофи малакаҳои хондан «Вақти хондан»

Маводи методии мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико эҷод шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин эҷод метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Бишкек
2021

УДК 372.8
ББК 74.26
В 14

В 14 Вақти хондан. Модулҳои 1-3: Дастур барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Б.: ..., 2021.- 232 с.

ISBN 978-9967-9362-4-2

Маводҳо аз ҷониби USAID лоиҳаи барои рушди малакаҳои хониш таҳия карда шудаанд. Тарҷума ва мутобиқсозии маводҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ, инчунин апробатсияи онҳо дар доираи Лоиҳаи «Якҷоя омӯхтан беҳтар аст!», ки аз ҷониби ТҶ «Маркази ҳамгироии иҷтимоӣ» бо дастгирии USAID ва Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Қирғизистон (ЮНИСЕФ) амалӣ карда шудааст, сурат гирифт. Чоп ва ба мактабҳои мавриди ҳадаф аз ҷониби лоиҳаи USAID «Окуу керемет!» паҳн карда шудааст.

Лоиҳаи рушди малакаҳои хониш «Вақти хондан», Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) Шартномаи USAID № AID - 176-C-16-00004.

ISBN 978-9967-9362-4-2

УДК 372.8
ББК 74.26

Маводҳои таълимӣ-методӣ бо қарори №1265 аз 03-юми октябри соли 2017 ВИМ ҶҚ тасдиқ карда шудааст.

Маводи таълимӣ-методӣ барои тасдиқ кардан дар ташкили тренингҳои такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ, директорон,ҷонишинони онҳо, роҳбарони ташкилотҳои методии муаллимони синфҳои ибтидоӣ, методистон ва китобдорони мактаб тайёр карда шудааст.

РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

АТҶҚ Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Қирғизистон
ҶҚ Ҷумҳурии Қирғизистон
ВИМ Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон
ВМАТ Вазорати маданият, ахборот ва туризми Ҷумҳурии Қирғизистон
КМХ Комитети миллии хониш дар назди ВИМ ҶҚ
ММТ Маркази миллии тестгирӣ дар назди ВИМ ҶҚ
ШМНоҳ/Шаҳр Шӯъбаи маорифи ноҳия, шаҳр
ИҶТИ ва МКП Институти Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва малакаи кормандони педагогӣ
ГК Гурӯҳи корӣ
МТИ Маркази такмили ихтисос
EGRA Санҷиши малакаи хониши синфҳои ибтидоӣ
SSME Шарҳи самаранокииидораи мактабҳо
STS «School-to-School International» ташкилот барои гузаронидани EGRA ва SSME
ТбТ Тренинг барои тренерҳо
USAID Агентии ИМА оид ба рушди байнахалқӣ

МУНДАРИҶА

Миннатдорӣ
Муқаддима
I. Маълумот
II.
Мухтасар дар бораи лоиҳа 5
Такмили усули таълими хониш.....6
Модели тренингҳои лоиҳаи «Вақти хондан».....7
Шунавандагони мақсаддор.....7
Маводҳои тренинг.....8
Баробарҳуқуқии гендерӣ ва инклюзивӣ.....9
Шарҳи мазмуни тренингҳо..... 11
Натиҷаи омӯзиши муаллимон, директорҳо, роҳбарони иттиҳодҳои методӣ,
Методистҳо ва китобдорони мактаб..... 11
Шарҳи даҳ модул 11
Роҳҳои баланд бардоштани малакаи хониш..... 14
Вақт, таълим, матн, забон ва тестгузаронӣ..... 14
Роҳи «То – Дар вақти – Баъди хониш»..... 14
Тренерҳои миллии лоиҳаи «Вақти хондан»..... 29
Омӯзиши калонсолон.....29
Портрети тренери самаранок.....29
Методҳои интерактивии гузаронидани тренингҳо..... 31
Ишғоли (фаъолкунии) майна.....32
Муҳокима дар гурӯҳҳо 32
Ман – Ту – Мо.....32
Тақдимот.....32
Муҳокима дар гурӯҳчаҳо.....33
Машқҳои амалӣ.....33
Машқҳо барои истироҳат «Яхшиканҳо».....33
Маслиҳатҳои фоиданок барои фасилитаторҳо.....33
Маслиҳатҳои фоиданок барои таъмини самаранокии тренингҳо.....36
Дастгирии муттасил.....36
Ҳамҷамъияти таълими профессионалӣ.....37
Замимаи А: «Яхшиканҳо» ва машқҳо барои дасту по ёзондан (истироҳат).....53
Замимаи Б: Шакли назорати дарс.....56
Адабиёти истифодашуда

МИННАТДОРӢ

Кор карда шудани дастури мазкур ба шарофати кордонӣ, ҷидду ҷаҳд ва иқтидори эҷодии мутахассисон, ки барои васеъ намудани имкониятҳои муаллимони синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Қирғизистон, дар додани босифати омӯзиши хониш бо забонҳои қирғизӣ ва русӣ кӯшиш мекунанд, имконпазир гардид. Саҳми онҳо инъикоси боварии сахте, ба он, ки асоси мустаҳками хониш барои беҳтар шудани дастовардҳои талабагон кӯмак мерасонад, мебошад.

Командаи Лоиҳаи барои такмили малакаҳои хониш «Вақти хондан» ба мутахассисони лоиҳа – доктори илмҳо Бақтигул Исмаилова, Умут Какеева, Алтинай Молдоева, Рахат Орозова, Нэнси Паркс, Рашид Шакиров, мухаррирони матнҳо – Замира Момункулова, Ирина Низовская, Галина Фадеева, тарҷумонон – Бакит Кайипбеков, Аида Турсуналиева, Чингиз Зарилканов, ҳамчунин ба тамоми коллективи лоиҳа ва иштирокчиёни дастур, ки дар кор карда баромадани даҳ модули тренингии дастури мазкур саҳм гузоштаанд, изҳори миннатдории худро баён мекунанд. Лоиҳа ба машваратчиёни хориҷӣ – Кетеван Чачкианӣ, доктор Паата Папава, доктор Энди Смарт ва ба доктор Барбара Торнтон, барои саҳми бузург ва маҳорати техникӣ ва дониш дар тартиб додани модулҳо, миннатдории махсус баён мекунанд.

Лоиҳаи «Вақти хондан», ҳамчунин ба командаи USAID: намояндаи расмии ташкилоти шартномабанд – доктор Гулжан Толбаева, директори шӯъбаи тандурустӣ ва таълими USAID дар Осиёи Марказӣ Нора Мадригал, ҳамчунин намояндаи алтернативии ташкилоти шартномабанд Эмми Скот барои шарҳ ва фикру мулоҳизаҳои касбиашон дар бораи мазмун ва мундариҷаи дастур миннатдории самимиии худро изҳор мекунад.

Дар ҷараёни кор карда шудани маводҳои тренинг лоиҳаи «Вақти хондан» бо Вазорати илм ва маориф ҶҚ (ВИМ ҶҚ) дар ҳамкории зич кор кард. Лоиҳа ба Вазири илм ва маорифи ҶҚ Гулмира Кудайбердиева, ҷонишини вазири илм ва маорифи ҶҚ Надира Джусупбекова, ҳамчунин ба Чинара Курбанова ва Назгул Мусаева барои роҳбарии алоқаи байни лоиҳа ва вазорат миннатдории худро изҳор мекунад.

Лоиҳа ба президенти собиқи Академияи таъҳсилоти Қирғизистон, профессор Абакир Мамитов, директори институти ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва малакаи коркунони педагогӣ профессор, Назира Дюшеева миннатдории махсуси худро баён мекунад.

Ба таркиби гурӯҳи корӣ бо тренингҳо, ки бо фармони №476/1 аз 20 апрели соли 2017 Вазорати илм ва маорифи ҶҚ тасдиқ карда шудааст, Марат Усеналиев, роҳбари идораи томактабӣ ва беруназмактабии ВИМ ҶҚ, Алмаз Токтомаметов, президенти Академияи таҳсилоти Қирғизистон; Батмахан Абдухамидова, мутахассиси калони Академияи таҳсилоти Қирғизистон, Миргул Эсенгулова, дотсенти Университети Давлатии Қирғизистон ба номи И.Арабаев; Назгул Масалиева, омӯзгори калони Университети Давлатии Қирғизистон ба номи И. Арабаев, Роза Мамбетова, омӯзгори калони Университети Давлатии Қирғизистон ба номи И. Арабаев; Ольга Дудкина, муаллими калони РИПКиППР; Нурказы Маматов, муаллими калони РИПКиППР; Ирина Низовская, и.в.м. доценти МУЦА; Батма Топоева-Ставинская, директори «Кыргызтест»; Айнура Мааткеримова, Татьяна Кузнецова, Татьяна Демьянушко, ҷонишинони директор оид ба корҳои таълимию тарбиявии ташкилотҳои умумтаълимии № 69, № 15 ва № 4 ш. Бишкек, дохил шудаанд.

Лоиҳа тренерони миллӣ,омӯзгорон ва стажёрон, ки барои кор карда шудани дастури мазкур саҳми худро гузоштаанд, миннатдорӣ изҳор мекунад.Бе иштироки онҳо дастрас шудани дастур ғайриимкон буд.

Лоиҳа ба директорон ва омӯзгорони мактабҳои шаҳри Бишкекро барои ба фото ва видео тасвир гирифтан барои модулҳои тренингӣ изҳори миннатдории махсус мекунад.

Ҳар касе, ки дар ба даст расидани дастури мазкур кор кард, барои ба мақсади умумӣ – баланд бардоштани салоҳияти хонандагии талабагони синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Қирғизистон, расидан саҳми сазовори худро гузошт.

Валери Пауэр, и.в. роҳбари лоиҳаи «Вақти хондан»,
ш. Бишкек, Ҷумҳурии Қирғизистон

Тарҷума ва мутобиқсозии маводҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ, инчунин апробатсияи онҳо аз ҷониби Маркази ҳамгироии иҷтимоии Қирғизистон бо дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ва USAID дар доираи лоиҳа ба анҷом расонида шудааст.

Мо ба гурӯҳи ЮНИСЕФ барои омодагӣ ба ҳамкорӣ ва хоҳиши ба даст овардани натиҷаҳои баландтарин изҳори сипос менамоем. Мо инчунин мехоҳем ба тарҷумонҳо ва муҳаррирони матн: Мухтарам Халмуратова, Миясар Мирзоҳидова, Манзура Раджапова, Фаросат Олимова ташаккур гӯем. Кори онҳо осон набуд ва бо тарзи профессионалӣ иҷро шуд. Мавод аз ҷониби лоиҳаи USAID «Окуу керемет!» нашр ва ба мактабҳои мақсаднок тақсим карда шудааст.

МУҚАДДИМА

I. Маълумот

Лоиҳаи USAID «Вақти хондан» барои инкишофи малакаҳои хониш, бо ҳамроҳии Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон – ин муваффақият ва комёбиҳои Лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ мехонем»-ро, ки бо мақсади инкишофи малакаҳои асосии синфҳои 1-4 ба роҳ монда шудааст, тақвият медиҳад. Лоиҳаи «Вақти хондан» дар 900 мактабҳои Ҷумҳурии Қирғизистон чорабиниҳои инноватсионо ба роҳ мондааст.

II. Тавсифи мухтасари Лоиҳа

Эътибори асосӣ дар фаъолияти Лоиҳаи «Вақти хондан» ба мустаҳкам намудани талаботҳои асосии системаи таълим нигаронида шудааст. Нақши муҳими роҳбарони мактабҳоро ба ҳисоб гирифта, Лоиҳа барои директорон, ҷонишинони директор, роҳбарони иттиҳодҳои методӣ, методистон ва китобдорони мактаб тренингҳо оид ба таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастурҳои босифати таълими хониш, ташкили тренингҳоро дар назар дорад. Дар қатори омӯзиши усулҳои муосир барои омӯзгорон Лоиҳа амалӣ шудани усулҳои нав, бо воситаи чорабиниҳои такмили касбиро низ дастгирӣ мекунад.

Лоиҳа барои истифодаи арзёбии инкишофдиҳанда, ки ба омӯзгорон имконияти робитаи мутақобилаи самаранокро, ки худи хонандагон, падару модарони онҳо,омӯзгорон медиҳанд, ёрӣ медиҳад. Бо мақсади васеъ намудани таҷрибаи омӯзиши хонандагон, дар доираи Лоиҳа захираҳои таълими гуногун пешниҳод мегарданд, аз ҷумла маводҳои тақсимотии гуногуни омӯзиши хониш, мувофиқи синну соли кӯдакон таҳия шудаанд, Лоиҳа ҳамзамон барои иштироки падару модарон ва ҷомеа дар ташаккули салоҳиятҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат карда, ин иқдом аз нуқтаи назари Лоиҳа, ба шарте имконпазир аст, ки ҳайати омӯзгорон, роҳбарияти мактаб, кормандони вазорат,падару модарон ва ҷомеа масъулияти ягона дошта бошанд.

Доираи фарогирии Лоиҳаи «Вақти хондан»

- Фарогирии беш аз 180 000 нафар хонандагон барои таълими хониш бо усулҳои замонавӣ.
- Омӯзондани 7 000 нафар омӯзгорон бо таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ.
- Васеъ кардани имкониятҳои 1000 нафар директорон, ҷонишинони директор, методистон ва китобдорони мактаб бо мақсади амалишавии барномаи мукаммали таълими хониш дар мактабҳо.
- Омода кардани 400 нафар кормандони соҳаи маориф ба сифати тренерони миллӣ.
- Барои кормандони ВМИ, омӯзгорон, кормандони соҳаи табъу нашр таҳияи воситаҳо барои таснифоти адабиёт барои кӯдакон.
- Ба роҳ мондани арзёбии ташаккулдиҳанда, ки барои назорати рушди малакаи хонандагон ва мутобиқ намудани ҷараёни таълим ба ниёзҳои хонандагон имконият медиҳад.
- Татбиқи барномаҳои такмили ихисоси омӯзгороронӣ мактабҳо, ки ба фаъолияти Лоиҳа ҷалб шудаанд.
- Пешниҳоди маводҳо (китобҳо, маводҳои дидактикӣ ва ғ.) ба мактабҳое, ки ба фаъолияти Лоиҳа ҷалб шудаанд.
- Ташкили порталҳои электронӣ, ки ба шарикон истифода аз маводҳои таълимиро таъмин менамояд.
- Густариш додани дастгирии чорабиниҳои мактабӣ аз тарафи падару модарон ва ҷомеа.

Такмил додани усули таълими хониш

Фаъолияти Лоиҳа ба такмилдиҳии усули таълими хониш дар ҳамгироии ҷараёни таълим ва арзёбӣ равона гардида, мақсади асосии он баланд бардоштани салоҳияти китобхонии хонандагони синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Тренерони сатҳи миллӣ аз

маводҳои дастури мазкур дар тренингҳо барои омӯзгорон, директорҳо ва ҷонишинҳои онҳо истифода карда метавонанд. Дастурҳои мазкур барои дар мактабҳо татбиқ намудани усулҳои инноватсионии таълими хониш мураттаб ёфтаанд.

Принсипҳои умумии Лоиҳаи USAID «Вақти хондан» ва Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон асоси ҳамаи чорабиниҳои Лоиҳа мебошад. Гурӯҳи машваратӣ, ки аз намояндагони Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Қирғизистон, Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Қирғизистон, Институти ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони педагогӣ, инчунин дигар кормандони соҳаи маориф иборатанд, дар таҳияи дастури мазкур саҳми худро гузоштанд. Дар дастур модели ташкили тренингҳо барои омӯзгорон ва кормандони низоми маориф доир ба банақшагирӣ, таълими хониш ва арзёбии малакаҳои хониш пешниҳод шудааст.

Боварии умумии мо

- Ҳамаи талабагон метавонанд бобарор бошанд.
- Ҳар як талаба ба тарзи худ таҳсил мегирад.
- Истифодаи бомуваффақияти таълим дар асоси тадқиқотҳои эмпирикӣ ва дар ҷараёни ба малакаву маҳорат ноил гаштан ба амал меояд.
- Роҳбари синф дар ташаккули саводнокии талаба мавқеи асосиро бозӣ мекунад.
- Ба роҳбари синф дастгирии гурӯҳи калони ҳамҷамъиятҳо барои мусоид овардани шароитҳои таълимӣ барои ҳамаи талабагон зарур аст.
- Адолат – ин баробаркунӣ нест.

Модели тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан»

Модели тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан»
Лоиҳа дастурро, ки ба 1-2 ҷиҳати таълими хониш бахшида шудааст, омода кард. Модели мазкур аз тарафи омӯзгорон фаҳмидани консепсияи таълими хонишро осон мегардонад ва барои онҳо вақти мувофиқ ва дастгирии услубии мувофиқ барои татбиқ намудани онҳоро дар ҷараёни таълим пешниҳод мекунад. Дар як тренинг 1-2 малакаи хониш дида баромада шуда, такмил дода мешавад ва маводи пеш омӯхташуда дар раванди таълим мустаҳкам карда мешавад.
Модели мазкур дар давоми ду соли хониш мунтазам ташкил намудани машғулиятҳои тренингиро дар назар дошта, инчунин фаъолиятҳои зайл дар назар гирифта шудаанд:

- иштирокчиёни тренинг дар ҳар ду моҳи соли таҳсил машқҳо ва стратегияҳоро, ки барои беҳтар шудани дастовардҳои хонандагон дар самти хондан таъсир мерасонанд, аз худ мекунанд;
- ба омӯзгорон пешниҳод намудани маводи дидактикӣ, ки тавсияҳо ва маводди мувофиқро дар бар гирифта, стратегияҳои нав таълими хонишро осон мегардонад;
- назорати дарсҳо аз тарафи тренерони сатҳи миллӣ дар байни сессияҳо;
- ташкили ҷамъияти таълимии ҳамкасбон, дар он омӯзгорон масъалаҳо ва дастовардҳоро баррасӣ мекунанд,инчунин дар татбиқи стратегияҳо ва истифодаи усулҳои дар вақти тренинг омӯхтаашон ба якдигар кумак мерасонанд.

Схемаи 1. Модели тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан»

Шунавандагони мақсаднок

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ

Баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти Лоиҳа буда, омӯзгорон шахсоне ҳастанд, ки бевосита бо хонандагон кор мекунанд. Лоиҳа ба омӯзгорон барои омӯхтани усулҳои замонавии таълими хониш дар муҳити таълими ба шахс нигаронидашуда кумак мерасонад.

Директорон ва ҷонишинҳои онҳо

Дар доираи мактаб шахси аз ҳама бонуфуз директори мактаб ва ҷонишинони директор оид ба корҳои таълимию тарбиявӣ мебошанд, бинобар ин дастовардҳои хонандагон ба маҳорати роҳбарии онҳо низ вобаста аст. Аз тарафи роҳбарони мактаб ба роҳ монда шудани мақсаду вазифаҳои амиқу равшан, ҳам ба кормандони мактаб ва ҳам ба хонандагон самаранокии натиҷаҳоро таъмин мекунад. Агар ба ҳайси сарварон – директорон ва ҷонишинҳои директор барои дарки умумии зарурати хониш, ҳамчунин мақсаду вазифаҳои барномаи босифати хониш мусоидат намоянд, он гоҳ фаҳмидан асоси мақсад ва ҷаҳонбин шуда метавонад. Директорон ва ҷонишинони ӯ ҷаҳонбинни мактабро дар самти баланд шудани фарҳанги хониш дар мактаб ташаккул медиҳанд.

Директор ва ҷонишинони мактаб фарҳанги шогирдонро, ки ҳавасмандии ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгоронро ба раванди таълим меафзояд, бояд ташаккул диҳанд. Албатта, вазифаҳои дигари директор низ ҳатмӣ мебошанд. Вале фарҳанги накӯпарварона ва ҳавасмандкунандаи мактаб аҳамияти аавалиндараҷа дорад. Фарҳанги мактабӣ асоси рушду камолот мебошад. Директорони мактабҳои пешқадам фарҳанги мактабро ташаккул дода, боварии омӯзгоронро дар самти омода шудани онҳо ба амалишавии барномаи босифати таълими хониш меафзоянд.

Роҳбарони иттиҳодҳои методӣ (иштирокчиёни тренингҳо барои омӯзгорон)

Роҳбарони иттиҳодҳои методӣ аз шахсони муҳим барои дар амал татбиқ намудани таҷриба ва усулҳои пешқадами инноватсионии хониш мебошанд.

Ҳамчун тарғибгари таҷрибаи пешқадам роҳбари иттиҳодияи методӣ дар рушди муҳити хониш дар мактаб саҳми босазои худро гузошта метавонад. Дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон, ҳамкасбони худ роҳбари иттиҳодияи методӣ, дар ҷараёни таълим стратегияҳои пешқадамеро, ки дар тренингҳо омӯхтааст, бомуваффақият мавриди истифода қарор диҳад, дар байни омӯзгорон, паҳн кунад. Роҳбарони иттҳодияҳои методӣ ба воситаи ҳавасмандкунӣ, дастгирӣ шавқу ҳаваси

хонандагонро ба хониш бедор намоянд:

- ташхиси роҳҳои такмили усулҳои таълими хониш дар мактаб;
- иштирок дар маҷлисҳои иттиҳодияи методии мактаб;
- кумак кардан ба омӯзгорон дар муайян намудани мазмун, шакл, усулҳо ва воситаҳои таълими хониш;
- мусоидат намудан дар баргузориии чорабиниҳо оид ба хониш;
- пешниҳоди машварату кумаки амалӣ дар гузаронидани чорабиниҳо оид ба хониш;
- мушоҳидаи ҷанбаҳои муосир дар методикаи таълими хониш ва таҷрибаҳои байналмилалӣ барои маълумотҳои зиёд ба даст овардани омӯзгорон.

Китобдорони мактаб

Китобдорон дар дастгирии раванди таълими хонандагон ва дар ташаккули дастоварду мустақилияти онҳо нақши муҳим мебозанд.

Китобдорон бояд дар нақши:

- шарики омӯзгор дар ҷараёни таълим;
- шарики омӯзгор, ки услубҳои инфиродии таълимро дастгирӣ менамояд;
- кооршинос (эксперт) дар самти таъмин намудан бо мавод ва ахбор;
- сарвар ва шарики омӯзгорон дар ташкил ва гузаронидани якҷояи чорабиниҳои мактаб доир ба хониш;
- сарвар барои фароҳам овардани муҳити созгор, ки барои хониши ҳамаи хонандагон мусоидат мекунад;
- ташкилотчии чорабиниҳои беруназмактабӣ оид ба хониш бошад.

Китобдорони мактаб ҳамчун ҳайати муҳими соҳаи маориф дар омода кардани хонандагони муваффақ масъуланд. Роҳу воситаи ба ин мақсад ноил шудан муҳайё кардани шароити хондан, робитаи қавӣ доштан бо оилаи хонандагон, намояндагони китобхонаҳои маҳаллӣ ва омӯзгорон.

Китобдорон метавонанд доираи васеи ҷомеаро ба ҷараёни хониш ҳавасманд намоянд, дастгирӣ кунанд ва барои иштироки онҳо мусоидат кунанд. Рушди малакаҳои хониш ба ғайр аз пешрафти хониш мақсадҳои зериннро дар бар мегирад:

- баланд бардоштани боварии хонандагон ба малакаҳои худ;
- васеъ намудани интихоби мавод барои хониш;
- ба ҳама иштирокчиёни раванди таълим;
- барои табодули таҷрибаи хониш имконият фпароҳам овардан;
- аз муҳим ва зарур будани хониш ҳамчун як ҷараёни эҷодӣ огоҳӣ ёфтан.

Корҳои амалӣ (машқҳое), ки дар тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» пешкаш шудаанд, барои истифодаи китобдорони мактаб мутобиқ карда шаванд.

---

[1] http://www.sla.org.uk/role-of-school-librarian.php

Маводи тренинг (омӯзиш)

Дастур аз даҳ модули тренингӣ иборат буда, онҳо махсусан ба ҷараёни хониш бо назардошти хусусиятҳои махсуси гузаронидани онҳо бо забони тоҷикӣ, тартиб дода шудаанд. Ҳар як модул намунаи машқҳоро дар бар мегирад. Тренерони миллӣ, омӯзгорон ва ҳайати роҳбариву идоракунии мактабҳои бо Лоиҳа фаъолиятдошта барои амалӣ намудани таълими хониш ва дигаргуниҳои инноватсионӣ дар мактабҳои ибтидоии Ҷумҳурии Қирғизистон имконияти васеъ доранд.

Даҳ модул барои се гурӯҳи иштирокчиён омода ва мутобиқ гардонида шудааст:

1) барои тренерони миллӣ;
2) барои омӯзгорон;
3) барои директорон,ҷонишинони директор, китобдорони ва методистони мактаб.

Панҷ модули аввал, дар соли якуми омӯзонда шуда, ба панҷ малакаи асосии хониш бахшида шудааст:

I. Дарки овоз
II. Шиносоӣ бо алифбо
III. Хониши бурро
IV. Луғатомӯзӣ
V. Дарки маъно

Панҷ модули боқимонда, ки барои соли дуюми таъоим дар назар гирифта шудаанд, ба мавзӯъҳои зерини педагогӣ бахшида шудаанд:

VI. Таълими ба шахсият нигаронидашуда
VII. Арзёбии ташаккулдиҳанда
VIII. Усулҳои дастгирии ҳавасмандӣ ва робитаи мутақобилаи самаранок
IX. Мувофиқи сатҳи рушд истифодаи маводи иловагӣ дар мамашғулиятҳо
X. Иштироки ҷомеа ва падару модарон дар таълими хониши хонандагон

Лоиҳаи «Вақти хондан» дар таҳияи модулҳо таносубро истифода мебарад, бинобар ин, дар онҳо ҳамбастагии назария ва корҳои амалӣ (машқҳо) мавҷуд буда, барои баланд бардоштани ҷараёни таълими хониш пешбинӣ шудаанд. Ҳар як модул иборат аст аз:

- мақсад ва вазифаҳои тренинг;
- муайян кардан ва тавсифи малакаҳои хониш ё муносибати дидактикӣ;
- стратегияҳо ва роҳҳои омӯзиш;
- воситаҳои арзёбии салоҳияти хониш;
- рӯйхати адабиёти ба омӯзгорон тавсияшуда.

Илова ба дастури Лоиҳаи «Вақти хондан» барои дастгирии омӯзгорон захираҳои таълимӣ, масалан, маводҳои ба гурӯҳҳо ҷудо кардашудаи хониш, варақчаҳои дидактикӣ ва варақчаҳо бо машқҳо барои баланд бардоштани сифати таълими хониш тавсия карда мешавад.

Баробарии гендерӣ ва таҳсилоти фарогир

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ дар таҳияи маводҳои таълим гирифтани баробарии гендерӣ дар назар гирифта мешавад. Дар тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» аҳамияти муносибати баробар новобаста аз ҷинсияти онҳо таҳти назар аст. Ба маълумоти хонанда расонидан, ки ҷараёни таълим муҳим буда, дар он аз рӯйи аломати ҷинсӣ ба маҳдудият роҳ дода намешавад, ки ин асоси тағирёбии рафтор ва муносибат дар хонандагону омӯзгорон мебошад.

> Вақте ки омӯзгор муносибати «якхела»-ро ба кор мебарад ва ниёзҳоии инфиродии хонандаро ба назар нагирифта, фикр мекунад, ки ҳар кас, вазифаи супоридашударо дар як вақт, бо як забон иҷро карда тавонад, – ин барои беҳтар шудани дастовардҳои хонандагон намеорад.

Ба масъалаи таҳсилоти фарогир низ чунин таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Синф – намунаи гуногунрангии ҷомеаест, ки мо дар он зиндагӣ мекунем. Мақсади таҳсилоти фарогир дигаргун намудани мазмуни стандартҳо набуда, балки татбиқи усулҳои таълим аст, ки гуногунии қобилиятҳо, таҷрибаи фарҳангӣ, инчунин хусусият ва талаботҳои хонандагонро ба назар мегирад. Дар асоси ин муносибатҳо хонандагоне, ки ба талаботҳои махсуси таълимӣ эҳтиёҷ доранд, метавонанд бе пастзании қобилиятҳои таълимиашон таълим гиранд. Дар таҳсилоти фарогир истифодаи муносибати «якрангӣ» ҷоиз нест. Ҳатто дар хонандагони дорои нуқсони якхела, масалан, биноӣ, савия ва тарзи таълимашон гуногуни буда метавонад. Таҳсилоти фарогир хонандагонро ба истифодаи имкониятҳои гуногуни баён намудани фикри худ аз рӯйи донишҳои гирифташуда, ба даст овардани маълумот ҳавасманд месозад.

Таҳсилоти фарогир мазмуни иҷтимоии маъюбиятро эътироф намуда, ба рощ мондани муносибати хосро, ки гуногуниро дар назар дорад, дар барномаи таълим дастгирӣ менамояд. Ба намунаҳои таҳсилоти фарогир дохил мешаванд:

- муайян намудани мақсадҳои асосии ҳар як дарс;
- муайян намудани натиҷаҳои чашмдошт (интизориҳо);
- ҷойгиршавии омӯзгор дар синф тарзе, ки ҳама дида тавонад;
- то оғози дарс пешниҳоди адабиёт барои хондан;
- ивази усулу фаъолиятҳо ҳангоми машғулият;
- ба таҷрибаи шахсии хонандагон таваҷҷуҳ кардан;
- Зудбадал будани усулҳои арзёбӣ ҳангоми истифода.

Шарҳи мазмуни тренингҳо

Дастури тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» ба омӯзгорони синфҳои 1-4, директорон, ҷонишинони директор, китобдорони мактаб ё роҳбарони иттиҳодияҳои методии мактабҳои давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон, инчунин барои тренерони миллӣ пешбинӣ шудааст. Дастури мазкур дар худ маълумот ва маводҳоеро, ки барои иштирокчиён дар ҷараёни таълим дар давоми дастури дусолаи Лоиҳаи «Вақти хондан» ва дар оянда дар таҷрибаи педагогии худ истифода мебаранд, дар бар мегирад.

Натиҷаҳои омӯзиши омӯзгорон, директорон, ҷонишинони директор, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, методистҳо ва китобдорони мактаб

Мақсади ниҳоии барномаи тренингҳо васеъ шудани донишҳои иштирокчин дар самти таълми малакаҳои хондан ва ворид кардани дигаргуниҳо дар усули таълии хондан мебошад.
Дар интиҳои барномаи дусола иштирокчиён метавонанд:

- нақши худро ҳамчун қувваи пешбаранда, ки ба дигаргуниҳо дар синфу мактаб мусоидат мекунанд, дарк намоянд;
- панч малакаи асосиро, ки барои ташаккули салоҳияти хониш заруранд, муайян намоянд;
- дар ҷараёни таълим аз рӯйи панҷ малакаи асосиро машқҳоро иҷро кунанд;
- бо назардошти муносибати ба шахсият нигаронидашуда иваз кардани фаъолият, истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, самаранокии робитаи мутақобила ва арзёбии ташаккулдиҳанда;
- дар синф ва мактаби худ ташкил намудани муҳити созгори хониш;
- ба даст овардани донишҳои нав аз рӯйи натиҷаи мушоҳидаи дарсҳо, ба назар гирифтани маслиҳатҳои р методии ҳамкасбон барои татбиқи усулҳои нави хониш;
- ҷалби падару модарон ва намояндагони ҷомеа ба сифати шарикон ба раванди таълими хониш;

Соли аввал

Шарҳи даҳ модул

Барои хонандаи комёб шудан панҷ малакаи асосии хонишро бояд соҳиб шуд. чунки онҳо унсурҳои асосии салоҳияти хондан мебошанд. Омӯзгорон бояд алоқамандии малакаҳои хониш, ҳамчунин принсипҳои банақшагирӣ, омӯзиш ва санҷиши дараҷаи азхудкунии панҷ малакаи асосиро донанд



Модули 1. Дарки овозӣ. Дарки овозӣ ин маҳорати шунидан ва идора кардани овозҳои гуногуни нутқ мебошад. Бояд қайд кард, ки дарки овозӣ ва овошиносӣ мафҳумҳои гуногунанд, зеро якумаш ба хат алоқаманд набуда, фақат унсури шунавой аст. Дарки овозӣ асоси аз худ кардани хондан аст. Тадққиқоту пажӯҳишҳо нишон доданд, ки дар кӯдаконк, ки дар асоси барномаи махсуси дарки овозӣ хонданро ёд гирифтанд, малакаҳои баланди хонишро соҳиб шуданд.

Модули 2. Шиносой бо алифбо. Шиносой бо алифбо аз унсурҳои аввалини сохтори хониш аст. Яъне, шиносой бо алифбо омӯзиши алоқамандии ҳарф ва овоз мебошад. Масалан, вақте ки ба хонандагон ҳарф нишон дода мешавад, онҳо овози ҳамон ҳарфро талаффуз мекунанд. Алоқамандии овозу ҳарфро нафаҳмида, ёд гирифтани хондан имконнопазир аст. Чунин алоқамандӣ унсури муҳимми барномаҳои таълимии хониш буда, ба хонандагон ҳамчун воситаи дарки калимаҳои нав дар шакли таври хаттӣ пешниҳод мегардад.

Модули 3. Хониши буррову равон. Мувофиқи санадҳои меъёрӣ хониши буррову равону имконияти хониши тез ва амиқи матн ва баёни дурусти фикрро дар бар мегирад. Хониши равон мисли пулест (кӯпрук) байни шинохти овоз ва дарки маънӣ. Гарчанде рамзкушой қадами нахустини шинохти калима аст, хонандагон дар ниҳоят малакаҳои худро дар ин самт ба дараҷаи автоматӣ бояд расонанд, ки диққати онҳо озод гардида, аз овозу ҳарфҳои ҷудогона ба мундариҷаи калима нигаронида шавад Дар ин модул роҳу усулҳои амалии баланд бардоштани фаҳмиш то зинаи хониш бо мисолу супоришҳои амалӣ барои тақвияти малакаҳои касбии омӯзгорон дар ин самт ҷой дода шудаанд.

Модули 4. Луғатомӯзӣ. Луғат ин малакаи фаҳмидани маънои калимаро баъд аз дидан ва ё хондани он ва талаффузи онро дар матн ва ё гуфтор дар бар мегирад. Луғатомӯзӣ як рукни асосии хониш ба шумор рафта, омӯзгоронро зарур аст, ки дар ин самт маҳорату малакаҳои худро сайқал диҳанд. Дар модули мазкур саволу супоришҳои амалӣ оид ба роҳу усулҳои беҳтар намудани луғатомӯзии хонандагон бо намунаҳо оварда шудаанд. Донистани роҳу усулҳои истифодаи луғату тафсирҳо дар машғулиятҳои хониш барои васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва бой шудани захираи луғавии хонандагони синфҳои ибтидой муосидат менамояд, ки он дар модул нишон дода шудааст.

Модули 5. Дарки маъно. Лоиҳаи «Вақти хондан» бар он эътимод дорад, ки хониш ва фаҳмиш дар сатҳи калима ҷузъи ҷудонашавандаи таркиби хониш аст ва дар алоҳидагӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хониши хонанда мусоидат намекунанд. Фаҳмиши матни хондашуда ин ҷараёни мураккаби ҳамкории байни хонанда,матн ва мазмуни он мебошад. Вай маҷмӯи маҳсули шинохти калима ва фаҳмиши нутқ аст. Таълими босифати малакаҳои фаҳмидани матни хондашуда ниёзҳо ва хусусиятҳои инфиродии хонандаро ба назар мегирад. Омӯзгорон ба хонандагон дар такомули салоҳиятҳои хонандагӣ дар раванди омӯзиши малакаҳои хониши равону бурро, фаъолгардонии донишҳои мавҷуда, ғанӣ шудани захираи луғавӣ, бедор кардани ҳавасмандии хонандагон ва барои ҷавоб гирифтан ба саволҳое, ки аз матн бармеоянд, ёрӣ мерасонанд.

Соли дуюм

Модулҳои омӯзишии соли дуюми банақшагирифташуда ба тағйир додани тарҷрибаи таълими анъанавӣ ва татбиқи усулҳои нав, ки барои беҳтаршавии дастовардҳо мусоидат мекунанд, равона шудаанд.

Модули 6. Таълими ба шахсият нигаронидашуда. Таълими ба шахсият нигаронидашуда стратегияест, ки берун аз доираи муносибатҳои анъанавии таълими тӯли садсолаҳо истифодашуда аст. Стратегияи мазкур нақши омӯзгору хонандаро иваз мекунад.

Доираи стратегияи мазкур аз омӯзиши фаъол, таълими муштарак, ҳамчунин истифодаи усулҳои таълими индуктивиро дар бар мегирад. Натиҷаи таҳқиқоти сершумор бар он далолат мекунанд. Ки таълими ба шахсият нигаронидашуда назар ба таълими анъанавӣ афзалият дорад.

Модули 7. Арзёбии ташаккулдиҳанда. Навъҳои гуногуни арзёбии таълим (ташхисӣ, ҷамъбастӣ, ташаккулдиҳанда) дар раванди таълим истифода мешаванд. Арзёбии ташаккулдиҳанда ё арзёбии таълим дар низоми маориф нақши муҳимро мебозанд ва истифодаи навъҳои он вобаста ба маҳорату малакаи омӯзгор ва мақсадҳои таълим интихоб карда мешавад. Тарзи истифодаи воситаҳои гуногуни арзёбӣ, аз қабили робитаи мутақобила, ба худ баҳо додан, ба ҳамдигар баҳо додан, саволдиҳӣ, таҳияи мақсадҳои таълимии дарс ва санҷиши онҳо тавассути меъёрҳо, муайянсозии нишондиҳандаи муваффақият ва дигар усулҳои арзёбӣ дар машғулиятҳои омӯзгорони мо истифода карда мешаванд. Мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда ҷамъоварии маълумот барои қабули тасмимҳои методӣ мебошад. Ин навъи арзёбӣ барои боз ҳам беҳтар азхуд намудани салоҳиятҳои таълимӣ, бахусус дар ҷараёни хониш манфиатовар ба шумор меравад.

Модули 8. Усулҳои ҳавасмандкунӣ ва пешниҳоди робитаи мутақобиларо ба хонандагон пеш. Барои дар таълим ба дигаргуниҳои мусбат ноил гаштан ба хонандагон рафтори мусбатро ба таври возеҳ фаҳмондан лозим аст. Ҳавасмандӣ (ваҷҳиёт) шавқи хонандагонро барои кӯшиш кардан меафзояд. Дар ин модул усулҳои ҳавасмандкунии хонандагон ва дигаргуншавии муносибат дар фаъолияти таълимии онҳо на аз рӯйи миқдор (баҳо), балки аз лиҳози сифати робитаи мутақобила (шарҳи лаҳзаҳои мусбат дар давоми фаъолияти онҳо) дида баромада мешавад.

Модули 9. Истифодаи маводи хониши гурӯбандишуда. Дар доираи Лоиҳаи «Вақти хондан» ба муаллифон ва кормандони нашриёт имкон фароҳам омад, ки воситаҳои гурӯҳбандии матнҳои барои хониши бачагон таҳияшударо истифода баранд. Инчунин дар нақша ҳаст, ки як қатор маводи хониш аз рӯйи сатҳҳо ҷудо карда шуда, пешкаши бачагон гардад. Дар назар аст, ки барои омӯзгорон тренингҳо оид ба истифодаи самараноки китоб ва маводҳои хониш, ки бо ёрии воситаҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, баогузор карда мешаванд.

Модули 10. Иштироки ҷомеа ва падару модарон дар таълими хониш. Иштироки ҷомеа дар тарбияи насли наврас нақши хос дорад. Дар баробари падару модарон ва оила, ки иштирокчиёни асосии тарбия ва таълими кӯдак мебошанд, ҷомеа низ ба маънои томаш барои таъмини таҳсилоти босифати ҳамаи хонандагон масъул аст. Дар ин модул таъмин намудани иштироки падару модарон ва аъзоёни ҷомеа дар чорабиниҳои мактаб доир ба хониш пешниҳодҳо оварда шудаанд.

Роҳҳои ба даст овардани малакаи хониш

Вақт, таълим, матн, забон ва санҷиш (тест)

Дар ҳамаи тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» ба панҷ унсури таъминкунандаи самаранокии дастури хониш: вақт, омӯзиш, матн, забон ва тест эътибори махсус дода мешавад.

- Вақт. Ба хонандагон барои ташаккули заминаи устувори хониш вақти кофӣ лозим аст.
- Таълим. Омӯзгорон бояд усулҳои самараноки таълимро ба кор баранд, то хонандагон хонданро ёд бигиранд.Модулҳои таълимии Лоиҳаи «Вақти хондан» бо дарназардошти пайдарҳамӣ зинаҳои «намунавӣ–муштарак–идорашаванда– мустақил»-и хонишро тартиб додааст, ки дар зинаи якум омӯзгор ба хонандагон хониши намунавиро намоиш медиҳад,дар зинаи дуюм-хонандагон китоб ё ки ягон матни дигарро инфиродӣ ё ки таҳти роҳбарии омӯзгор мехонанд, дар зинаи сеюм-омӯзгор ҷараёни хонишро бо роҳи ташкили кор аз рӯйи матн, ки ба сатҳи гурӯҳҳо мувофиқат мекунад, идора мекунад, дар зинаи чаҳорум хонандагон мустақил мегарданд.
- Матн. Дар ихитёри хонандагон бояд матнҳои гуногуни хониш бошанд. Лоиҳаи «Вақти хондан» ба ҳар як мактаби такягоҳиаш маҷмӯи маводи хонишро аз рӯйи мураккабӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардашуда пешниҳод мекунад.
- Забон. Хонандагон бояд имкони баёни фикру андешаи худро дошта бошанд. Ба онҳо барои бо забони модариашон таълим гирифтан ёрӣ дода шавад. Албатта ин барои дуруст аз худ намудани маводи омӯзиш таъсири мегузорад.
- Тест. Тавассути санҷиши мунтазами тестӣ мониторинги рушди малакаҳои хонандагонр амалӣ бояд кард. Арзёбӣ (ташаккулдиҳанда) ҳангоми таълим ба омӯзгору хонандагон имкон медиҳад, ки инкишофро дар дастовардҳои таълимиашон дида тавонанд.

Стратегияи «Пеш аз – Ҳангоми – Баъд аз хониш»

Лоиҳаи «Вақти хондан» дар тренингҳои худ усули «Пеш аз-Ҳангоми – Баъд аз хониш»-ро истифода мебарад. Хониш алоқаи барқароршудаи байни матни нав ва матни омӯхташуда (донишҳои пешина)-ро дар назар медорад. Стратегияи «Пеш аз – Ҳангоми – Баъд аз хониш» барои ангезиши донишҳои мавҷудаи хонандагон истифода шуда,дар натиҷа дар майнаи сари кӯдак сохтори зеҳнӣ ташаккул меёбад, дар он матн, фаҳмиш ва ғояҳои нав ба вуҷуд меоянд. Ин сохтор пеш аз хондан мавҷуд буда, ҳангоми хониши матн аз ҷониби хонанда мустаҳкам мегардад, баъд аз хондан ин фикрундеша ва фаҳмишҳо дар асоси донишҳои мавҷуда таҳлил мешаванд (ё аниқ, пурра мегарданд).

Дар поён оид ба ин мавзӯъ машқҳо дода шудаанд.

Машқҳои пеш аз хониш

«Резиши калимаҳо»

«Резиши калимаҳо» машқи шавқоварест, ки он ба хаттӣ гузаронида мешавад ва хонандагонро ба хониш ҳавасманд мекунад.

Тарзи иҷро

1. Аз 7 то 10 калимаи такякунанда, ё ибора аз матн интихоб карда мешавад; бояд аз калимаҳои ба хонандагон шинос ва ношинос интихоб карда шавад.
2. Калимаҳо ба хонандагон дикта карда мешавад, то ки онҳоро беғалат навишта гиранд.
3. Ба хонандагон бо истифодаи калимаҳои додашуда камаш аз ҳафт ҷумла иборат ҳикоя тартиб диҳанд, супориш дода мешавад.
4. Хонандагон ба шарикони худ воқеаҳои худро нақл мекунанд ва дар охир якчанд нафар аз хонандагон саргузаштҳои худро ба тамоми синф хонда медиҳанд.
5. Дар натиҷа матни барои дарс тайёркардашуда хонда мешавад ва ҷиҳатҳои монандии саргузашту воқеаҳо муайян карда мешавад.

«Саволҳои пешакӣ»

Матн дида баромада шуда, саволҳо тартиб дода мешавад, ки ба онҳо ҷавоб ёфтан мумкин бошад.

Хонандагон матнро хонда ба саволҳои худ ҷавоб меёбанд.

Тарзи иҷро

Ҳамчун вариант хонандагон метавонанд саволҳои омӯзгор тартиб додаро ба шакли дигар баргардонанд.

Хонандагон матнро хонда ба саволҳои худ ҷавоб меёбанд.

«Расмҳо»

Хонандагон мазмуни матнро пешгӯй карда, расмҳои китобро аз назар мегузаронанд.

«Зудамал бош!»

Саволҳои зиёде, ки хонандагон дар муддати муайян (3-5 дақиқа) бояд ба онҳо ҷавоб диҳанд. Саволҳоро ба тахтаи синф навиштан, дар экран нишон додан ва ё дар варақчаҳо навишта ба аҳли синф додан мумкин аст. Иҷрои супоришҳои ин машқ ба таври хаттӣ гузаронида мешавад ва диққат ба мавзӯи дарс равона мешавад, на ба имло.

Тарзи иҷро

Машқи мазкур одатан пеш аз танаффус иҷро карда мешавад, аммо дар ин лаҳзаҳо ҳам иҷро кардан мумкин аст:

1) баёни мавзӯи нав;
2) шарҳи мухтасари мавзӯи гузашта;
3) гузаронидани нақли хаттӣ, ки баъдан муҳокима карда мешавад.

«Ман – ту – мо»

Машқи «Ман – ту – мо» – омӯзиши дастаҷамъона (якҷоя хондан, технологияҳои ҳамкорӣ) мебошад.

Тарзи иҷро

1. Мавзӯъ баён карда ё ки савол гузошта мешавад ва хонандагон мустақилона мулоҳиза намуда, фикри худро менависанд.
2. Баъд хонандагон дунафарӣ табодули андеша мекунанд.
3. Сипас ба хулосаи ягона омада, ба саволҳо ҷавобҳои хаттӣ тартиб медиҳанд.
4. Ҳодисаи худро ба аҳли синф мехонанд.

«Ҷадвали МДД»

Ҷадвали МДД (Медонам, донистан мехоҳам, донистам) аз се сутун иборат буда, вай имконият медиҳад, ки қисматҳои мазмуни матн аз рӯйи «Пеш аз – Ҳангоми – Баъд аз хониш» пур карда шавад.

Тарзи иҷро

1. Тахтаи синф ба се сутун тақсим карда мешавад, ё ки хонандагон дар варақҳо кор мекунанд.
2. Сутунҳо бо ҳарфҳои «М», «Д», «Д» ишорат карда мешавад.
3. Фақат номи мавзӯъ баён карда мешавад.
4. То хондани матн хонандагон донише, ки доир ба мавзӯъ доранд, дар сутуни ҳарфи «М» менависанд. Ин кор ё ба таври мустақилона, ё бо тамоми синф гузаронида мешавад. Дар ин мавриди омӯзгор ақидаҳои хонандагонро ба тахтаи синф менависад.
5. Баъд хонандагон дар сутуни дуюми «Донистан мехоҳам» саволҳои худро оид ба мавзӯъ менависанд. Аввал инро тамоми синф анҷом медиҳад, пас хонандагон ин сутунро мустақилона ба анҷом мерасонанд.
6. Агар корҳо ба таври мустақилона иҷро шавад, якчанд хонанда пеш аз хониши матн навиштаҳои худашонро ба тамоми синф хонда медиҳанд.
7. Баъди хондани матн хонандагон дар сутуни сеюм «Донистам» маълумоти гирифтаашонро менависанд. Дар ин ҳолат бояд ба сутуни «Дм» эътибор намудан лозим, зеро ба саволҳои ин сутун аз рӯйи матн ҷавоб гирифта шуд, ё не. Дар дақиқаҳои аввал беҳтараш ин машқҳо ба таври умумӣ, бо тамоми синф иҷро карда шавад (сутуни «Д»-ҳамчун як шарҳи матни хондашуда ва супоришҳои навбатӣ мебошанд).

Машқҳо барои марҳилаи ҳангоми хондан

«Ширешкоғазҳо»

Хонандагон дар машқ варақчаҳои рангаи ширешдорро истифода мебаранд, яъне ба варақча ҷавоб ё ки фикр навишта шуда, дар ҷойи зарурии матн часпонда мешавад. Варақчаҳоро барои қайд кардани фаъолияти якҷояи хонандагон нигоҳ доштан мумкин аст.

Тарзи иҷро

- Омӯзгор ба хонандагон варақчаҳои рангаи ширешдорро медиҳад (шумораи онҳо бо ҳаҷми матн вобаста аст).
- Баъд хонандагон супориши барои ҷамъбаст намудани фикру мулоҳизаҳо, саволҳо тайёр намудан ва фикрҳои ҳангоми хониш омадаро менависанд (саволҳор гузошта, баъдтар ҷавобҳоро додан мумкин).
- Ҳангоми арзёбӣ фақат иштироки фаъоли хонанда ва кор бо матн и ба назар гирифта шуда, ба дурустӣ ё нодурустии ҷавобҳо эътибор дода намешавад. Ширешкоғазҳоро ҳамчун воситаи ба хотир овардани мазмуни матн, воситаи такрор истифода намудан мумкин аст.

«Шарҳи матн»

Ин машқ дар мавриди хониши матн, ки ҳамкории хонанда бо матн мебошад, иҷро карда мешавад. Хонандагон ширешкоғазҳоро барои нишон додани се навъи кор бо матн истифода бурда метавонанд: (ш) ширешкоғазҳо дар пеши хулосаҳое, ки хонандагон ҳамфикранд, часпонда мешавад; (!) ширешкоғазҳо дар пеши хулосаҳое, ки фикрҳои асосӣ баён карда шудааст, часпонда мешавад; (?) ширешкоғазҳо дар пеши хулосаҳое, ки хонандаро ба душворӣ дучор мекунанд, часпонда мешавад. Машқи мазкур махсусан барои кор бо матнҳои ахборӣ мувофиқ аст.

«Чархи хулосаҳо»

Омӯзгор дар синф давр зада, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки аз матн ҷумлаеро хонанд, ки фикри асосӣ дар он омадааст. Аз ҷавоби хонандагон, новобаста аз такрори онҳо омӯзгор метавонад муайян кунад, ки хондани матн ба кадом сатҳ гузашт, ба кадом ҷиҳатҳо боз эътибор додан лозим аст. Барои хонандагон чунин шароит фароҳам мегардад, ки барои чавобҳои

«нодуруст» касе муҳокима намегардад ва ин тарзи муносибат шавқу ҳаваси хонандаро ба хондан боз ҳам зиёд мекунад. Машқи мазкур имконияти нақли даҳонии матнро медиҳад, ки ҳамаи хонандагон мазмуни матнро фаҳмида метавонанд.

«Бозхонӣ»

Хонандагон барои ба ҷавобҳои/фикрҳои/ақидаи худ исбот ёфтан, ё ки он чӣ, ки мухолифи фикру ақидаи дигарон аст ба матн боз рӯ меоранд.

Тарзи иҷро

1. Омӯзгор ба хонандагон мефаҳмонад, ки «бозхонӣ» – ин гашта-баргашта хондани матн не, балки дарёфти фикри асосии матн аст. Машқи мазкурро ба раванди «Ман меҷӯям» низ дохил карда, мақсади он ёфтани исботи нуқтаи назари худ мебошад.
2. Илова бар рушди малакҳои мустаҳкам кардани ҷавоби худ, нуқтаи назар ба мазмуни матн, бозхониро барои такмили малакаҳои кор бо матн бо ёрии сарлавҳа, калимаҳои ишоратшуда ва ғайра истифода кардан мумкин аст.

«Порчаҳо»

«Порчаҳо» ба қисмҳо ҷудо кардани матни мураккаби калон мебошад. Хонандагон қисмҳои матнро хонанда, бо суханҳои худ нақл мекунанд. Омӯзгорон ин стратегияро дар кор бо матнҳои мураккаби гуногунҳаҷм метавонанд истифода баранд. «Порчаҳо» ба хонандагон имконият медиҳад, ки аз матн калимаҳои асосиро ҷудо кунанд, мавзӯи асосии матнро муайян кунанд, малакаи нақл карданро инкишоф диҳанд. Ин усул ҷараёни таҳлил ва таркиби маълумотро осон мекунад.

Тарзи иҷро

«Порчаҳо»-ро дар ҳамаи марҳилаҳои «Пеш аз – Ҳангоми – Баъд аз хониш» истифода бурдан мумкин аст, чунки дар синф иҷро намудани баъзе вазифаҳо аз хониш бо роҳбарии омӯзгор, нисбат ба кори мустақилонаи беруназсинфии хонандагон самараи хуб медиҳад. «Порчаҳо» барои хонандагони нав низ роҳи қулай аст, зеро онҳо аз ҳаҷми матнҳо ва вазифаҳои бисёр даступо гум карданашон мумкин аст. «Порчаҳо» ҳамчун қисми пайдарҳамии «Пеш аз – Ҳангоми – Баъд аз хониш», ки як порча давоми дигар порча шуда метавонад, истифода мешавад. Бояд матнҳо ба қисмҳои сужетдор, мазмуннок, бо фикри тамомшуда тақсим карда шавад, дар акси ҳол дар фаҳмиши матн душвориҳо ба вуҷуд меояд.

Баъзан, агар ин стратегияро омӯзгорон бори аввал истифода баранд, матнро пешакӣ ба қимсҳо ҷудо мекунанд. Дар мавридҳои дигар асосан, ба хонандагон мустақилона ба қисмҳо ҷудо намудани матн супориш дода мешавад. Ҳаҷми матн вобаста ба савияи салоҳияти хонандагии хонандаро ба эътибор гирифта дигаргун мешавад, яъне хонандагоне, ки дар хондан мушкилӣ доранд, фақат бо ибораҳо кор мекунанд. Хонандагони пешқадам бо порчаҳои ҳаҷман калон кор карда метавонанд. Хонандагон порчаро бо суханони худ, ба таври хаттӣ, баён мекунанд. Дар охири ин машқ хонандагон мазмуни матни хондашударо бояд нақл карда тавонанд. Ба хонандагони синни хурд омӯзгор вазифаи нақли мазмуни як порчаро доданаш мумкин аст.

«Саволҳои пешакӣ»

Матн дида баромада шуда, саволҳо тартиб дода мешавад, ки ба онҳо ҷавоб ёфтан мумкин бошад. Нигаред ба марҳилаи «Пеш аз хондан».

«Маҳфилҳои адабӣ»

«Маҳфилҳои адабӣ» чорабиниҳои ба шахс нигаронидашудаи хониш буда, дар он 4-6 нафарӣ хонандаҳо дар гурӯҳҳо кор мекунанд. Нақши ҳар як хонанда дар муҳокимаи матн барои осонтар намудани кор муайян карда мешавад. Маҳфилҳои адабӣ ба хонандагон

имкон медиҳад, ки ҷараёни таълимро аз ҳисоби муҳокимаи фикру ақида, ташкил додани саволҳои умумӣ, ҳамроҳ муҳокима намудани воқеаву ҳодисаҳои матн идора кунанд. Бояд қайд намуд, ки машқи «маҳфилҳои адабӣ» фақат ба хониши адабӣ тааллуқ надошта, онро барои дигар хели матнҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Қоидаҳои маҳфилҳои адабӣ ва натиҷаҳои пешбинишударо бояд такрор кард, то ки хонандагон мустақилона машқҳоро иҷро карда тавонанд. Барои афзалияти корро фаҳмидан, албатта муддати дароз лозим мебошад. Омӯзгороне, ки дар истифодаи аввали ин машқ аз самара умедвор мешаванд, шояд ноумед шаванд. Ин маҳфилро бо ёрии устодони ботаҷриба сараввал бояд гузаронд, то дар оянда мушоҳидаҳои худро муқоиса карда, якдигарро дастгирӣ кунанд.

Нақшҳои имконпазир дар гурӯҳҳо.

Сарвари (роҳбари) муҳокима оид ба порчаи матн, ки гурӯҳ аз болои он кор мекунад, 4-5 савол тартиб медиҳад Саволҳо гуногун буда, барои чуқуртар фикру андеша намудан бояд водор намоянд. Фасилитатори муҳокима дар ҷараёни муҳокима ҳамчун роҳбар бошад ва бояд ҳар як «фикри асосӣ»-и матн аз назар берун намонад.

Пайвандгар алоқамандии умумиятро байни матне, ки гурӯҳ аз рӯйи вай кор мекунад ва ҳаёти имрӯза муайян мекунад: умумияти воқеаву ҳодисаҳои матн ва ҳаёти мактаб, ё ки дар ҷамъият, ҳодисаҳои монанд, ки дар ҷойҳои дигар ба вуқӯъ омадааст, муқоисаи симоҳои матн бо шахсони воқеӣ ва ғ. мебошад.

Гирдоварандаи захираи луғавӣ 5-8-то калимаҳои маънодорро дар ҷараёни хониш навишта мегирад. Калимаҳо аз кадом саҳифа, сархатанд ва маънои онҳо навишта мешавад.

Хулосакунанда мазмуни мухтасари порчаи матнро тайёр намуда, дар он мавзӯъ ва ғояҳои асосии матнро нишон медиҳад.

Тарзи иҷро

1. Хонандагон маводро интихоб мекунанд.
2. Аз рӯйи интихоби китобҳо якчанд гурӯҳҳо ташкил карда мешавад (ҳар як гурӯҳ китобҳои гуногун интихоб мекунанд).
3. Нақши хонандагон муайян карда мешавад, омӯзгор нақши иштирокчиёнро барои худ қайд мекунад (омӯзгор вобаста ба шумораи хонандагон метавонад ба онҳо нақши иловагиро супорад).
4. Аз рӯйи ҷадвали муқарраршуда муҳокимаҳо баргузор мешаванд.
5. Иштирокчиёни гурӯҳҳо маълумотҳои дар вақти муҳокима ба даст овардаашонро менависанд.
6. Мавзӯи муҳокимаҳо аз тарафи хонандагон муайян карда мешавад.
7. Муҳокимаҳо дар гурӯҳҳо дар шакли кушоду равшан, ҳамчун як суҳбати одӣ дар бораи китоб гузаронида мешавад, саволҳои кушода ва овардани мусбат пазируфта мешаванд.
8. Наушҳои хонандагон ҳангоми ташкили гурӯҳҳои нав бояд иваз шаванд.
9. Омӯзгор фақат дар нақши роҳбари раванд иштирок карда метавонад.
10. Арзёбӣ дар натиҷаи мушоҳидаҳои омӯзгор ва худбаҳодиҳии хонандагон ба роҳ монда мешавад (корҳои гурӯҳии хаттӣ низ ҳамчун объекти арзёбӣ дониста мешаванд).
11. Дар анҷоми кор бо матн натиҷаҳо ба аҳли синф эълон карда шуда, китобҳои нав интихоб, гурӯҳҳои нав ташкил карда мешаванд.

Машқҳои баъди хониш

Шебу фароз» (печутоб, зигзаг)

Ин стратегия ба хонандагон имкони дар нақши омӯзгор баромад карданро медиҳад (яъне, онҳо мазмуни қисми матни худашонро ба дигарон фаҳмонда медиҳанд). Дар ин ҳолат пеш аз ҳама дар хонандагон боварӣ ба донишҳои худашон пайдо мешавад, чунки онҳо пешакӣ бо хонандагони дигар мазмуни матнро муҳокима меунанд.

Тарзи иҷро

1. Матни ҳачман калон аз рӯйи принсипи пазл ба қисмҳо ҷудо карда мешавад.
2. Ба хонандагон порчаҳои матн барои хондан дода мешавад (ҳар як хонанда як қисми матнро мехонад ва дар муҳлати муайян порчаро шумораи муайяни хонандагон мехонанд).
3. Ҳангоми хониши матн хонандагон бо шарҳи мазмуни он, ё ин ки бо пур кардани саволномаи варақаи экспертӣ, ки барои фаҳмидани матни хондашуда ёрӣ мерасонад, машғул мешаванд.
4. Хонандагоне, ки бо як хел порчаи матн кор кардаанд «гурӯҳи эксперт»-ҳоро барои муҳокимаи мазмуни асосӣ ва пунктҳои асосии матн, ташкил мекунанд.
5. Аз «гурӯҳи экспертҳо» як нафар бо шарикаш аз гурӯҳи дигар «гурӯҳи экспертҳо»-ро ташкил мекунанд.
6. Ҳар як «эксперт» ба гурӯҳи нав дар бораи мазмун ва нуқтаҳои асосии порчаи матнро баён мекунад.
7. Ҳар як гурӯҳ маълумоти аз «экспертҳо» гирифтаашро муҳокима мекунад, омӯзор маълумотҳоро ба тахтаи синф менависад.
8. Омӯзгор шарҳи нодурустро ислоҳ карда, хулосаи нопурраройпураа месозад.

«Рефлексия»

Барои аз худ кардани донишҳои нав хонандагон бояд маълумоти шунида, хонда ва дидаашонро таҳлил намоянд.

Дар машқҳои рефлексия аз хонандагон талаб карда мешавад, ки фикру ақидаҳои худро ба таври хаттӣ дар варақҳои махсус баён намоянд, баъдан саволҳо пешниҳод карда мешаванд. Машқи мазкур аз иншо дар мавзӯи озод фарқ мекунад. Бояд қайд кард, саволҳои равонакунандаро дар марҳилаи банақшагирии дарс, махсусан барои алокаманд намудани донишҳои нав бо гузашта, пешниҳод бояд кард. На ҳамеша маълумоти рефлексивӣ ба хонанда ддар бораи малакаву маҳорататаш дода шавад, аммо баъзан, ин ба хонанда имконият медиҳад, барои фаҳмидани он, ки савияи вай аз дигарон кам нест ва маълумотро дуруст қабул намудааст, манфиат дорад.

Тарзи иҷро

Омӯзгор барои назорати рефлексия саҳифаро муайян мекунад. Нусхаи саҳифаро ба хонандагон медиҳад. Дар тахтаи синф саволҳои водоркунанда навишта мешавад. Ба хонандагон барои фикр кардан ва ба саволҳо ҷавоб навиштан вақт дода мешавад. Рефлексия воситаи баҳодиҳӣ нест, аммо барои аҳамиятнокии рефлексияро ба хонанда фаҳмондан, баҳо гузоштан мумкин аст. Вақте ки хонанда дониши навро аз худ мекунад, аҳамияти рефлексия маълум мегардад; инчунин вай барои иҷрои вазифаҳои навбатӣ, ки омӯзгор ҷамъбаст намудани якчанд фикрҳо аз рӯйи матни хондашуда медиҳад, зарур мебошад.

«Чархи хулосаҳо»

Машқи мазкур иштироки ҳамаро таъмин мекунад. Вай барои ба савол ҷавобҳои гуногун гирифтан гузаронда мешавад.Машқро боз барои шарҳи фаврии консепсия (муайян намудани фаҳмиш, шарҳ, тасаввуроти нодуруст) истифода бурдан мумкин. «Чархи хулосаҳо» ба мулоҳизаҳои танқидӣ, ё ки ислоҳкунӣ, хоҳ аз тарафи омӯзгор ва хоҳ аз тарафи хонанда бошад,

роҳ намедиҳад, зеро хавфи он аст, ки ба саволи гузошташуда хонанда ҷавоб надиҳад. Машқ барои таъмини иштироки ҳама ва ҷамъ намудани ахбор таъин карда шудааст. Ба ғайр аз ин машқ имкон медиҳад, ки хонандагони навомӯз нуқтаю назари дигаронро дониста аз рӯйи матн мулоҳиза намуданро ёд гиранд.

Тарзи иҷро

Баъди хониш хонандагон оа навбат ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, супоришҳои вобаста ба матнро иҷро мекунанд (масалан: «Дар кадом сархат тасвир омадаст?», ё ин ки «Ибораи ба шумо писандомадаро хонед»).

Саволҳо барои марҳилаҳои «Пеш аз хониш – Ҳангоми хониш – Баъд аз хониш» [1]

Пеш аз хониш	
Саволҳо	**Стратегия**
Пеш аз хондани китоби нав: • Ба фикри Шумо, ин китоб дар бораи чӣ бошад? Барои чӣ ин тавр фикр мекунед?	Пешгӯй кардан
• Аз рӯйи мавзӯи ин китоб чиро медонед? (Ягон вақт ба саёҳат рафтаед/ба ферма рафтаед ва ғ.?) • Мавзӯи китоб чиро аз ҳаёти худат ба хотир меорад?	Муттаҳид кардан
• Аз муаллифи китоб пеш аз хондани он чиро мепурсидед? • Вақте ки ба ҷилди китоб нигоҳ мекунед, чӣ гуна саволҳо дар Шумо пайдо мешаванд?	Саволгузорӣ
• Дар қисми мутолианамудаи асар чӣ гуна ҳодисаҳо рӯй медиҳанд?	Умумият ёфтан
• Ба фикри Шумо боз чӣ ба вуқӯъ меояд? Барои чӣ?	Пешгӯй кардан
• Дар бораи ин асар ба муаллиф чӣ саволҳо доред? • Оид ба қисми мутолиа намудаи асар саволҳо доред?	Саволгузорӣ
Ҳангоми хониш	
Саволҳо	**Стратегия**
• Ба фикри Шумо боз чӣ ба вуқӯъ меояд? Барои чӣ? • Ба фикри Шумо, қаҳрамони асосӣ аз вазъияти ба амаломада чӣ хел мебарояд?	Пешгӯй кардан
• Барои чӣ Шумо қаҳрамони асосӣ _____ рафтор кард, гуфта фикр мекунед? • Чӣ ҳодисае рӯй дод, ки муаллиф дар бораи он нақл намекунад? • Симои асосӣ чиро ҳис мекунад? Барои чӣ чунин фикр доред?	Тахмин кардан
• Дар ҷойи қаҳрамон Шумо бошед чӣ кор мекардед? • Ҳамин гуна ҳодисаҳо бо Шумо низ рӯй доданд? • Агар ҳамин хел ҳодиса бо Шумо рӯй диҳад, худро чӣ хел ҳис мекардед? • Ба симои асосӣ ягон шахси монандро медонед? • Монандӣ ва фарқи симои асосӣ бо Шумо?	Муттаҳид

[1] http://www.katyisd.org/campus/KDE/Documents/Before%20During%20and%20After%20Questions%20-%20 ELA.pdf

Ҳангоми хониш	
Саволҳо	**Стратегия**
• Агар Шумо симои асар мебудед, худро чӣ тавр ҳис мекардед? • Ба фикри Шумо қаҳрамони асосӣ чӣ гуна аст/муҳити асар? • Дар мавриди хондани ин саҳифа/сархат чӣ ҳиссиёт доштед?	Тасаввур кардан
• Дар бораи чӣ донистан мехоҳед?	Саволгузорӣ
• Қисми хондашударо бо суханони худ нақл карда метавонед? • Дар қисми хондашуда бо симои асосӣ чӣ рӯй дод? • Пайдарҳамии ҳодисаҳоро риоя карда, дар бораи лаҳзаҳои муҳимми қисмати хонда нақл кунед.	Умумият ёфтан
• Асар ба Шумо фаҳмо аст? • Дар ин қисм чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? • Агар ин қисмро оҳиста мехондед, мефаҳмидед? • Ин қисмро такроран хонда баромадан ба Шумо зарур аст? • Ин калима чиро ифода мекунад? • Аз кадом қисми асар нофаҳмиҳо сар шуданд? Ин мушкилиро чӣ хел бояд ҳал кард?	Санҷиши фаҳмиш
• Ба фикри Шумо, инро дар хотир нигоҳ доштан зарур аст? Барои чӣ? • Кадом лаҳзаҳои хондашуда, барои пешбинӣ кардани Шумо ёрӣ расонданд? • Дар асар кадом қисмҳо аз ҳама муҳиманд? Барои чӣ? • Мавзӯи асосии қисми имрӯз хондаатон кадом аст?	Муайян намудани муҳим будани он порча/асар
Баъд аз хониш	
Саволҳо	**Стратегия**
Дар охири асар: • Агар давоми ин китоб мебуд, дар бораи чӣ мешуд?	Пешгӯӣ кардан
• Мазмуни ғоявии асар кадом аст? • Автор хочет, чтобы ты задумался. Как ты думаешь, о чём?	Тахмин кардан
• Ба муаллиф кадом саволҳор медодед?	Саволгузорӣ
• Воқеаву ҳодисаҳор бо суханони худ нақл кунед. • Воқеаҳоро аз қисмҳои аввал, мобайн ва охир нақл кунед.	Ҷамъбасткунӣ
• Кадом ҳодисаҳои муҳим дар ин асар инъикос шудаанд?	Муайян намудани масъалаҳои муҳим

Хониши намунавӣ, якҷоя, идорашаванда ва мустақилона

Саволҳои тренер ба иштирокчиён:

– Ба хотир оред, шумо чӣ тавр малакаи навро аз худ кардед. Аввал,чӣ тавр иҷро кардани дигаронро мушоҳида кардед? Оё касе шуморо роҳнамоӣ кард, ёрӣ дод? Ё таҳти роҳбарии ягон кас шумо ин аз рӯйи ин малакаҳо то мустақил шудан, кор кардед?

– Оё бе кумаки касе мустақилона кор карданро омӯхтед?

Агар иштирочиён ба яке аз ин саволҳо ҷавоби «ҳа» дода бошанд,дар ин ҳолат онҳо принсипи «хониши намунавӣ, якҷоя, назораткунанда ва мустақилона»-ро мефаҳманд. Дастурҳои самараноки инкишофи малакаҳои хониш дастгирии зарури хонандагонро ба назар мегирад, то онҳо ба муваффақиятҳо ноил гарданд. Қадам ба қадам баланд гаштани мустақилияти хонандагон, имконияти ба дастовардҳо ноил шудани онҳоро меафзояд.

ХОНИШИ НАМУНАВӢ. «Ман мехонам – ту мушоҳида мекунӣ»

Дар хониши намунавӣ (моделӣ), ки омӯзгор дар нақши хонандаи бомаҳорат ё ки аз байни хонандагон хонандаи бомаҳорат иштирок мекунанд, меҳру муҳаббат ва шавқу завқи ба хониш будаи худашонро ҳамчун намуна намоиш медиҳанд.

Хониши намунавӣ:

- Омӯзондан ба чӣ тарз фикр кардан, набалки чиро фикр бояд кард;
- барои намоиши хонишҳои равон ва ифоданок имконият медиҳад;
- захираи луғавиро инкишоф дода, ғановати забонро ба хонандагон нишон медиҳад;
- шавқро барои хондани матн бедор мекунад;
- барои инкишофи дарки шунавоӣ мусоидат мекунад;
- барои тасаввури матни хондашуда ва баёни назари интиқодӣ ёрӣ мерасонад.

Хониши намунавиро чӣ тавр бояд ба роҳ монд?

Интихоби матни мувофиқ. Мавзӯи асосӣ муайян карда мешавад ва матне, ки барои намоиши ин ё он малакаҳо имконият медиҳад, интихоб карда машавад,масалан,аз рамзкушоӣ, (азнавбарқароркунии маълумот). Барои намоиши хониш матн пешакӣ хонда мешавад ва муайян мегардад, ки усули «фикрронӣ бо овози баланд»-ро дар кадом маврид истифода бурдан мумкин аст, дар ин сурат усули хониши порчаҳои матн ба назар гирифта мешавад.

Ҳангоми дарс

Қадами 1. Баёнкунӣ. Рафтори хонандагӣ, ки дар давоми ҷараёни хониш намоиш дода шуда, сабаби интизоби порча баён карда мешавад.

Қадами 2. Шиносоӣ бо китоб ва хониш. Омӯзгор хонандагонро бо матн шинос мекунад. Дар ҷойҳои пешакӣ муайян кардаи матн барои «фикрронӣ бо овози баланд» ва намоиши рафтори хонандагӣ ист карда мешавад. Намунаи саволҳо барои усули «фикрронӣ бо овози баланд: «Оид ба ин мавзӯъ ман чиро дониста мегирам?», «Манти хондашудаи навро фаҳмидам ё не?», «Оё дар майнаи ман тасаввуроти аниқи воқеаву ҳодисаҳои асар пайдо шуд?»

Қадами 3. Баъди ба охир расидани хониши намунавӣ. Бо хонандагон шарҳи хониши матни хондашуда гузаронда мешавад. Дар ин мавриди диққати асосӣ ба рафтори хонандагие, ки аз рӯйи мавзӯи дарс муайян карда шудааст, нигаронида мешавад.

Қадами 4. Такрор. Баъди хониши намунавӣ хонандагон оид ба рафтори хонандагии хониши якҷоя, идоракунанда ва мустақилона машқҳо иҷро мекунанд (нигаред ба зер).

ХОНИШИ ЯКҶОЯ. «Ман мехонам – ту ёрӣ мерасонӣ»

Хониши якҷоя ба омӯзгорон ва хонандагон дар ҷараёни хониш барои фаҳмидани мазмуни матн ва тафтиши худи ҷараёни хониш ҳамроҳ кор кардан, имконият медиҳад. Дар аввал қисми асосии хонишро омӯзгор ба уҳда мегирад, дар давоми бо матн шинос шудани хонандагон бештар ҷро мекунанд.

Хониши якҷоя:

- ҷидду ҷаҳдро ба вуҷуд меорад ва дар хонандагон эътимодро ба қувваи худ медиҳад;
- захираи луғавии забонро бой мегардонад,малакаи фаҳмидан ва ҷустуҷӯ намудани калимаҳои навро инкишоф медиҳад;
- барои инкишофи нутқ, аз ҳисоби ба саволҳо ҷавоб тайёр кардан ва пешбинӣ кардан шароит фароҳам меорад;
- ба қарори хонандагон дар бораи бо ёрии омӯзгор, расму тасвирҳои шарҳдиҳанда ва ороиши матн ҳал намудани мушкилиҳо кумак мерасонад;
- ташаккули донишҳо дар бораи асар: сохти сюжет (сужет), образҳо ва муҳити асар.

Дарси хониши якҷоя чӣ хел гузаронда мешавад?

Интихоби матни мувофиқ. Матни бо ҳарфҳои калон навишташуда, лаҳзаҳои душворфаҳм ва ҳам барои инкишофи фаҳмиши хонандагон таъсиркунанда, интихоб карда мешавад.

Муҳим аст, ки ҳамаи хонандагон бояд матн ва расму тасвирҳои ба матн бахшидшударо бинанд (мумкин китобҳои калонҳаҷм, ҷадвалҳо, проектор ва диг. истифода шавад).

Дар вақти дарс

Қадами 1. Шиносоӣ бо китоб. Дар ҷараёни муҳокима оид ба мавзӯи интихобшуда донишҳои мавҷудаи хонандагон муайян карда мешавад, мақсади истифода ва навъи матн шарҳ дода мешавад.

Қадами 2. Хониш. Омӯзгор ба мазмуни матн диққатро ҷалб намуда, онро мехонад. Барои аз тарафи хонандагон пешбинӣ кардани мазмун ист карда мешавад. Барои муайян кардани мазмуни матни хондашуда ҳангоми бо калимаҳои нав ва ношинос дучор шавад, аз калимаҳои ёридиҳанда истифода мебарад.

Қадами 3. Муҳокима. Муносибати хонандагон ба матн муҳокима карда мешавад. Агар, лозим бошад, ба ороиш ва ҳуруф (шриф) диққат дода мешавад.

Қадами 4. Кор бо матн. Ба таркибҳои грамматикӣ, бой намудани захираи луғавӣ, дарки овоз ва шинохти ҳарф, фарқ намудани маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо эътибор дода мешавад.

Қадами 5. Хониши такрорӣ. Матн такроран хонда мешавад, ҳамзамон иштироки хонандагон таҳсин карда мешавад.

ХОНИШИ ИДОРАШАВАНДА. «Ту мехонӣ – ман ёрӣ медиҳам»

Хониши идорашаванда ба омӯзгорон имконияти ҳавсаманд намудани хонандагон ба муҳокима ва дарки мазмуни матн, якҷоя ёрӣ додан ба инкишоф намудани стратегияҳои хонишро медиҳад.

Хониши идорашаванда:

- хонандагонро ба хониш, муҳокима ва дарки мазмуни матн ҳавасманд мекунад;
- бо воситаи саволу ҷавобҳо барои муҳокимаи рӯ ба рӯ кумак мерасонад;
- ба хонанда дар бораи фаҳмидани мақсади муаллифи асар ёрӣ медиҳад;
- барои фаҳмиши асар ёрӣ мерасонад ва фикрронии танқидии хонандаро инкишоф медиҳад;
- барои чуқуртар фаҳмидани хусусиятҳои симоҳо, муҳит, мавзӯъ ва ғ. ёрӣ мерасонад.
- барои фаҳмидани мазмуну мундариҷаи асар, фаҳмиши таркибҳои грамматикӣ ва истифодаи маълумоти тасаввуршаванда ёрӣ мерасонад;
- барои мундариҷаи ғоявии асарро муайян намудан ёрӣ мерасонад.

Дарси хониши идорашаванда чӣ хел гузаронда мешавад?

Интихоби мувофиқи матн. Хониши идорашаванда кор бо нусхаи матн барои ҳар як хонандаро дар назар дорад. Аксаран матни ба хонандагон ношинос интихоб карда мешавад. Интихоби матн дар асоси ниёзҳои хонандагон ба амал меояд. Омӯзгор бо матн пешакӣ шинос мегардад, то ки вобаста ба онҳо саволҳо тартиб диҳад.

Дар вақти дарс

Қадами 1. Муқаддима. Дар ин марҳила мавзӯи матн эълон карда мешавад. Омӯзгор метавонад, пеш аз хониши матн донишҳои пештараи хонандагонро ба хотир орад.

Қадами 2. Шиносӣ бо китоб. Дар марҳилаи мазкур хонандагон ҳангомихониши мустақилона дастгирӣ карда мешавад. Омӯзгор хонандагонро бо китоб шинос мекунад, расму тасвирҳоро муҳокима карда, ба таркибҳои забонӣ, ки дар матн истифода шудааст, диққати хонандагонро ҷалб ва, калимаҳои мураккабро ҷудо мекунад.

Қадами 3. Хониши мустақилона. Хонандагон мустақилона матнро мехонанд, омӯзгор ҷараёни хонишро мушоҳида мекунад, ҳангоми зарурат ба онҳо ёрӣ медиҳад.

Қадами 4. Муҳокима. Мазмуни матн ва маънои калимаҳо шарҳ дода мешаванд, нуқтаи назари хонандагон эълон гардида, далелу исбот оварда мешавад.

Қадами 5. Омӯзиш. Омӯзгор қисми муайяни матнро бо мақсади инкишофи малакаи омӯзиш, ки дар дастури таълим нишон дода шудааст, ҷудо карда мегирад.

Хониши мустақилона. «Ту мехонӣ – ман мушоҳида мекунам»

Хониши мустақилона ҷараёнест, ки хонандагон дар он малакаи пештар азхуд кардаашонро дар кор бо матн, истифода мебаранд. Хонандагон матнро «ботинӣ» мехонанд ва вазифаҳои дар давоми хониши матн ба вуҷудомадаро ҳал менамоянд. Яке аз шаклҳои хониши мустақилона ин хониши дунафарӣ мебошад. Ҳамаи хонандагон матнро мутолиа мекунанд, ба қатъ додани ҷараёни хониш роҳ дода намешавад. Хонандагон фикру андешаҳои (то, дар вақти ва баъди хониш) худро баён мекунанд.

Хониши мустақилона:

- агар ҳар рӯз машқ карда шавад, малакаи хониши бурро ва боварии ба худ зиёд мешавад;
- бо хониши беғалат ва фаҳмиши матни хондашуда ба муттаҳидкунии хониш, муҳокима ва мушоҳида таъсир мерасонад;

гуногунмазмунии матнҳо барои бой намудани захираи луғавӣ ва афзоиши дониш таъсир мекунад;

- агар ҳар рӯз машқ карда шавад,малакаи фаҳмиши мазмуни матни хондашуда, таркибҳои

забонӣ ва ахбори визуалиро инкишоф медиҳад;
- хониш барои баланд бардоштани завқи эстетикии хонандагон хизмат мекунад.

Дарси хониши мустақилона чӣ тавр гузаронда мешавад?

Ба нақшагирӣ. Маводи зиёд пешниҳод карда мешавад, хонандагон аз дохили онҳо барои хондан интихоб карда мегиранд. Дар синф тартибу қоидаи хониши мустақилона эълон карда мешавад ва ба хонандагон ҷараёни мониторинг/тафтиши хониши мустақилона фаҳмонда мешавад.

Дар вақти дарс

Қадами 1. Ҷараён. Тартибу қоидаи хониши мустақилона такрор карда мешавад ва пеш аз хониши мустақилона натиҷаҳои пешбинишуда баён карда мешавад. Хонандагон худашон матн интихоб мекунанд ва онро дар вақти муайяншуда мехонанд.

Қадами 2. Рефлексия. Ба хонандагон барои мушоҳида кардан вақт дода мешавад.

Қадами 3. Хотима. Ба хонандагон барои баёни фикру мулоҳизаи худ дар бораи матн имконият дода мешавад, масалан, ба дафтарҳои махсус қайдҳо карда, дунафарӣ муҳокима намудан ва ғ.

Тренерони сатҳи миллии Лоиҳаи «Вақти хондан»

Лоиҳа дар роҳи интихоби тренерони бомаҳорату пуртаҷриба барои гузарондани тренингҳои тайёр кардашуда корҳои ҷиддиеро иҷро кардааст. Қариб 400 нафар тренерҳо интихоб карда шуданд. Онҳо на танҳо бо гузарондани тренингҳо барои омӯзгорон, инчунин барои мушоҳида намудани дарсҳо, ки дар онҳо усулҳои нави дар тренингҳо омӯхташуда ба амал татбиқ карда мешавад, машғул мешаванд.

Омӯзиши калонсолон

Омӯзиши калонсолон аз омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ фарқ мекунад.Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҷриба кам аст,онҳо маводи омӯзгор пешниҳод кардаро бо осонӣ азхуд мекунанд. Аммо калонсолон таҷрибаи бой доранд, бинобар ин, тренер барои омӯзиши калонсолон бештар саъю кӯшиш сарф менамояд.

Одатан калонсолон, агар омӯзиш барои онҳо фоидаовар бошад, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Онҳо зарурати омӯзишро мефаҳманд, дар баробари ин барои онҳо донишҳои гирифташуда дар амал низ манфиат дошта бошад, вагарна иштироки онҳо дар ин ҷараён танҳо як расмият ҳасту бас. Омӯзгорон ҳамчун қувваи пешбарандаи дигаргуниҳо дар мактаб ба ҳисоб рафта, ҳар машқ ва консепсияҳое, ки дар модулҳои тренингӣ пешниҳод карда мешаванд, муҳим ва зарур мебошанд. Тренерони миллӣ, бояд усулҳои ҳавасмандкунандаи ба тренингҳо фаъолона иштирок кардани калонсолонро истифода намоянд.

Дар давоми тренингҳо тренерони миллӣ усули **«тарҳрезӣ-озмоиш-истифода-рефлексия»**-ро истифода мебаранд. Онҳо модели стратегияҳои омӯзиш, машқҳо, ва усулҳоеро, ки омӯзгор дар ҷараёни омӯзиш истифода мебарад, пешкаш мекунанд. Дар рафти тренингҳо омӯзгорон дар нақши хонанда иштирок мекунанд, тренерҳо бошад, бо онҳо якҷоя машқҳо иҷро мекунанд. Бояд тренерҳо истифодаи ҳар як машқ ва стратегияҳоро намоиш диҳанд, то ки омӯзгорон дар бораи тартиб ва истифодаи онҳо дар шароити синф, тасаввуроти амиқ дошта бошанд.

Симои тренери бомаҳорат

Симои тренери бомаҳорат аз ҷиҳатҳои гуногун ба вуҷуд меояд. Доштани малакаву маҳоратҳои зерин кори тренерро якчанд баробар сабук мегардонад.

Малакаҳои муошират. Одатан тренерҳо маҳорати баланди муоширатро доранд. Тренерони бомаҳорат консепсияҳои мураккабро ба якчанд қисмҳои асосӣ ҷудо намуда, ба тариқи дастрасу фаҳмо баён карда медиҳанд. Ба ғайр аз ин бодиққат гӯш кардан ва роҳҳои муоширати ғайринутқиро нағз донад.

Муҳити омӯзиш бояд барои мулоқоти кушоду равшан мувофиқ бошад, то ки иштирокчиён шарм надоранд ва саволҳо дода тавонанд. Бояд, ҳар як маводи иловагии тренинг барои иштирокчиён фаҳмо ва манфаиовар бошад.

Гузарондани тренингҳои шавқовар. Тренингҳои «стандартӣ ва хос» иштирокчиёнро ба худ ҷалб намекунад. Барои ҳалли ин масъала, тренерҳо бояд усулҳои ҳавасмандкунандаро истифода намоянд. Бояд шарту шароитҳое тайёр карда шавад, ки дар натиҷаи он тренингҳо шавқовар ва фаъол гузаранд.

Барои дастгирии муҳити фаъоли тренингҳо, тренерони бомаҳорат ба иштирокчиён саволҳо медиҳад, ки ин дар навбати худ ба тренер барои санҷидани дараҷаи азхудкунии маводи барои иштирокчиён пешкашшуда имконият медиҳад. Самаранокии омӯзиши калонсолон бо роҳи истифода намудани донишҳои нав, хоҳ дар шакли кор дар гурӯҳҳо ва ё бо дастгирии тренер ба роҳ монда мешавад.

Донистани маводи тренинг. Донистани фанни худ барои тренер аҳамияти муҳим дорад, чунки иштирокчиён бо мазмуни тренинг шинос набудани тренерро бо тезӣ фаҳмида гирифтанашон мумкин аст. Тренерони миллӣ бояд бо маводи тренинг пешакӣ шинос шуда бошанд. Онҳо бояд ҳамаи усул ва муносибатҳои омӯзишро ва маводу таҷҳизоти дар тренинг пешниҳод шударо бидонанд.

Кӯшишҳо барои донишомӯзӣ. Тренерҳое, ки дар талаби донишҳои наванд, амиқ мефаҳманд, ки омӯзиш ин ҷараёни давомдор мебошад. Аҳамияти омӯзишро дониста, онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи имкониятҳои худинкишофдиҳии иштирокчиён мебошанд. Кӯшиши барои баланд бардоштани малакаву маҳорати тренерӣ дар дараҷаи ташкил ва гузарондани тренингҳо акси худро меёбад.

Маҳорати баланд. Тренерони бомаҳорат дар ҳар як шахс гуногун будани қобилияти дарккуниро мефаҳманд. Бинобар ин, тренерҳо бояд бо кадом суръат ва дараҷа қабул намудани маълумоти нав аз тарафи иштирокчиён, босабру қаноат бошанд. Ба ғайр аз ин, пеш аз мавзӯи нав гузаштан доир ба маводи омӯхташуда якҷоя бо иштирокчиён кор кунад.

Тренери бомаҳорат инчунин барои ба эътибор гирифтну гӯш кардани фикру ақидаҳои игарон омода бошад. Онҳо маълумоти бисёрро донанд ҳам, ҳамеша такаббуру ғурур набояд нишон диҳанд.

Мутаассифона, на ҳамаи тренерҳо самаранок кор мекунанд, чунки онҳо ҳамаи он малакаву маҳорати талаб карда шударо доро нестанд. Дар назди иштирокчиён бо муаррифӣ кардан,

ё ягон маълумот додан кифоя нест, тренер бояд хислатҳои нуқтасанҷӣ, ақлу фаросати ба худ ҷалбкунанда, боғайрат ва маҳорати баланди муошират бо шахсиятро дошта бошад.

Дар бораи кори дунафараи тренерон

- Ҳамчун як тим кор кардан лозим аст, на ҳамчун ду тренери алоҳида.
- Дар марҳилаи банақшагирии кор бояд нақши ҳар кас муайян карда шавад: яке – асосӣ, баранда, дуюмин – ёвар.
- Рафти тренингро бодиққат мушоҳида кардан,аз тренинг «берун наафтодан», агар барандаи машғулият ҳамон замон шарикаш бошад.
- Ҳамеша ба ёрӣ омсода будан.
- Сухани якдигарро набуридан, агар иштирокчиён муҳокимаро сар карда натавонанд / давом дода натавонанд, ба ин ҷараён ҳамкорро ҷалб кардан.
- Агар шарикаш хоҳиш накунад, варақаро овехтан лозим нест; диққати иштирокчиёнро ба чизҳои дигар ҷалб накардан ва ғ.

Методҳои интерактивӣ барои гузаронданитренингҳо

Ҳар як тренери миллӣ дар тренингҳо дар нақши фасилитатор баромад мекунад. Фасилитатор ин шахсест, ки дар омӯхтани донишҳои нав ба иштирокчиён кумак мерасонад ва ҷараёни омӯзишро сабук мегардонад. Тренери бомаҳорат саволҳоро чунон мегузорад, ки дар натиҷа ҳама аз танқиду эътироф нашудан натарсида, барои ҷавоб додан кӯшиш мекунадн. Эҳтимоли қабули ғояҳои нав дар шароити хайрхоҳ баланд аст. «Муносибати хатмии хайрхоҳона» ба иштирокчиён беҳтарин усули тренингҳо мебошад. Ба иштирокчиёни камсухан имконияти ба саволҳо ҷавоб додан ва барои фикри худро баён кардан тавсия карда мешавад. Ҳамзамон бояд фикру таклифоти иштирокчиёнро ба назар гирифта, масъалаҳои дар рафти тренинг ба амал омадаро якҷоя ҳал намудан ҷоиз аст.

Ба вазифаи тренерони миллӣ, ки дар нақши фасилитатор мебошанд, инҳо дохил мешаванд:

- ба иштирокчиён дар расидани ба мақсад ва натиҷаҳои гузошташуда ёрӣ додан;
- таъмин намудани самаранокӣ ва иштироки фаъол дар корҳои гурӯҳӣ;
- ҳамаи иштирокчиёнро ба кор ҷалб намудан ва ҳиссагузории онҳоро дар ҷараёни тренинг эътироф намудан.

Фасилитатори самаранок

- ба ҳамаи иштирокчиён ҳамчун эксперте, ки малакаву маҳорати худро бо дигарон ба ҳам мебинад, муносибат намудан, худро эксперти ягона дар тренинг ҳис накардан;
- ба дигарон дар асоси принсипи «ҳама аз якдигар меомӯзад» муносибат намудан, вай ҷараёни омӯзишро идора мекунад, онҳоро ба сифати «зарфи холие», ки бояд бо дониш пур карда шавад, қабул накардан;
- фақат лексия нахонда, ҳамаи иштирокчиёнро ба воситаи саволу ҷавобҳо фаъол кардан;
- одамон донишу малакаро ба воситаи дар амал истифода намудан меомӯзанд, на бо роҳи хониши хушку холӣ ва навиштани маълумотҳо;
- муҳим будани иштироки фаъоли ҳамаи иштирокчиён дар ҷараёни омӯзишро мефаҳмад.

Дар нақши фасилитатор тренер масъулияти ба ҳамаи иштирокчиён дар омӯхтан ва ба натиҷаҳои пешбинишуда дар вақти муайян расиданро ба худ мегирад. Фасилитатор аз номи тамоми гурӯҳ қарор қабул намекунад, аммо роҳҳои инкишофу пешравиро пешниҳод мекунад. Дар поён шарҳи усулҳое, ки дар тренингҳо истифода мешаванд, оварда шудааст.

Ангезиши зеҳн

Ангезиши зеҳн ё ҳуҷуми фикрӣ усули ҷалби ҳамаи иштирокчиён бо роҳи омӯзиш ва дида баромадани ғояҳои гуногун мебошад. Ба ғайр аз ин роҳ барои кушода додан ва муҳокимаи мавзӯи оянда низ қулай аст. Дар ҷараёни ангезиши зеҳн ба танқид кардан ва баҳо додан

ба ғояҳои пешниҳодшуда роҳ дода намешавад. Ҳар як ҷавоб ба тахта навишта мешавад, то ки ба ҳама намоён бошад. Машқи мазкур барои васеъ намудани доираи фикрронӣ таъсир мерасонад ва имконияти донистани фикру ақидаи дигаронро медиҳад.

Муҳокима дар гурӯҳҳо

Муҳокима дар гурӯҳҳо имконияти аз рӯйи мавзӯъ ва саволҳои додашуда ҷавобҳои иштирокчиёнро гирифтан, инчунин аз якдигар омӯхтан ва якбора ислоҳ намудани ахбори ғалатро медиҳад.

Самаранокии муҳокимаҳо дар гурӯҳҳо аксаран аз истифодаи саволҳои аниқу равшан, асосан бо ҷавобҳои «ҳа» ё «не» мегузарад. Дар асл ин хел саволҳо ҷавобҳои хеле муфассалро, талаб мекунад.

- Саволи «Шумо дар натиҷаи иҷрои ин машқ чиро омӯхтед?», саволи кушоду равшан мебошад, чунки иштирокчиён дар вақти ба саволҳо ҷавоб додан бояд фикру мулоҳиза ва таассуротҳои худро баён кунанд. Намунаи дигари саволҳои кушода: «Шумо ин машқро дар дарсҳои худ чӣ тавр истифода мекунед?» ё ки «Имкониятҳои шуморо ба назар гирифта, ин муносибатро дар ҷараёни омӯзиш чӣ тавр самаранок истифода бурдан мумкин аст?»
- Саволҳое, ки ҷавобҳои «ҳа» ё ки «не»-ро талаб мекунад (масалан: «Шумо чиро омӯхтед? »), саволҳои пушида мебошанд.

Стратегияи дигари муҳокимаи самаранок дар гурӯҳҳо – ин ба эътибор гирифтани нуқтаи назари иштирокчиён мебошад. Агар шахс ба фикру мулоҳизаи ӯ касе аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо надоданашро донад, вай бемалол фикру ақидаи худро пешкаш мекунад.

Нақшофарӣ

Нақшофарӣ усули самараноки ба кор ҷалб кардан ва мукаммал намудани малакаҳои нав дар шароити бехавф ва созгор мебошад. Нақшофарӣ бояд дар асоси вазъиятҳои ҳаётӣ ташкил карда шавад. Ин усул имконият медиҳад,ки иштирокчиён ҳолатҳои ҳаётиро аз таҷрибаи худ гузаронанд ва бо фикру мулоҳизаҳои иштирокчиёни дигари тренинг шинос шаванд.

Ман – ту – мо

«Ман – ту – мо» стратегияи омӯзиши ҳамдигарро дар назар дошта, кори ҳамроҳии иштирокчиён дар ҳалли муаммои муайян ва ё ҷавоби ба саволи гузошташуда мебошад. Усули мазкур:

- фикронии инфиродӣ оид ба мавзӯъ ва саволи додашуда;
- дунафарӣ муҳокима намудан барои ҷавоби ҷамъбастӣ додан;
- муаррифии гурӯҳро ба ҳисоб мегирад.

Муаррифӣ

Аз ҳисоби дар бори кори иҷрошуда маълумот гирифтан, ҳамаи иштирокчиёнро ба кор ҷалб намудан мумкин аст. Дар назди гурӯҳ баромад кардани иштирокчиён дар онҳо ҳисси ба қувваи худ бовариро мустаҳкам мекунад ва барои дуруст сарфаҳм намудани консепсияи дастур низ таъсир мерасонад. Агар аз норасии вақт ба ҳамаи гурӯҳҳо имконияти баромад кардан дода нашавад, тренер метавонад, як-ду гурӯҳро интихоб кунад. Пас аз маълумот додан, бояд ба иштирокчиён имконияти робитаи бозгарданда дода шавад.

Муҳокима дар гурӯҳҳои хурд

Ба иштирокчиён нуқтаи назари худро дар гурӯҳҳои хурд баён кардани осон аст. Тренер метавонад, аз иштирокчиён барои муҳокимаи савол ва иҷрои вазифаҳои гурӯҳӣ гурӯҳҳои хурд ташкил диҳад.

Машқҳои амалӣ

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки одамон дар натиҷаи иҷро кардани машқҳои амалӣ 75 % маълумотҳоро дар хотир нигоҳ медоранд. Дастури тренингҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» машқҳои бисёри амалиро дар бар мегирад. Бисёри ин машқҳоро иштирокчиён бо хонандагони худ баъди тренинг иҷро карданашон мумкин аст.

Машқҳои дамгирӣ (истироҳат) «Яхшиканӣ»

Машқҳои истироҳатӣ ба хонандагон имконияти ором шудан, болида шудани хотир ва ба гурӯҳ «ворид» шуданро медиҳад. Дар оғози ҳар тренинг ё ки дар қисми муайяни он,ақаллан як машқи истироҳатӣ гузаронда мешавад. «Яхшиканӣ»-ро, инчунин дар дар байни сессияҳо истифода бурдан мумкин аст, то ки иштирокчиён ором гиранд. Хелҳои «Яхшиканӣ» дар Замимаи А оварда шудааст.

Маслиҳатҳои муфид барои фасилитаторҳо

Тренерони миллӣ бояд оид ба истифодаи усулҳои омӯзиши ҳамроҳиро бо дарназардошти хусусиятҳои дастури мазкур пешакӣ хонда тайёрӣ шаванд. Пеш аз ҳама ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир эътибор додан зарур мебошад.

Вазифаи фасилитаторҳо, бунёди муҳити хайрхоҳона омӯзиши ҳамроҳӣ, ки дар он иштирокчиён дар мавриди муҳокимаҳо ва робитаи мутақобила, аз якдигар меомӯзанд.

Ба нақша даровардани сессияҳои тренинг

- Мазмун ва мундариҷаи маводҳои сессияро донистан басо муҳим аст.
- Бояд мазмуни тренингҳо ба талаботҳои иштирокчиён мувофиқ шавад. Ба иштирокчиён вазифаҳои мураккабро додан ва ба иҷрои ин вазифаҳо водор намудан хеле муҳим аст.
- Бояд сохти сессия аз ҳар ҷиҳат мукаммал бошад. Дуруст ташкил карда нашудани сессия ва тайёр набудани тренер иштирокчиёнро ноумед мекунад.
- Фасилитатор дар мавриди зарурӣ, доир ба муроҷиати иштирокчиён ба мавзӯҳои дигар бояд гиро бошад. Ҳамеша сохт ва пайдарҳамии сессияҳои тренинг аниқ ва ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда нигаронида шуда бошад.
- Дастур ба суръати тренинг мувофиқ бошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқотҳои лабораторияи Миллии тренингҳо (ИМА) вобаста ба усули омӯзиш дараҷаи азхудкунии мавод барқарор карда шудааст:

- 5% – маърӯзаҳо;
- 10% – хониш;
- 20% – омӯзиши аудиовизуалӣ;
- 30% – намоиш;
- 50% – муҳокима дар гурӯҳҳо;
- 75% – дарсҳои амалӣ;
- 90% – омӯзондани дигарон.

• Сохти сессияҳо бояд характери баанҷомрасида, яъне оғоз, мобайн ва хотима дошта бошад.
• Сессияҳо бояд мазмуни аниқ ва фаҳмо дошта бошад. Яъне иштирокчиён бояд донанд, ки барои чӣ ин вазифаро иҷро кардан лозим, вай бо омӯзиш чӣ хел алоқа дорад ва дар натиҷа онҳо ба чӣ муяссар мешаванд.
• Чӣ хеле, ки ҳар як шахс маълумотро ба таври худ дар хотир нигоҳ медорад, сохти сессия дар асоси усулҳои гуногуни омӯзиш ва машқҳо, ташкил карда шавад, ки намунаҳояш дар боло оварда шуданд.

Пеш аз сессия бояд:

- нақшаи фаъолиятҳоро бо ҳамоҳангсози минтақавии Лоиҳа ва ёвари логистика мутобиқат намудан;
- бовар ҳосил кардан ба он, ки ҳамаи иштирокчиён аз баргузоршавии сессия бохабардоранд, инчунин маводҳо ва дастури тренингро гирифтаанд;
- дида баромадани маълумотҳо дар бораи иштирокчиён: маълумот, таҷрибаи корӣ, мавқеъ ва вазифаҳо. Дар мавридҳои зарурӣ тренер бейджикҳоро метавонад аз истифода барад;
- ба мавҷуд будани маводи зарурӣ дилпур шудан;
- кор ва ҷойгиршавии таҷҳизотро тафтиш кардан;
- мебелҳоро барои гузарондани сессия мувофиқ ҷойгир кардан.

Дар оғози сессия:

- машқҳо иҷро кардан ё ки машқҳои «Яхшиканӣ» истифода кардан;
- қоидаҳои асосиро таъин кардан, то ки иштирокчиён тартиб ва регламенти тренингро донанд;
- умеди иштирокчиёнро аз сессия донистан;
- агар иштирокчиён бо якдигар шинос набошанд,барои шинос шудан вақт ҷудо кардан;
- дастури модули мувофиқро додан;
- агар зарур бошад вақти давомнокии сессияро таъин намудан, ё дар маводи додашуда нишон додан;
- баёни мавзӯъ ва муайян кардани характери сессия, масалан, агар тренер дар давоми тамоми сессия муоҳкима карданро ба нақша гирад, вай дар аввали сессия иштирокчиёнро ба ин ҷалб мекунад. Агар иштирокчиён дуру дароз нишаста, баромади тренерро гӯш кунанд, дар ин ҳолат онҳоро ба муҳокима ҷалб намудан душвор мегардад.

Новобаста аз муносибат тренер бояд:

– иштирокчиёнро ҳавасманд намуда, онҳоро ба ҷараёни омӯзиш ҷалб намояд;
– суръати корро тезонад;
– ба иштирокчиён тартиби ҳамкориро ва хусусиятҳои кор бо маводи тренингро шарҳ диҳад.

Дар охири сессия бояд:

- хулоса баровардан ва бори дигар ба хотир овардани мавзӯи асосии сессия;
- лаҳзаҳои асосиро қайд кардан;
- натиҷаи муҳокимаҳоро ҷамъбаст намудан;

- сабаққои дар рафти сессия гирифташударо махсусан қайд намудан;
- қадамҳои навбатиро шарҳ додан;
- иштирокчиёнро барои кори сермаҳсул миннатдорӣ кардан;
- аз иштирокчиён дар бораи самаранокии сессия баён намудани фикру мулоҳизаи худашонро гуфтанро илтимос кардан;
- ба иштирокчиён дар бораи дар оянда ба мушоҳида гирифта шудани дарсҳо ва дастгирӣ дар ба амал татбиқ намудани усулҳои дар тренинг пешниҳод шуда, хотиррасон кардан;
- ҳавасманд намудани шунавандагон барои иштирок дар маҷлисҳои иттиҳодҳои методӣ ва онлайн-форумҳои Лоиҳаи «Вақти хондан».

Баъди сессия муҳим аст:

- фикру мулоҳиза ва баҳои иштирокчиён шинос шудан.
- Ба саволҳои зерин ҷавоб додан:
  – Чӣ бомуваффақият гузашт?
  – Чӣ хел душвориҳо ба вуҷуд омад?
  – сессия ба мақсади худ расид-мӣ?
  – Чиро бояд дигаргун кард?
  – Сабаққои ин сессия чӣ хел аст ва кадомашро дар сессияи оянда истифода бурдан мумкин?
- Агар тренерон дар ҷуфтӣ кор кунанд, кори ҳамроҳӣ ва иштироки шунавандагон дар муҳокимаҳо ва машқҳо ба навбат мушоҳида мекунанд. Дар охири сессия тренерҳо мулоҳизаҳои худро баён мекунанд. Ҳатто, агар тренер танҳо худаш кор кунад ҳам, вай мушоҳидаҳои худро таҳлил менамояд:
  – Шунавандагон фаъол иштирок намуданд-мӣ?
  – Кӣ аз ҳама бисёр гап мезанад? Кӣ аз ҳама кам гап мезанад?
  – Иштирокчиён дар як гурӯҳи калон кор карда истодаанд,ё ба гурӯҳчаҳо ҷудо шудаанд?
  – Тараддуди иштирокчиён чӣ гуна буд?
  – Иштирокчиён ба фикру мулоҳиза ва ҷавобҳои дигарон чӣ тавр муносибат нишон доданд?
- Дар бораи натиҷаҳои тренинг ба вакили таъиншудаи Лоиҳа ҳисобот додан.

Маслиҳатҳои фоидаовар барои таъмини самаранокии тренинг

- Бо мавзӯи тренинг пешакӣ шинос шудан муҳим аст.
- Мазмуни модули пешомадаро бояд омӯхт.
- Бояд ҳамаи маводҳои сессияи навбатӣ пешакӣ тайёр карда шуда бошад.
- Дар саршавии сессия мақсад ва вазифаҳоро бо иштирокчиён муҳокима кардан фоидаовар аст.
- Ҳамеша мисолҳоеро, ки ба иштирокчиён тааллуқ дорад, овардан лозим ва машқҳоеро, ки дар кори иштирокчиён истифода намудан мумкин аст, иҷро кардан даркор.
- Истифодаи «яхшиканҳо»-ва иҷрои машқҳои истироҳатиро пешакӣ ба нақша гирифтан муҳим аст. Онҳоро дар байни вазифаҳо ё ин ки барои рӯҳбаланд кардани иштирокчиён истифода намудан мувофиқ мебошад.
- Боз як ҷиҳати муҳим ин ҳамаи иштирокчиёнро ба ҷараёни кор ҷалб намудан аст.
- Алоқаи байни маълумоти пешкаш шуда ва донишҳои мавҷуд будаи иштирокчиёнро ба роҳ мондан ва муҳим будани мавзӯро шарҳ додан, зарур аст.
- Бояд ҳар як сессия бо рӯҳбаландӣ ва супоришҳои амиқ, ки дар хотири иштирокчиён мемонад, ба охир расад.
- Инчунин, зинаҳои навбатии корҳо: гузарондани мушоҳидаҳои дарсҳо,маҷлисҳои иттиҳоди методӣ ва ғ. муайян намудан зарур аст.

Дастгирии муттасил

Тренингҳо барои омӯзгорон дар давоми соли аввали хониш се бор гузаронда мешавад, аммо ба ин нигоҳ накарда,барои омӯзгорон дастгирӣ дар давоми тамоми соли хониши тақвимӣ ташкил

карда мешавад. Вазифаи Лоиҳаи «Вақти хондан»-ин дар асоси ба мактабҳо рафта дарсҳоро мушоҳида кардан, ресурсҳои интерактивии онлайн пешкаш кардан, инчунин, барои ташкил ва гузаронидани маҷлисҳои иттиҳодҳои методӣ ёрӣ расондан, дастгирӣ барои омӯзгорон ва роҳбарони мактабҳо, мебошад. Лоиҳа омӯзгорон, директорони мактаб, ҷонишинони онҳо, роҳбарони иттиҳодҳои методӣ, методистон ва китобдорони мактабро бо воситаҳои зарурӣ барои ба амал татбиқ намудани стратегия ва чорабиниҳо, ки дар тренинг пешниҳод шуда буд, таъмин мекунад.



Иттиҳодияҳои омӯзиши касбӣ дар ҷойи кор

Инкишофи касбии омӯзгорон – ин ҷараёни доимиест, ки аз рӯзи ба кор қабул шудан оғоз ёфта, то аз кори касбӣ рафтан давом меёбад.



Таҷрибаҳои пешқадам дар доираи инкишофи доимии касбии омӯзгорон

Таҷрибаҳои пешқадам дар доираи инкишофи доимии касбии омӯзгорон, аз доираи тренингҳо ва омӯзиш берун мебарояд, зеро имрӯзҳо тайёр кардани омӯзгорон чунин ҷиҳатҳоро ба монанди: ҳамкорӣ, мулоқот, рефлексия, омӯзиши таҷриба ва ба шаклдаромии ҷиҳатҳои роҳбарии омӯзгорро дар бар мегирад:

- алоқаи амиқ байни стандартҳои миллӣ, нақшаи хониш, арзёбӣ ва инкишофи касбӣ;
- тренингҳои беруна, ки имконияти омӯзиш ба воситаи мулоқот бо ҳамкасбони дигарро медиҳад;
- имконияти хониши фаъол, ки диққати асосӣ ба баланд бардоштани дастовардҳои хонандагон дар ҷараёни такмилдиҳӣ ва дигаргун намудани усулҳои омӯзиш дода мешавад;
- дастурҳое, ки бо реформаҳои дар доираи таълими мактабӣ алоқаманд аст;
- вақт ва дастгирии молиявии омӯзгорон, ки имконияти иштирок дар дастурҳои такмили малакаву маҳорати омӯзгоронро медиҳад.

Модели такмили доимии касбӣ, ки аз тарафи ВИМ барқарор карда шудааст, иштироки омӯзгоронро дар иттиҳодҳои методӣ, ки дар ҳама мактабҳо расман ташкил карда шудааст ва фаъолият мебаранд, дар бар мегирад. Лоиҳаи «Вақти хондан» васеъ намудани имкониятҳои модели номбурдаро аз ҳисоби дар ҷойи кориашон фаъолонидани ҳамкории иттиҳодҳои касбии омӯзгоронро пешниҳод мекунад.

Иттиҳодҳои омӯзиши касбӣ

Иттиҳодҳои омӯзиши касбӣ дар Лоиҳаи мазкур – ин ташкилотҳои на он қадар калони омӯзгорон, ки барои гузарондани вохӯриҳо, маҷлисҳо мебошад, ки бо мақсади дар ҷараёни хониш ба якдигар ёрӣ додан,такмили муваффақиятҳои таълимии хонандагон, ташкил карда шудааст. Фаъолияти чунин иттиҳодҳо (ташкилотҳои омӯзгорон) барои ҳамкории коллегиалӣ, ба роҳ мондани амалиёти рефлексивӣ ва аз нав фаҳмидани ғояи сарварӣ, аз сарварии ҳар як омӯзгор мебошад. Онҳо бо омӯзгорон имконияти гирифтани робитаи мутақобилаеро, ки ба омӯзиши рефлексивӣ кумак мерасонад, медиҳад. Иштирок дар чунин маҷлисҳои иттиҳодҳо (ташкилотҳои омӯзгорон) ба омӯзгорон имконияти ба амалиёти омӯзиш аз нуқтаи назари дигар нигоҳ карданро медиҳад ва аз ҳисоби самаранокии мушоҳидаҳои таҷрибаҳои ҷамъшуда барои инкишоф додани малакаи худ, ёрии заруриро гирифтан, кумак мерасонад.

Гурӯҳҳои аз 3-10 нафар омӯзгорон таркиб ёфта, ба таври доимӣ барои ҷараёни амалии омӯзиши ҷориро муҳокима кардан ва роҳҳои самараноки баланд бардоштани омӯзишро ҷустуҷӯ намудан вохӯриҳо ташкил мекунанд. Вақте ки ғояҳои нав бо ташкил намудани иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ,ки донишро, дар асоси таҷрибаҳои худ ва бо роҳҳои ба иштирокчиён дастгирӣ намудан дар бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатгузории мушоҳидаҳои таҷрибаҳои ҷамъшуда ва баҳои натиҷаҳои игтизоршаванда, ки барои ба маданияти касбии мактаб дигаргуниҳо дохил кардан, ба даст меоранд, барои омӯзгорон дигаргун сохтани роҳу усулҳои анъанавӣ осон мебошад.

Дар фаъолияти худ чунин ташкилотҳои касбӣ бо чор принсипи асосӣ такя мекунад:

1) якҷоя қабул намудани қарорҳо;
2) фаҳмиши мақсади умумӣ;
3) кори ҳамроҳӣ дар ба мақсади умумӣ расидан;
4) ҷавобгарии коллективӣ.

Дар чунин ташкилотҳои касбӣ ҳар як иштирокчӣ барои ба мақсадиҳои умумӣ расидан дар болои баланд бардоштани савияи дониши худ кор мекунад. Бо масъалаҳои ташкилӣ ва дастгирӣ барои мақсади умумӣ расидан **фасилитатори аз ҳисоби омӯзгорон** машғул мешавад. Фаъолияти чунин ташкилотҳо таҳлили маълумотҳо, ҳамроҳ дарс гузаштан ва омӯзиши таҷриба мебошад.

Панҷ марҳила

Маҷлисҳои иттиҳодҳои касбии номбаршуда аз панҷ марҳила иборат аст: ***рефлексия, омӯзиш, банақшагирӣ, татбиқ ва арзёбӣ.*** Ин марҳилаҳо бо навбат ба амал бароварда мешавад.

- ***Рефлексия.*** Ин марҳилаи дар фаъолият истро дар назар дорад, ки дар рафти он омӯзгор фаъолияти худро таҳлил намуда, доираи муаммоҳои касбиро муайян мекунад. Барои таъмини рефлексияи самаранок омӯзгорон бояд иқтидори худро ва малакаи аз ғоя ва ақидаҳои ғалати дар омӯзиш ва таълим мавҷуд буда даст кашиданро инкишоф диҳанд.
- ***Омӯзиш.*** Омӯзгорон натиҷаҳои мушоҳидаҳоро,ки дар марҳилаи рефлексия гузаронда буданд, меомӯзанд, усулҳои истифодашудаи омӯзишро таҳлил мекунанд, савияи малакаҳои касбии худро, муаммоҳои ба вуҷудомада, сифати алоқаи омӯзгор бо хонандагонро таҳлил мекунанд. Барои самаранок иҷро намудани ин вазифаҳо омӯзгорон бояд, усулҳои асосиеро, ки барои ҳал намудани доираи муайяни масъалаҳо истифода мешавад, дида баромаданашон зарур аст.
- ***Бнақшагирӣ.*** Дар марҳилаи мазкур омӯзгорон қарорҳои консептуалии кор карда шударо дар амалия истифода мебаранд. Онҳо барои ба нақша даровардани ҳаракатҳои худ ба таври доимӣ усулҳои асосиро истифода мебаранд. Барои таъмини марҳилаи мазкур омӯзгорон бояд савияи дониши худро баланд бардоранд ва онро дар амал истифода баранд.
- ***Татбиқ.*** Ба таври инфиродӣ, коллективона ё бо аҳли мактаб омӯзгорон корҳои пешакӣ банақшагирифташударо амалӣ менамоянд. Барои ин корҳоро самаранок ба амал баровардан омӯзгорон бояд ҷидду ҷаҳд нишон дода, усулҳоеро, ки пеш дар таҷрибаи худашон истифода набурда буданд, истифода баранд.
- ***Арзёбӣ.*** Омӯзгорон бори дигар усулҳои истифода шудаи омӯзишро таҳлил мекунанд ва ба самаранокии он арзёбӣ мекунанд. Ба асоси таҷрибаи худ такя карда, омӯзгорон барои дар амал татбиқ намудани қарорҳои худ хулосаҳо мебароранд.

Иттиҳодияҳои методии мактабӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Дар доираи дастгирии иттиҳодҳои методӣ Лоиҳаи «Вақти хондан» чорабиниҳои зеринро дар назар дорад:

1) ба амалбарории дастури такмили ихтисоси омӯзгорони 900 мактаб, ки ба доираи фаъолияти Лоиҳа дохил шудаанд;
2) шинос намудани директорон ва ҷонишинони онҳо бо дастури такмили ихтисоси омӯзгорон ва дастгирии онҳоро гирифтан;
3) пешниҳод намудани омӯзгорони ташаббускор ба сифати фасилитаторҳо барои ташкили фаъолияти иттиҳоди омӯзиши касбӣ (бо таклифи коллективи педагогӣ ва роҳбарони мактаб);
4) аз байни тренерони миллӣ интихоби шахсон, ки фасилитаторҳоро ба ташкили чунин иттиҳодҳои омӯзиши касбӣ меомӯзонад;
5) омӯзиши якрӯзаи 900 нафар фасилитаторони роҳбарикунандаро оид ба ташкили фаъолияти иттиҳоди омӯзиши касбӣ. Тренерон дар мавриди ба мактабҳо бо мақсади ёрии зарурӣ додан ва ба самаранокӣ баҳо додан мераванд, инчунин ба фаъолияти иттиҳодҳои омӯзиши касбиро низ таҳқиқ мекунанд;
6) вазифаи фасилитатор шинос намудани иштирокчиён бо панҷ марҳилаи дар боло қайд шуда мебошад. Ба ғайр аз ин фасилитатор ба ташкили фаъолияти чунин итттҳоди касбӣ ҷавобгар мебошад;
7) маҷлисҳои дар давоми чоряк, ё ки аз рӯйи зарурат 2-3 бор гузаронда машавад.

[1] Gagnon Jr., Walter; Collay, Michelle; Dunlap, Diane; Enloe, Walter. Learning Circles: Conditions for Professional Development. Thousand Oaks, California: Corwin Press, 1998.

Дар ҷадвал шаклҳои маҷлисҳо ва мундариҷаи фаъолияти иттиҳодҳои касбӣ оварда шудааст.

Характери маҷлисҳо	Мундариҷа	Муддати тавсияшуда
Таҳлили маълумотҳо	Мақсади ин маҷлисҳо ин таҳлили натиҷаҳои ташхисӣ ва дигар ҷараёнҳои арзёбӣ мебошад. Омӯзгорон натиҷаҳоеро,ки аз рӯйи онҳо ба ҷараёни омӯзиши хонандагон баҳо додан мумкин аст,дида мебароянд ва роҳҳои тақвияти усулҳои омӯзишро барои ба натиҷаҳои баланд сазовор шудани хонандагон муҳокима мекунанд.	Дар давоми соли хониш камаш 2 маротиба
Дарсҳои кушод	Ин маҷлис ба омӯзгорон имконияти дар амал дидани самаранокии стратегияҳоро медиҳад. Онҳо дарсро бо роҳи истифодаи протоколи мушоҳидаҳои дарс, ки пешакӣ кор карда баромада мешавад,муҳокима ва ташхис мекунанд. Инчунин онҳо ин мушоҳидаро бо таҷрибаи онҳо ва бо синф чӣ алоқамандӣ дорад, муҳокима мекунанд.	Дар давоми соли хониш камаш 3 маротиба
Таҳлили таҷрибаҳо	Таҳлили таҷрибаҳо – ин ҷараёни инкишофи касбӣ буда, дар доираи он омӯзгорон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таълим ва беҳтар намудани дастовардҳои хонандагон ба таври доимӣ таҷрибаи таълимии худашонро таҳлилу муҳокима мекунанд. Вай аз якчанд марҳилаҳо иборат аст: ба-нақшагирӣ, омӯзиш, мушоҳида ва рефлексия.	дар давоми соли хониш 9 маротиба
Мушоҳидаи дарсҳо	Чорабинии мазкур мушоҳидаи ғайрирасмии истифодаи стратегияҳои гуногун, ки аз тарафи омӯзгорон дар дарсҳо истифода мебаранд, мебошад. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили таҷрибаи дарсҳои кушод ва таҳлили маълумотҳо омӯзгорон метавонанд, барои мушоҳидаи дарсҳои ҳамкасб қарорҳо қабул кунанд.	Дар давоми соли хониш ҳар як омӯзгор ду бор ба сифати мушоҳидакор ва қабулкунанда бошад
Муҳокимаи вазъиятҳо	Дар рафти чунин маҷлис омӯзгорон воқеаву ҳодисаҳои ҳаётии синф, ки барои ҳалли муаммоҳои умумӣ ёрӣ мерасонад, муҳокима мекунанд. Гурӯҳҳо метавонанд хулосаҳои чунин муҳокимаҳоро барои далеловарӣ ва баровардани қарорҳо истифода баранд.	Дар давоми соли хониш камаш 3 маротиба
Рефлексия	Омӯзгорон бо усулҳои инноватсионии омӯзиш, ресурҳо ё ки бо дилеммаҳое, ки онҳо дучор мешаванд, ба ҳам мебинанд. Ҳамкасбон онҳоро муҳокима мекунанд ва роҳҳои ҳалли онро тавсия. мекунанд пешниҳод мекунандя.	Ба таври зарурӣ

Ҳар як фасилитатор баъди ба охир расидани маҷлисҳо ба намояндаи Лоиҳа муддат ва мавзӯи маҷлисро хабар медиҳад. Дар навбати худ намояндаи Лоиҳа шумораи маҷлисҳоро, ки дар мактабҳо баргузор гардида буд, ба қайд мегирад. Маълумотҳои статистикӣ ба ВИМ имконият медиҳад, ки дар бораи самаранокии модели инноватсионии такмили касбии омӯзгорон дар ҷойҳо, маълумот гиранд.

Мушоҳидаи дарсҳо

Илова ба ташкили фаъолияти иттиҳодҳои касбӣ Лоиҳаи «Вақти хондан» мушоҳидаи дарсҳоро мегузаронанд. Мақсади мушоҳидаҳо аз тарафи тренерони миллӣ ба омӯзгорон дар истифодаи усулҳои инноватсионии омӯзиши хониш ёрӣ додан мебошад. Дар давоми мушоҳидаҳо тренери миллӣ ба муҳити синф, истифодаи маводи таълим, назорати синф ва арзёбӣ эътибор медиҳад. Мувофиқи нақшаи Лоиҳа ҳар як тренери миллӣ дар мобайни тренингҳо як бор дарсҳои омӯзгоронро мушоҳида мекунад.

Лоиҳаи «Вақти хондан» дар болои ақидае, ки мушоҳида яке аз қисми асосии омӯзиш ва инкишофи касбии омӯзгорон буданаш,барпо шудааст. Барои аз худ намудани консепсияе, ки дар тренинг пешкаш мешавад, гузарондани як тренинг кифоя нест. Барои ин онҳоро дар амал бо рефлексияи минбаъда татбиқ намудан лозим аст, чунки бо ин роҳ усулҳои татбиқ и самараноки онҳо муайян карда мешавад. Аз ин сабаб мушоҳидаи дарсҳо ба тренерони миллӣ имконияти кори омӯзгоронро дар шароити воқеии таълим диданро медиҳад. Тренерони миллӣ ба омӯзгорон имконияти робитаи мутақобила додан,фикру мулоҳизаҳои дар бораи ташкил ва гузаронидани дарсҳо шунидан, барои дастгирӣ дар татбиқ и усулҳои нав ва ба саволҳои омӯзгорон ҷавобҳо додан, вохӯриҳо, ташкил мекунанд. Дар рафти мушоҳидаи дарсҳо тренерони миллӣ бо ёрии планшет шакли электронии мушоҳидаи дарсҳоро пур мекунанд (Замимаи Б. Шакли мушоҳидаи дарс). Тренер, дарси омӯзгор, усулҳои назорати синф, муҳити умумии синфро, ки аз тарафи омӯзгор ташкил карда мешавад,мушоҳида мекунад. Дар айни ҳол тренер ба ҷараёни таълим мудохила намекунад. Лоиҳа иштироки директорон ва ҷонишинони онҳоро дар мушоҳидаи дарсҳо дастгирӣ мекунад, чунки дар оянда онҳо худашон мустақилона мушоҳидаи дарсҳоро гузаронда тавонанд.

Дар вақти баъди таҳқиқи тренер дода шудани робитаи мутақобила,вай метавонад аз омӯзгор дар бораи пешкаш намудани фикру мулоҳизаи худ, дар бораи равиши дарс, мушоҳидаҳову шарҳҳо ва вазифаҳои дарсҳои ояндаро муайян карданро пурсад. Тренер дар вақти дарс ба кори омӯзгор алоқаманд се лаҳзаи сазовори таҳсин ва як лаҳзаи беҳтаркуниро талабкунандаро қайд карда мегузарад. Робитаи мутақобилаи самаранок ба омӯзгор маълумоти аниқ ва муфассалро, ки ба инкишофи касбии омӯзгор нигаронида шудааст, медиҳад. Ба ғайр аз ин қадамҳои навбатӣ барои инкишофи сифати таълим муайян карда мешавад. Робитаи мутақобилаи самаранок дар бораи равиши дарс таъсири эҷобии бузург барои такмилдиҳии усули омӯзиш, ки ба беҳтар намудани дастовардҳои хонандагон оварда мерасонад, дорад. Робитаи мутақобила дар бораи худи омӯзгор камсамар мебошад. Одатан чунин робитаи мутақобила маълумоти муҳим дар бораи фаъолияти омӯзгор надорад ва барои такмили оянда сабаб шуда наметавонад.

Мушоҳидаи дарс ва ба омӯзгорон аз рӯйи натиҷаи мушоҳидаҳо робитаи мутақобила тавсия намудан

Азбаски таълим асоси фаъолияти мактаб мебошад, маъмурият ва омӯзгорони мактаб барои баланд бардоштани таҷрибаи педагогӣ кӯшиш мекунанд. Мушоҳидаи дарсҳо яке аз усулҳое мебошад, ки бо ёрии он дараҷаи омӯзиш арзёбӣ карда шуда, тавсияҳо барои такмилдиҳии ҷараёни омӯзиш кор карда баромада мешавад. Мушоҳида худ ба худ ягон натиҷаи хуб намедиҳад. Барои баланд бардоштани сифати омӯзиш, бояд баъди мушоҳида ба омӯзгор робитаи мутақобила пешкаш намудан зарур аст, ки ба эътибори омӯзгорон ҷиҳаттҳои такмилдиҳанда ва тартиби татбиқ и дигаргуниҳоро ҳавола мекунад ро додан лозим аст.

Дараҷаи дониш дар баланд бардоштани дастовардҳои хонандагон нақши муҳимро иҷро мекунад. Барои таъмин намудани дастовардҳои баланди хонандагон, якҷоя инкишофи омӯзгорон зарур аст. Ин худбаҳодиҳӣ, робитаи мутақобилаи самаранок дар бораи таҷрибаи педагогӣ ва тайёрии пурра барои баланд бардоштани маҳорати худро дар назар дорад.

Мақсади мушоҳидаи дарсҳо, ки аз тарафи Лоиҳаи «Вақти хондан» пешниҳод шудааст,

дар баланд бардоштани дастовардҳои хонандагон бо воситаи такмили доимии маҳорати педагогии ҳар як омӯзгор аз ҳисоби мониторинг, ташхис ва истифодаи маълумотҳои мувофиқ, дар доираи системаи робитаи мутақобила қисматбандӣ кардашуда, мебошад. Дар ҷараёни мушоҳидаи дарсҳо ба аз тарафи омӯзгор истифода карда шудани стратегияҳо ва машқҳо, ки дар тренингҳои Лоиҳа пешниҳод карда шуда буд,

инчунин истифодаи маводи иловагии пешкашуда ба эътибор гирифта мешавад. Мақсади мушоҳидаи дарсҳо баланд бардоштани сифати омӯзиш аз ҳисоби:

- барои нишондодҳои азхудкунии синф ҷавобгарии омӯзгорро таъмин намудан;
- инкишофу такмили касбии омӯзгор ва арзёбии самараноки кори омӯзгор, мебошад.

Дар ин қисм технология гузаронидани мушоҳидаи дарс ва ба омӯзгор пешкаш намудани робитаи мутақобилаи самаранок, инчунин шакли мушоҳидаи дарс дода шудааст, дида баромада мешавад.

Хусусиятҳои мушоҳидаи дарс

Мушоҳидаи дарс компоненти муҳим дар таҷрибаи педагогӣ буданаш нигоҳ накарда,бояд хусусият ва маҳдудияти мушоҳидаро ба назар гирифтан зарур аст. Омӯзиш ҷараёни мураккаб ва динамикӣ мебошад. Мушоҳида кардани ҳамаи ҷараёнҳо номумкин аст. Сӣ нафар ва аз он зиёд хонандагони синф дар вақти дарс рафторҳои гуногун мекунанд. Барои баъзеи хонандаҳо дарс шавқовар,баъзеи дигар бешавқу зиққунанда шуданаш мумкин. Дар айни ҳолат омӯзгор пеш аз ҳама дарс дар шакли бемаҳсулнок тартиб дода шуданашро ба эътибор гирифта, бояд барои нигоҳ доштани ҷараёни дарс саъю кӯшиш намояд. На ҳамаи ин ҷиҳатҳои дарс ба мушоҳида гирифта мешавад. Дар баъзе синфҳо мушоҳид сабаби рафтори хонандагонро муайян карда наметавонад. Ба ҳисоб гирифтани ҳамаи ин далел, маълумотҳои дар вақти мушоҳида ҷамъ оварда шуда, бояд сабаби чунин ҷиҳатҳоро муайян намоянд ва дар ҷараёни робитаи мутақобила шарҳ дода шавад.

Гоҳо иштироки мушоҳидакунанда дар синф ба характери гузаштани дарс таъсир мерасонад, омӯзгор роҳҳои ғайриодатии таълимро истифода мебарад. Агар ба омӯзгор ташрифи мушоҳид пешакӣ хабар дода шавад, дар ин ҳолат омӯзгор барои дарси хуб гузаштан «аз ҳад зиёд кӯшиш» карданаш мумкин аст. Бояд мушоҳид фаҳмад, ки ташрифи вай барои омӯзгорон чӣ хел ҳаяҷону ногувориҳоро меоварад, аз ҳамин сабаб барои омӯзгорон шароит фароҳам оварда шавад, то ки онҳо худашонро озодона ҳис намоянд. Пеш аз саршавии мушоҳида бо омӯзгор якчанд дақиқа сӯҳбат кардани мушоҳид хеле муҳим аст.

Предмети мушоҳида

Мушоҳида бояд бодиққат ба нақша дароварда шавад. Мақсади мушоҳида дар ҷамъоварии маълумот, ки дар оянда барои бо омӯзгор муҳокима намудан истифода мешавад, мебошад.
Тренери миллӣ, бо ҳамроҳии омӯзгорони мактаб, графики мушоҳидаи дарсҳоро тартиб додан ва онро бо директор ё ҷонишини директор муҳокима намуда, тасдиқ кунониданаш муҳим аст. Азбаски ин қисми аввали мушоҳидаи дарсҳо (аз тарафи Лоиҳа пешниҳод шуда) мебошад, ба омӯзгорон дар бораи ин пешакӣ хабар дода мешавад. Пешакӣ хабардор карда шудани омӯзгорон имконият медиҳад, ки вай ба дарс тайёрии пухта бинад ва ин ҳолат хавотири омӯзгорро аз иштироки мушоҳид дар дарс хеле кам менамояд.
Предмети мушоҳида шуда, дараҷаи истифодаи стратегия ва машқҳо, ки омӯзгор дар вақти иштирок дар тренинг шинос шудааст, инчунин истифодаи маводҳои Лоиҳа пешкаш намуда шуда метавонад. Мутахассисони Лоиҳа формаи мушоҳидаи дарсҳоро тайёр намудаанд. Дар формаи мушоҳида ҳама марҳилаиҳои дарси хониш, шароити синф ва самаранокии кори омӯзгор ба назар гирифта шудааст.
Дар вақти тренингҳо тренерони миллӣ омӯзгоронро бо ин форма шинос мекунанд, чунки онҳо бояд, дар вақти мушоҳида ба кадом ҷиҳатҳои дарс эътибор дода мешавад, донанд.

Варақаи мушоҳидаи дарс

Варақаи аз тарафи Лоиҳа кор карда баромада шудаи мушоҳидаҳо дар худ шарҳи нишондиҳандаҳои ҷиҳатҳои гуногуни дарсро хар худ мегирад ва аз тарафи тарафи тренерони миллӣ дар рафти мушоҳидаи дарси омӯзгор пур карда мешавад. Шакли электронии варақа дар планшет дастрас мешавад, ки тренери миллӣ онро барои ҷамъ кардани маълумот истифода мебарад. Лоиҳа ба тренерони миллӣ ҳамеша шакли чопшудаи варақа дро дар бар доштанро тавсия мекунанд, ки ин агар планшет аз кор баромада монад, зарур мешавад. Дар доштани мушоҳид алоқаи интернет, вай маълумотро ба базаи марказии Лоиҳаи «Вақти хондан» дохил мекунад.

Муқаддима

Дар қисми якуми варақа маълумот дар бораи мушоҳидакунанда, омӯзгор ва мактаб дода шудааст. Аксарияти ин маълумотҳо то оғози мушоҳида ва баъди он, ҳатто то ба мактаб рафтан ба планшет дохил карда шуданаш мумкин. Маълумоти норасоро то оғози мушоҳидаи дарс тахминан панҷ дақиқа пеш пур кардан мумкин аст.

Вврвқаи мушоҳидаи дарс

Н.Н.мушоҳид:	*Сана:* *Вақти дарс:*
Н.Н. омӯзгор:	*Синф:*
Коди мактаб:	*Забони омӯзиш:*
Рақам/номи мактаб:	*Шумораи хонандагон: аз рӯйи рӯйхат:* *дар асл:*
Вилоят/Ноҳия:	*Шумораи духтарон: аз рӯйи рӯйхат:* *дар асл:*
Шаҳр/Деҳа:	*Смена:*
Модули мушоҳидашаванда:	*Номи предмет*

Арзёбӣ

Дар қисми мазкур варианти ҷавобҳо, ки аз байни онҳо мушоҳид варианти ба нишондиҳанда мувофиқро интихоб мекунад, оварда шудааст.

Н.Н. Нишондиҳанда ба дарси мазкур истифода бурда намешавад.
ҲА Нишондиҳанда нишон дода шуд.
НЕ Нишондиҳанда нишон дода нашуд.

Қисми I. Марҳилаи «Пеш аз хониш»

Дар марҳилаи мазкур ҷиҳатҳои дарси бо марҳилаи «Пеш аз хониш» алоқаманд дида баромада мешавад. Мушоҳид ҳар як қадами барои хонандагонро ба дарс тайёр кардан истифода бурдаи омӯзгорро ба таври хаттӣ ба қайд мегирад. Дар ин марҳилаи омӯзгор мақсади хонишро баён мекунад, бо маънои калимаҳои асосӣ шинос мекунад, усули пешгӯйӣ карданро истифода мебарад ва дар бораи стратегияҳои хонандагони пешқадам истифода намуда нақл мекунад. Омӯзгор барои фаъолонидани донишҳои хонандагон оид ба фанни мазкур саволҳо медиҳад. Омӯзгор ба таври визуалӣ омӯхтани китобро, бо мақсади дар таҳлили визуалӣ ва фикрронӣ дар бораи матн ба чӣ эътибор додани хонандагонро муайян намудан, вазифа медиҳад. Хонандагон, диққати худро метавонанд, ба китоб ва ҳуруфи (шрифти) матн ҷалб кунанд.

Қисми I. «Пеш аз хониш»				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
1.1	Омӯзгор хонандагонро бо мавзӯи дарс шинос мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.2	Омӯзгор хонандагонро бо натиҷаҳои пешбинишуда шинос мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.3	Омӯзгор шакли фаъолиятеро, ки дар тренинги Лоиҳа пешкаш шуда, ба инкишофи малакаҳои асосии хониш равона шудааст, эълон.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.4	Омӯзгор оид ба мавзӯъ донишҳои хонандагонро ба хотир меорад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.5.	Омӯзгор алоқаи байни мазмуни дарс ва таҷрибаи ҳаётии хонандагонро барқарор мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.6.	Омӯзгор усулҳо ва машқҳои барои инкишофи малакаҳои пешгӯйи карданро истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.7.	Омӯзгор ба хонандагон дар муайян кардани жанр ва стил ёрӣ	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.8.	Омӯзгор усул ва машқҳоеро, ки барои бой намудани таркиби луғавии хонандагон ёрӣ мерасонад, истифода мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.

Қисми II. марҳилаи «Ҳангоми хониш» (хониши назоратшаванда)

Дар қисми мазкур тренери миллӣ консепсияҳоеро,ки дар дарс ҳамчун асоси дарс истифода шуд, ба қайд мегирад. Омӯзгор хонандагонро ба ҷараёни хониши бо овози баланд хондан равона мекунад,барои фикр намудан вақт медиҳад,агар зарур бошад, ба хонандагони алоҳида ёрӣ медиҳад, ба монанди, «Боз як бори дигар хонда баро, акнун фаҳмо шуд? Бо кадом ҳарф сар шудани калима эътибор деҳ». Омӯзгор ҳангоми хониши ботинӣ ва «фиккронӣ бо овози баланд хондан» метавонад ба пеши якчанд нафари хонандагон омада ба онҳо кумак расонад. Омӯзгор бо диққат гӯш мекунад ва метавонад ба таври даврӣ қайдҳо кунад. Омӯзгор, агар ёрӣ лозим набошад, ба хонанда гуфта намедиҳад, ба кори вай дахолат намекунад. Омӯзгор дар марҳилаи мазкури хониш саволҳои гуногундараҷа медиҳад.

Қисми II. «Ҳангоми хониш» (Хониши назоратшаванда)				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
2.1	Омӯзгор бо овози баланд мехонад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.2	Омӯзгор ба хонандагон муқоиса намудани ҷараёни воқеии инкишофи ҳодисаҳои асарро бо тахмин ва пешгӯиҳои худ, таклиф мекунад	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.3	Омӯзгор аз худ намудани маводро аз хонандагон бо воситаи саволҳои гуногундараҷа ва хел муайян мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.4	Омӯзгорон робитаи мутақобилаи ботафсилро пешниҳод мекунанд развёрнутую/описательную братную связь.	ҲА	НЕ	Н.Н.

Қисми III. Марҳилаи «Баъд аз хониш»

Дар марҳилаи мазкур омӯзгор малакаи дарки мазмунро мустаҳкам менамояд ва хонандагоне, ки дар хониш стратегияҳои гуногунро истифода мебаранд,рӯҳбалад мекунад. Омӯзгор ба хонандагон барои аввал, мобайн ва хотимаи асарро алоқаманд кардан ёрӣ медиҳад. Масалан, хонандагон дар тасвирҳои аввали китоб ё асар маҳсулотҳо дар ҷевон тасвир шудааст, аммо дар охир дар тасвирҳо маҳсулотҳо дар болои мизи ошхона тасвир шуданашро қайд карданашон мумкин аст. Омӯзгор вазифаро дар асоси мушоҳидаҳои худ дар ҷараёни хониш медиҳад. Қайдҳои омӯзгор оид ба истифодаи усулҳои нав, ки хонандагон дар вақти иҷрои вазифаҳо истифода мебаранд, басо муҳим мебошад.

Қисми III. «Баъд аз хониш»				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
3.1	Омӯзгор ба хонандагон матни хондашударо мулоҳиза ва муҳокима карданро тавсия мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.2	Омӯзгор барои тафтиши дарки мазмун саволҳо мегузорад	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.3	Омӯзгор машқҳои гуногунро истифода мекунад:			
3.3.1	1) аз рӯйи фаҳмиши маънои аслӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.3.2	2) аз рӯйи таҳлили асар;	ҲА	НТ	Н.Н.
3.3.3	3) аз рӯйи муносибати худро баён кардан, оид ба асари хондашуда.	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.4	Омӯзгор дар рафти иҷрои машқҳои гуногун, бо хонандагон чӣ хел матни асар бо воқеаҳои ҳаётии онҳо алоқаманд буданашро	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.5	Омӯзгор якҷоя бо хонандагон натиҷаҳои ба дастрасидаро арзёбӣ	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.6	Омӯзгор дарсро ҷамъбаст мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.

Қисми IV. Шароит ва маводҳо

Ба варзишгарон барои такмилдиҳии малакаи онҳо ҳавасманд мекунад, муҳити форам, шарту шароит ташкил карда шуданаш лозим аст. Ба онҳо барои малкаву маҳорати худро баланд бардоштан ва бо варзиш машғул шудан, ҷойҳои махсус зарур мебошад. Инчунин ба онҳо шахсони ба монанди: тренерон, маслиҳатгарон, рафиқони командавӣ ва мухлисон зарур аст. Ба варзишгарон либосҳои махсус ва воситаҳои варзишӣ: дастпӯшакҳо, тӯб, тӯр ва.ғ. зарур мебошад. Барои машқ кардан ва бо варзиш машғул шудан вақт лозим аст. Барои олимон ва рассомон низ лабораторияҳо ва коргоҳи махсус барои баланд бардошатани маҳорати худ ва офаридани корҳои беҳтарин даркор мебошад. Ба онҳо асбобҳо, ашё, мавод ва ҳамкору ҳамкасбҳо ва барои ба натиҷаҳои олӣ расидан вақт зарур мебошад.

Ба хонандагон низ, ҳамчун варзишгарон, рассомон ва олимоншарту шароит ва муҳити форам барои омӯзиш зарур мебошад. Ба онҳо маводи хониш даркор аст. Аммо доираи саводомӯзӣ фақат бо китобу қоғаз ва қалам маҳдуд намешавад. Чунин муҳит шарту шароитҳои иловагиро дар назар медорад, ҳамчун: ҷой, вақт, одамон ва маводҳо, ки ҳамагӣ якҷоя хонишро имконпазир ва ҳаловатбахш менамоянд. Муҳити форам, ки барои саводомӯзӣ ташкил карда шудааст, омӯзгорон ва хонандагонро барои хонанда ва нависанда шудан ҳавасманд мекунад. Ҳамчун, рассомон, олимон ва варзишгарон, ба омӯзгорон ва хонандагон низ, муҳит ва шарту шароити махсус ва бо диққат ташкил карда шуда, ки барои ба шакл даромадан ва инкишофи саводнокӣ таъсир мерасонад, зарур мебошад.

Барпо ва ташкил кардани муҳити форам барои хонандагон ва нависандагон, яке аз ҷиҳатҳои муҳими кори омӯзгори синфҳои ибтидоӣ мебошад. Чунин муҳит барои хониши самаранок ва арзёбӣ нақши муҳимро ишғол мекунад.

Дар қисми мазкури формаи мушоҳида муҳити хониши дар синф дида баромада мешавад.

Қисми IV. Шароит ва маводҳо				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
4.1	Омӯзгор ва хонандагон китобҳои мувофиқи фаннӣ доранд.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.2	Омӯзгор хелҳои гуногуни маводи иловагиро истифода мекунад:			
4.2.1	1) шахсӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.2.2	2) дар тренингҳои Лоиҳа тавсия шуда.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.3	Омӯзгор ба ҳамкориву якдигарро омӯзонидани хонандагон мусоидат мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.4	Омӯзгор муҳити бо маводҳои чопӣ бои синфро (асбобҳои аёнӣ, плакатҳо, девори калимаҳо, китобҳо ва ғ.) ташкил медиҳад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.5	Омӯзгор китобҳои классификатсия шуда ва ба синну соли хонандагон мувофиқро (маводи хониш) истифода мекунад	ҲА	НЕ	Н.Н.

Қисми V. Усулҳои кори омӯзгор

Дар қисми мазкур истифодаи роҳҳо, стратегияҳо ва машқҳое, ки омӯзгор дар тренингҳои Лоиҳа шинос шудааст, арзёбӣ мешавад. Мушоҳид ба истифодаи усулҳои Лоиҳа пешниҳод карда дар рафти дарс эътибор медиҳад.

Қисми V. Усулҳои кори омӯзгор				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
5.1	Ба хонандагон имконияти дар амал хондан дода мешавад:			
5.1.1	1) дар синф;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.2	2) дар гурӯҳҳои хурд;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.3	3) дар ҷуфтӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.4	4) инфиродӣ.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.2	Омӯзгор усул ва роҳҳои ба шахс равона карда шудаи хонишро	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.3	Омӯзгор арзёбии инкишофдиҳандаро истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.4	Суръат ва сохти марҳилаиҳои гуногуни дарс барои самаранок истифода намудани вақт имконият медиҳад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.5	Омӯзгор роҳҳо ва машқҳои гуногунро, ки дар тренингҳои Лоиҳа пешниҳод шудааст, истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.6	Дарс аз рӯйи сохти «Пеш аз хониш – Ҳангоми хониш – Баъди хониш» сохта шудааст.	ҲА	НЕ	Н.Н.

Чӣ хеле ки дар боло қайд карда шуд, тренери миллӣ, маълумоти гирифтаро ба базаи маълумотҳои Лоиҳаи «Вақти хондан» дохил мекунад ва он дар оянда таҳлил карда мешавад ва дар репозиторий нигоҳ дошта мешавад.

Тартиби гузаронидани мушоҳида

Дар вақти мушоҳидаи дарстренери миллӣ, бояд ба қадри имкон иштироки худро номаълум кунад. Аксарияти омӯзгорон мехоханд, ки мушоҳид то саршавии дарс ояд. Ин ба омӯзгор кам кардани алоқа ва ба хонандагон эълон намудани иштироки мушоҳид дар дарс, имкон медиҳад.

Агар дар мушоҳид имконияти то саршавии дарс бо хонандагон сӯҳбат кардан бошад, масалан, барои муайян кардани мавзӯъҳои гузашта, дар ин ҳолат хонандагон, аз иштироки шахси ношинос дар синф худро озодона ҳис мекунанд. Мушоҳид дар синф чунин ҷойгир шуда

метавонад, ки то алоқаи ғайризабонии хонандагонро дар ҷараёни омӯзиш имконияти дидан дошта бошад.

Омӯзгор метавонад, мушоҳидро ба хонандагон шинос намояд, аммо мақсади иштироки вай эълон карда намешавад. Ба баъзеи аз омӯзгорон ба мушоҳид, хонанда барин муносибат кардан қулай мебошад. Дигарашон бошад, мушоҳидро ҳамчун ҳамкор-ёридиҳанда, сеюмашон, бошад-иштироки оромона, дӯстонаи мушоҳидро афзал медонанд. Агар аз гузаронда шудани мушоҳида омӯзгор бехабар бошад, дар ин ҳолат мушоҳид дар қафои синф ҷойгир шуда, оромиро нигоҳ медорад. Вақте ки омӯзгор дарсро сар мекунад, мушоҳид бояд муносибати дӯстона ва дастгирӣ изҳор намояд. Мушоҳид фақат кори омӯзгорро мушоҳида накарда, ҷавобҳои хонандагонро низ ба эътибор гирад, зеро ин ҷавобҳо низ барои мушоҳида муҳим аст.

Мушоҳид бояд дар давоми мушоида қайдҳо кунад. Лоиҳа бо формаи электронии мушоҳида планшетро ба ихтиёри мушоҳид мегузорад. Аммо мушоҳид шакли қоғазӣ- чопии формаи мушоҳидаро афзал диданаш мумкин, ки қайдҳои он дар оянда ба планшет гузаронда мешавад. Дар кадом ҳолат набошад, мушоҳид бояд камтар қайдҳо нависад ва эътибори худро ба воқеаҳои дар синф рӯй дода истода ҷалб намуданаш зарур аст.

Дар охири дарс мушоҳид, омӯзгор ва хонандагонро барои имконияти дар дарс иштирок намудан додаанд, миннатдорӣ мекунад. Миннатдори омӯзгорро рӯҳбаланд мекунад ва дар оянда барои барқарор кардани алоқа ва аз омӯзгор гирифтани робитаи мутақобила ва фикру мулоҳизаи вайро донистан оид ба мушоҳидаи дарс имкон медиҳад. Мушоҳид бо омӯзгор вақти гирифтани робитаи мутақобиларо маслиҳат карда мегирад, беҳтараш даррав баъди мушоҳидаи дарс мебошад.

Афзалиятҳои мушоҳидаи дарс

Мушоҳидаи дарс барои омӯзгор як қатор афзалиятҳоро медиҳад:

- робитаи мутақобилаи доимӣ ва конструктивӣ дар бораи самаранокии кори омӯзгор;
- имконияти инкишофи касбӣ;
- дараҷаи баланди ҳамкорӣ дар ҷараёни менторӣ ва ҳамроҳии касбӣ;
- ҳисси қаноатбахшии касбӣ;
- эътирофи расмии дастовардҳои касбӣ;
- ҳамкории наздик бо ҳамкасбон.

Афзалиятҳо барои директорон ва ҷонишинони директор:

- сохти батартиб барои инкишофи коллективи педагогӣ ва умуман мактаб;
- гирӯ дар боби мувофиқондан ба вазифаҳои инкишофи мактаб;
- қолиб барои баланд бардоштани маданияти касбӣ;
- стандартҳои баланди самаранокии фаъолияти касбӣ;
- умумияти фаҳмишҳо дар бораи самаранокии омӯзиш бо мақсади такмили дастовардҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ;
- имкониятҳо барои омӯзиш.

Ба ҳар як тренери миллӣ мактаб вобаста карда шуда, ташрифи мушоҳид бо роҳбарони мактаб тасдиқонида мешавад.

Робитаи мутақобилаи самаранок додан

Робитаи мутақобилаи самаранок воситаест, ки ба мушоҳид-тренери миллӣ, директор ва ё ҷонишини директори мактаб-ба омӯзгор дар баланд бардоштани дастовардҳои синф, ёрӣ диҳад. Робитаи мутақобилаи самаранок, инчунин, омӯзгоронро такмил додани маҳорати худ ва усулҳои нав, ки барои баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва донишҳо, имкон медиҳад, кор карда баромадан ҳавасманд мекунад. Барои самаранок шудани робитаи мутақобила, ба омӯзгорон дар бораи роҳ ва чораҳои такмили таҷрибаи педагогӣ маълумот додан лозим аст. Лоиҳаи «Вақти хондан» робитаи мутақобиларо ба тарзи даҳонӣ, баъди мушоҳидаи дарс доданро пешкаш мекунад.

Машқ. Тӯбро ёб. Барои ин машқ чор нафар ихтиёриён ҷалб карда мешавад. Тренер бояд пешакӣ огоҳ намояд, ки дар вақти робитаи мутақобила баъзеи аз фикру мулоҳизаҳо тасодуфӣ шуданаш мумкин аст. Тренер чор нафар ихтиёриёнро то сар шудани машқ дар берун интизор шуданашонро мепурсад. Тартиби иҷрои машқ дар маводи тақсимӣ оварда шудааст.

Дар асоси тадқиқотҳо муайян карда шудааст, ки пешкаш намудани робитаи мутақобила дар шакли хаттӣ бо муаммоҳои муайян алоқамандаст, ки дар зерин оварда шудааст:

- одамон шарҳу тафсирҳоро кам мехонанд ва одати натиҷаҳои худашонро бо натиҷаи ҳамкасбҳо муқоиса кардан доранд;
- вақте ки ба омӯзгорон фурсати робитаи мутақобила дода мешавад, мушоҳид кам дар кам вақт ба онҳо имконияти бо шарҳҳо шинос шуданро медиҳанд;
- одатан шарҳҳо мухтасар нависта шуда, ноаниқ мебошад.

Аз рӯйи сабабҳои оварда шуда Лоиҳаи «Вақти хондан» ба мушоҳидон робитаи мутақобиларо ба таври даҳонӣ дар асоси қайдҳо гирифтанро тавсия мекунанда. Аз рӯйи натиҷаи мушоҳидаи дарс гузарондани робитаи мутақобила албатта, ба таври инфиродӣ мешавад: тренер-омӯзгор. Дар вақти гузаронидани робитаи мутақобила ба иштироки омӯзгорони дигар ё роҳбарони мактаб роҳ дода намешавад.

Модели «3 + 1»

Тадқиқотҳои компанияҳои пешқадами хориҷӣ нишон додааст, ки истифодаи модели «3+1» 3 фикру муносибати мусбат ва 1 тавсияро дар назар дора два барои беҳтар намудани вазъияти ҷорӣ ҳамчун робитаи мутақобила дода шудаанд, яке аз усулҳои самараноки дигаргуниҳо мебошад. Мушоҳид ба се ҷиҳати мусбати дарс ва як ҷиҳате, ки беҳтар намудани он талаб карда мешавад, эътибор медиҳад. Муносибати 3 ба 1 омили асосӣ барои ба шакл даромадан ва ба тарафи тағироти мусбат рӯй гардондани маданияти мактабӣ, мебошад. Вай инчунин таҷрибаи самараноки педагогиро баланд мебардорад

Вазъияти зеринро тасаввур кунед: Шумо ба шабнишинии интизор доштаатон либоси аз ҳама зебо, оростаи худро пӯшидед. Ба назари худ шумо бисёр зебо шудаед. Аммо, вақте ки аз утоқи худ баромадед, духтаратон ба шумо мегӯяд: «Шумо бо ин либосатон ба шабнишинӣ рафта наметавонед, чунки кофтаатон ба шиматон умуман мос намеояд, пойафзол бошад, аз мода баромадааст!»
Ин хел муносибатро шунида шумо худро чӣ хел тасаввур мекунед?
Ҳамон вазъиятро боз тасаввур кунед, аммо ин дафъа духтаратон ба шумо: «Шумо бисёр зебо менамоед, агар пойафзоли ба ин либос мувофиқро мепӯшидед, боз зеботар мешуд!»
Баъди чунин муносибат Шумо чӣ мекардед?
Одатан, агар дар як вақт танҳо як шарҳи танқидӣ карда шавад, одамон танқидро камтар дарднок қабул мекунанд.

Ба ғайр аз ин модели мазкур, имконпазирии усул ва роҳҳои заруриеро, ки омӯзгор барои иҷрои тавсияҳои беҳтар намудани таълим дода шудааст, баланд мебардорад.
Робитаи мутақобила на барои танқиди омӯзгор дода мешавад. Вай наметавонад, дар нақши мушоҳид, худро ҳамчун шахси ботаҷрибаву дониш, дар назди омӯзгор намоён кунад. Робитаи мутақобилаи самаранок он доираеро, ки хонандагон аз истифодаи он усулҳои таълим, роҳҳои ҳалли муаммоҳо ва усулҳои муошират фоида гирифта метавонанд, нишон медиҳад.

Андозаи дода шудани робитаи мутақобила

Дода шудани робитаи мутақобила, то мушоҳид таҷриба нагирад, ҳамчун як ҷараёни мураккаб намоён шуданаш мумкин аст. Аксарияти омӯзгорон танқиди сахтро интизор шуда, ба ҳаяҷон мефароянд. Баъзеҳо бошад, ақида доранд, ки натиҷаи мушоҳидаҳо ба обрӯи касбии онҳо таъсир мерасонад. Мушоҳид бояд, ҳамаи нодурустфаҳмиҳоро нест кардан кӯшиш намояд ва самаранокии робитаи мутақобиларо таъмин намояд.
Барои сабук намудани кори мушоҳидон Лоиҳаи «Вақти хондан» шакли гузарондани робитаи мутақобиларо кор карда баромадааст:

- Миннатдорӣ
- Худбаҳодиҳии омӯзгор
- 3 муносибати мусбати мушоҳид(оид ба хонандагон)
  «Хонандагон_____, барои он ки, Шумо_____».
- 1 тавсия барои беҳтар намудан (оид ба хонандагон)
  «*Муҳим аст, ки хонандагон_____; барои ба ин муяссар шудан, кӯшиш кунед_____».*
- Ҷамъбаст.

Миннатдорӣ

Агар мушоҳид дар охири дарс ба омӯзгор ва хонандагон миннатдорӣ изҳор карда бошад ҳам, такроран изҳор намудани миннатдорӣ аз ҳаяҷон фориғ шудани омӯзгор ёрӣ мерасонад. Бо ин мушоҳид ба кору вақт хурмати худро нишон медиҳад.

Худбаҳодиҳии омӯзгор

Мушоҳид бояд вақт ҷудо карда дар бораи равиши дарс фикру мулоҳизаи омӯзгорро гӯш кунад. Мушоҳид саволҳои чунинро доданаш мумкин аст: «Чӣ, ба фикри Шумо нағз гузашт?» ё ки «Дар усули дарсгузарии худ Шумо чиро иваз мекардед?». Чунин саволҳо нишон медиҳад, ки фикру мулоҳизаи омӯзгор барои мушоҳид муҳим аст. Ин боз ба омӯзгор муайян намудани тарафҳои мусбат в манфии дарси гузашта имкон медиҳад.

Се муносибати мусбат

Дар мавриди мушоҳида мушоҳид бояд ба се чизе, ки омӯзгор бомуваффақият иҷро карда истодааст, эътибор намудан зарур аст. Рағбатнок намудани омӯзгор, ё ки эътироф намудани се ҷиҳати мусбати дарс нишон медиҳад, ки мушоҳида на бо мақсади танқид гузаронида мешавад. Бояд ин се ҷиҳати мусбат оид ба рафтори хонандагон бошад: **«Хона ндагон_____, барои он, ки Шумо_____».**

Гузориши чунин тарзи саволҳо ба мушоҳид имконияти ба таассури хонандагон диққати худро ҷалб намудан ва аз танқиди бемавриди омӯзгор даст кашиданро медиҳад.

Як тавсия барои такмил додан

То ин маврид мушоҳид миннатдорӣ изҳор намуда, тарафҳои мусбати омӯзгорро қайд карда гузашт ва бо ин восита вай барои муҳокимаи ҷиҳати такмилдиҳанда асос пайдо кард. Дар зер намунаи изҳори чунин муносибат оварда мешавад, ки мушоҳид аз он барои ба шакл даровардани тавсия барои омӯзгор истифода бурданаш мумкин аст.

«Муҳим аст, ки хонандагон ; барои ба ин муяссар шудан, кӯшиш кунед ».

Барои такмил додани як ҷиҳати дарс кор кардан имконпазир аст. Ба ғайр аз ин чунин усул воситаҳои аниқи такмили таҷрибаи педагогиро муайян карда, барои беҳтар намудани дастовардҳои хонандагон асос шуда хизмат мекунад. Яъне дар маркази диққат хонанда мебошад. Муҳим аст, ки ҷиҳати такмил талабкунанда ба хонандагон нигаронида шуда бошад. Кор аз рӯйи такмили як ҷиҳат имконият медиҳад, ки нишондиҳандаҳои азхудкунии хонандагон беҳтар бошад, на хоҳишҳои шахсии мушоҳид.

Хулоса

Дар охири вохӯрӣ мушоҳид ба тарафҳои мусбати дарс диққати худро ҷалб мекунад. Инчунин мушоҳид ҷиҳатҳоеро, ки дар болои он омӯзгор бояд кор кунад, тавсияҳо медиҳад. Мушоҳид қайд мекунад, ки ҷиҳати мушоҳидашавандаи навбатӣ, маҳз ҳамин тарафҳои дарс мебошад. Мушоҳид инчунин омӯзгорро, дар корҳои иттиҳоди методии мактаб ва онлайн-форумҳо, ки аз тарафи Лоиҳаи «Вақти хондан» ташкил карда мешавад, иштирок намудан, ҷалб менамояд. Робитаи мутақобилаи самаранок омӯзгорро ба фикрронӣ водор мекунад ва дар таҷрибаи педагогӣ ба дигаргуниҳои асоси амалӣ дошта, яъне мусбат, оварда мерасонад. Вай ҳамчунин чорабиниҳои чунинро дар назар дорад. Робитаи мутақобила дар омӯзгор бовариеро пайдо мекунад, ки агар, танқиди аз ҳад зиёд ва муқоисаи бо ҳамкорони дигарро ба назар нагирад, вай метавонад, ба муваффақиятҳои баланди самаранок соҳиб шавад. Барои баланд бардоштани самаранокии кор ба омӯзгорон дастгирӣ зарур аст. Робитаи мутақобила, ки дар таҷрибаи таълим татбиқ намудани дигаргуниҳоро дастгирӣ мекунад, ба худ ҳамкорӣ бо омӯзгор,ки дар муайян намудани усулҳо ва тартиби истифодаи асосноки муносибатҳоро, дар назар дорад.



Онлайн-дастгирӣ

Дар фосилаи байни тренингҳо,омӯзгорон ҳуқуқи ба портали электронӣ даромадан доранд, ки дар он ҷо ҳамаи мавод ва ресурсҳое, ки аз тарафи Лоиҳа кор карда баромада шудааст, ҷойгир мебошад. Ба ғайр аз ин, мутахассисони Лоиҳа омӯзгоронро бо воситаи Facebook ва вебинарҳо дастгирӣ мекунанд.

Портали электронӣ, ки аз тарафи Лоиҳаи «Вақти хондан» ташкил карда шудааст, тренерони миллӣ, омӯзгорон, директорони мактаб, ҷонишинони директор, методистон ва китобдорони мактабро бо ҳуқуқи ба портал даромада, аз маводи Лоиҳа истифода намудан таъмин мекунад. Иштирокчиёни тренинг аз шакли электронии дастурҳо, ресурҳо, видеомаводҳо, форма в шаблонҳо, ки аз тарафи Лоиҳа кор карда баромада шудааст, истифода бурда метавонанд.

Илова ба портали электронӣ, мутахассисони Лоиҳа барои ҳалли душвориҳое, ки омӯзгорон ва директорон, ҷонишинони директор, методистон ва китобдорони мактаб дар боби дар мактабҳои худ ба амал татбиқ намудани стратегияҳои хониш, дучор меоянд, ёрӣ расондан вақт-вақт вебинарҳо мегузаронанд. Иштирокчиён саволҳои худашонро пешакӣ доданашон мумкин аст, барои он ки дар рафти вебинар мутахассисони Лоиҳа ҷавобҳои мукаммал дода тавонанд. Ба ғайр аз ин иштирокчиён метавонанд. саволҳо гузоранд,суратҳо интишор намоянд ва дар саҳифаи Facebook-и Лоиҳа шарҳҳои худро нависанд.

Мақсади ин корҳо ба иштирокчиён имконияти ба ресурҳои гуногун ҳуқуқи даромаданро додан, дар ба амал татбиқ намудани дастурҳои босифати омӯзиши хониш ёрӣ расондан мебошад.

ЗАМИМАИ А: «Яхшиканҳо» ва машққо барои дасту по ёзондан (истироҳат)

«Яхшикан», ё машқ барои дасту по ёзондан, – ин бозии кӯтоҳ ва шавқовар мебошад, ки тренер дар кор бо иштирокчиён барои ҳавасманд кардани онҳо истифода бурда метавонад

- барои рӯҳбаланд кардани иштирокчиён, махсусан пагоҳӣ ва нисфирӯзӣ баъди хӯрок;
- баланд бардоштани тайёрӣ ба омӯзиш бо ёрии машққои ҷисмонӣ. Машққои гуногунро истифода намудан мумкин аст. Давомнокии чунин машққо 5 дақиқа мебошад.

Машққо барои шинос шудан

«ДУРӮҒРО ЁБ»

Маводи зарурӣ: ба ҳар як иштирокчӣ яктогӣ варақи қоғаз.

Тартиб

1. Ба ҳар як иштирокчӣ варақи қоғаз дода мешавад.
2. Ҳар кас се ҷумла маълумот дар бораи худ менависад, ки дутоаш рост, яктои дигар – дурӯғ мебошад.
3. Тренер ҳамаро рост истода варақи худро бардошта истоданро илтимос мекунад, то ки иштирокчии дигар навиштаҳои онро хонда тавонад.
4. Иштирокчиён бо навбат навиштаҳоро мехонанд, ва кӯшиш мекунанд, ки аз байни ҷумлаҳо маълумоти дурӯғро дарёфт кунанд.

«ОНРО ДАРЁФТ КУН, КӢ...»

Маводи зарурӣ: қоғаз ва ручкаҳо; протоколи бозӣ.

Тартиб

1. То саршавии сессия тренер протоколи бозиро тайёр мекунад, масалан, онро дарёфт кун, кӣ.....
   - моҳигириро дӯст медорад...
   - дар хориҷ зиндагӣ кардааст...
   - ду бародар дорад...
   - мотосикл ронда метавонад...
   - зиёда аз 15 сол омӯзгорӣ кардааст...
   - ду фарзандро тарбия мекунад...
2. Иштирокчиён аз байни одамон барои шахси тасвиршударо ёфтан кӯшиш мекунанд. Вақте ки он шахсро меёбад, ӯро ба протоколи бозӣ қайд мекунад. Ба ҳар як тасвир иштирокчиён шахси алоҳидаро ёфтанашон зарур мебошад.
3. Иштирокчие, ки пеш аз ҳама протоколро пур мекунад, ғолиб ҳисоб мешавад.

«КӢ ЗИЁДАТӢ?»

Тартиб

1. Ҳамаи иштирокчиён ба мизҳои ба шакли доира гузошташуда мешинанд, фақат як кас дар марказ меистад.
2. Иштирокчии дар марказ истода фармон медиҳад, масалан: «Шахсоне, ки футболкаи сафед доранд, ҷоятонро иваз кунед».
3. Онҳое, ки ба ин тааллуқ доранд, аз ҷойҳои худ хеста, кӯшиш мекунанд, ки ба ҷойи холӣ ҷойгир шаванд. Дар вақти иваз намудани ҷой шахси баранда низ ба ҷойи холи нишаста мегирад. Иштирокчие, ки ҷой нарасид, барандагӣ мекунад ва фармони навбатиро медиҳад, масалан: «Шахсоне, ки ба хориҷ рафтаанд, ҷоятонро иваз кунед».
4. Онҳое, ки дар хориҷ буданд ҷояшонро иваз мекунанд. Иштирокчии бе ҷой монда формони навбатиро медиҳад, масалан: «Касе хонадор бошад, ҷоятонро иваз кунед».
5. Бозӣ ба ҳамин тариқ якчанд дақиқа давом мекунад.

БОЗӢ БАРОИ МАШҚИ ХОТИРА

Маводҳои зарурӣ: 15–20 дона предметҳо майда ва порчаҳои матоъ барои онҳоро пӯшондан, қоғаз ва қаламҳо.

Тартиб

1. Тренер 15–20 дона предметҳои майда, масалан, қаламҳо, варақча, хаткӯркунак, китобча, исканҷа, сангчаҳо ва ғ. Тренер бо навбат предметҳоро нишон медиҳад, иштирокчиён бошад, онҳоро номбар мекунанд.
2. Вақте ки тренер ҳамаи предметҳоро нишон дод, вай онҳоро бо матоъ мепӯшад.
3. Иштирокчиён рӯйхати ҳамаи предметҳои дар хотир мондаро менависанд. Касе аз ҳама бисёр предметҳоро навишта бошад, ғолиб мешавад.

«РӮЗИ ТАВАЛЛУД»

Тартиб

1. Иштирокчиён як қатор шуда меистанд.
2. Баъди он, ки ҳама қатор шуд,вазифаи вобаста ба рӯзи таваллуд қатор шудан эълон карда мешавад: 1-уми январ – дар аввали қатор, 31-уми декабр – дар охир, дар ин ҳолат бо якдигар гап задан ё навиштан мумкин нест.

«ҚИСМҲОИ ПАЗЛ»

Маводи зарурӣ: саҳифаи суратдор, ё ки расмдор ба чор тақсим карда бурида мешавадва ҳар қисм ба қоғази сафед часпонда мешавад.

Тартиб

1. Қисмҳои пазл ба иштирокчиён дода мешавад.
2. Ҳар як иштирокчӣ як малакаеро менависад, ки бо г урӯҳ ба ҳам диданӣ аст.
3. Баъди он, барои намоиши ҳиссаи ҳар як кас барои кори умумӣ пазл ҷамъ карда мешавад.

«ЧАҲОР КУНҶ»

Тартиб

1. Тренер ҳамаро дар марказ ҷамъ шудан илтимос мекунад.
2. Ба ҳар як кунҷ вобаста ба мавзӯъ ном гузошта мешавад. Масалан, агар сухан дар бораи алоқаҳои хешу таборӣ бошад, кунҷи якум – «бародари калонӣ», дуюм – «бародари миёнӣ», сеюм – «бародари хурдӣ», чаҳорум – «ягона». Ҳар як иштирокчӣ интихоб намуда, ба кунҷ рафта меистад.
3. Аз рӯйи ин машқ иштирокчиён бо осонӣ шахсони ба худашон монандро дарёфт мекунанд ва ҳамин тавр шинос шудан ҳам осон мебошад.

«ИВАЗ КАРДАНИ БЕЙДЖИКҲО»

Маводи зарурӣ: бозии мазкурро фақат ба шарти он гузаронидан мумкин аст, ки агар иштирокчиён пешакӣ қайд карда шуда, бейджикҳо дошта бошанд.

Тартиб

1. Вақте ки иштирокчиён ба аудитория дохил мешаванд, ба онҳо бейджикҳо бо номи дигар шахс дода мешавад. Баъди он иштирокчиён шахси бейджики бо номи худаш бударо меёбад.
2. Баъди он, ки иштирокчиён якдигарро дарёфт мекунанд, онҳо шинос мешаванд ва якдигарро ба тамоми гурӯҳ шинос мекунанд.
3. Машқи мазкур имконияти якдигарро аз наздик донистанро медиҳад.

ЗАМИМАИ Б: Формаи мушоҳидаи дарс

Н.Н. мушоҳид:	*Сана:*	*Вақти дарс:*
Н.Н омӯзгор:	*Синф:*	
Коди мактаб:	*Забони омӯзиш:*	
Рақам/номи мактаб:	*Шумораи хонандагон: аз рӯйи рӯйхат: дар асл:*	
Вилоят/Ноҳия:	*Шумораи духтарон: аз рӯйи рӯйхат: дар асл:*	
Шаҳр/Деҳа:	*Сменаи:*	
Модули мушоҳидашаванда:	*Номи фан (Хониши адабӣ, Алифбо):*	

Инструксияи истифода ва пур кардани формаи мушоҳида

Форма барои ҷамъ кардани маълумот дар вақти мушоҳидаи дарс истифода мешавад. Дар форма нишондиҳандаҳои самаранокии кори омӯзгор номбар карда мешавад. Аз ҷавобҳои дар зерин додашуда мувофиқашро интихоб кардан лозим аст.

ҲА; НЕ; Н.Н. (нишондиҳанда ба ин дарс истифода бурда намешавад)

Қисми I. «Пеш аз хониш»				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
1.1	Омӯзгор хонандагонро бо мавзӯи дарс шинос мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н
1.2	Омӯзгор хонандагонро бо натиҷаҳои пешбинишуда шинос мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.3	Омӯзгор шакли фаъолиятеро, ки дар тренинги Лоиҳа пешкаш шуда, ба инкишофи малакаҳои асосии хониш равона шудааст, эълон	ХА	НЕ	Н.Н.
1.4	Омӯзгор донишҳои аз рӯйи мавзӯъ мавҷуд бударо ба хотир.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.5.	Омӯзгор алоқаи байни мазмуни дарс ва таҷрибаи ҳаётии хонандагонро барқарор мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.6.	Омӯзгор усулҳо ва машқҳои барои инкишофи малакаҳои пешгӯйи карданро истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.7.	Омӯзгор ба хонандагон дар муайян кардани жанр ва стил ёрӣ.	ҲА	НЕ	Н.Н.
1.8.	Омӯзгор усул ва машқҳоеро,ки барои бой намудани таркиби луғавии хонандагон ёрӣ мерасонад, истифода мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
Қисми II. «Ҳангоми хониш» (Хониши назоратшаванда)				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
2.1	Омӯзгор бо овози баланд мехонад	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.2	Омӯзгор ба хонандагон муқоиса намудани ҷараёни воқеии инкишофи ҳодисаҳои асарро бо тахмин ва пешгӯиҳои худ, таклиф мекунад	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.3	Омӯзгор аз худ намудани маводро аз хонандагон бо воситаи саволҳои гуногундараҷа ва хел муайян мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
2.4	Омӯзгорон робитаи мутақобилаи ботафсилро пешниҳод мекунанд.	ҲА	НЕ	Н.Н.

Қисми III. «Баъди хониш»				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
3.1	Омӯзгор ба хонандагон матни хондашударо мулоҳиза ва муҳокима карданро тавсия мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.2	Омӯзгор барои тафтиши дарки мазмун саволҳо мегузорад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.3	Омӯзгор машқҳои гуногунро истифода мекунад:			
3.3.1	1) аз рӯйи фаҳмиши маънои аслӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.3.2	2) аз рӯйи таҳлили асар;	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.3.3	3) аз рӯйи муносибати худро баён кардан, оид ба асари хондашуда.	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.4	Омӯзгор дар рафти иҷрои машқҳои гуногун, бо хонандагон чӣ хел матни асар бо воқеаҳои ҳаётии онҳо алоқаманд буданашро	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.5	Омӯзгор якҷоя бо хонандагон натиҷаҳои ба дастрасидаро арзёбӣ	ҲА	НЕ	Н.Н.
3.6	Омӯзгор дарсро ҷамъбаст мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
Қисми IV. Шароит ва маводҳо				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
4.1	Омӯзгор ва хонандагон китобҳои мувофиқи фаннӣ доранд.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.2	Омӯзгор хелҳои гуногуни маводи иловагиро истифода мекунад			
4.2.1	1) шахсӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.2.2	2) дар тренингҳои Лоиҳа тавсия шуда.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.3	Омӯзгор ба ҳамкориву якдигарро омӯзонидани хонандагон мусоидат мекунад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
4.4	Омӯзгор муҳити бо маводҳои чопӣ бои синфро (асбобҳои аёнӣ, плакатҳо, девори калимаҳо, китобҳо ва ғ.) ташкил медиҳад.	ҲА	НЕ	Н.Г.
4.5	Омӯзгор китобҳои классификатсия шуда ва ба синну соли хонандагон мувофиқро (маводи хониш) истифода мекунад	ҲА	НЕ	Н.Н.
Қисми V. Усулҳои кори омӯзгор				
№	**Нишондиҳандаҳо**			
5.1	Ба хонандагон имконияти дар амал хондан дода мешавад:			
5.1.1	1) дар синф;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.2	2) дар гурӯҳҳои хурд;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.3	3) дар ҷуфтӣ;	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.1.4	4) инфиродӣ.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.2	Омӯзгор усул ва роҳҳои ба шахс равона карда шудаи хонишро истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.3	Омӯзгор арзёбии инкишофдиҳандаро истифода мебарад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.4	Суръат ва сохти марҳилаиҳои гуногуни дарс барои самаранок истифода намудани вақт имконият медиҳад.	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.5	Омӯзгор усул ва машқҳои гуногунро, ки дар тренингҳои Лоиҳа пешниҳод шудааст, истифода мебарад	ҲА	НЕ	Н.Н.
5.6	Дарс аз рӯйи сохти «Пеш аз хониш – Ҳангоми хониш – Баъди хониш» сохта шудааст	ҲА	НЕ	Н.Н.

Адабиёти истифодашуда

Andrews, Catherine. Your Guide to Icebreakers for Meetings. GovLoop, March 2017.
Gagnon Jr., Walter; Collay, Michelle; Dunlap, Diane; Enloe, Walter. Learning Circles: Conditions for Professional Development. Thousand Oaks, California: Corwin Press, 1998.
Reading for All. Pearson. [Электронный ресурс]. URL: https://assets.pearsonschool.com/asset_mgr/current/201225/ReadingforAll.pdf
Before – After – and During Reading. Pennsylvania Dept of Education, 2016.
A Balanced Reading Program. PIALBA State School. [Электронный ресурс]. URL: https://pialbass.eq.edu.au/Supportandresources/Formsanddocuments/Documents/Reading_ Strategies.pdf
https://www.govloop.com/resources/guide-icebreakers-meetings/
http://www.education.pa.gov/Teachers%20-%20Administrators/Curriculum/Pages/ Before-During-After-Reading-Strategies.aspx#tab-1
Inclusive Teaching Practices Benefit All Students. http://www.holmesglen.edu.au/students/student_services/disability_support_service/staff_resources/inclusive_teaching_practices_benefit_all_students

Модули 1

Дарки овозӣ

МУНДАРИҶА

1. Муқаддима.....4
2. Дарки овозӣ чист?.....4
3. Дарки овозиро чӣ тавр бояд инкишоф дод? 7
4. Инкишофи дарки овозӣ дар хонандагони бо ниёзҳои гуногуни таълимӣ 12
5. Арзёбии дараҷаи ташаккули дарки овозии хонандагон 15
6. Намунаи машқҳо оид ба дарки овозӣ 24
7. Адабиёти истифодашуда 51

1. МУҚАДДИМА

Ҷиҳати овозии забонро фонетика як соҳаи илми забоншиносӣ меомӯзад. Ҳамаи воҳидҳои забон: реша, пешванду пасвандҳо, калимаҳо, ҷумлаҳо ва алоқаи байни онҳо, ки дар майнаи мо дар шакли мафҳумҳо, тасаввуротҳо, нақшҳо маҳфузанд, ҷиҳати моддӣ — моҳияти овозӣ доранд ва дар нутқи овозӣ зоҳир мешаванд.

Нутқи овозӣ шакли мавҷудият, ҷиҳати моддии забон аст. Алоқаи байни одамон маҳз ба воситаи овозҳо воқеъ мегардад.

Ҷараёни нутқ ба силсила, занҷири овозҳое шабоҳат дорад, ки дар он ҳар овоз ба овози дигар ба таври ногусастанӣ пайваст мебошад. Овозҳои алоҳидае, ки мо талаффуз мекунем (масалан, овозҳои [с], [т], [д] ва ғайра), дар алоҳидагӣ маъно надоранд ва мисли дигар овозҳо ва садоҳо (раъду барқ, аккоси саг, садои тори рубоб ва ғайра) ҳодисаи маъмули физикӣ мебошанд. Овози нутқ танҳо дар сурате арзиши забонӣ пайдо мекунад, ки дар якҷоягӣ бо овозҳои дигар дар сохтани воҳидҳои маънодори забон (морфема, калима, синтагма, фраза ва ғайра) иштирок намояд ва ба воситаи онҳо бо маъно алоқаманд гашта, вазифаи забонии худро адо кунад. Овозҳои нутқ дар таркиби воҳидҳои маънодор ду вазифаро иҷро мекунанд: калимасозӣ ва калимафарқкунӣ.

Вазифаи калимасозӣ дар он зоҳир мешавад, ки овозҳо барои сохтани калимаҳо ҳамчун масолеҳ истифода мешаванд. Масалан, дар калимаи «бодом» овозҳои [б], [о], [д], [о], [м] ба сифати масолеҳи сохтмон хизмат мекунанд ва аз ҳамин рӯ мавҷудияти ин калима ҳамчун воҳиди забонӣ ба миқдори муайяни овозҳо, тартиби онҳо, сохти ҳиҷогию заданокӣ вобаста аст. Дар сурати риоя нашудани ин қоида калима ё ҳамчун воҳиди луғавӣ аз байн меравад ва ё ба калимаи дигар табдил меёбад. Мо калимаи «дор» ва «дур»-ро маҳз аз он сабаб берун аз матн ҳам мешиносем, ки дар таркиби яке садоноки [о] дар дигаре садоноки [у] ҳаст.

Вазифаи калимафарқкунӣ дар он аст, ки овозҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад.

А) овозҳое, ки аз бобати тавлид ва хусусияти физикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале бе тағйири маънои калимаҳо якдигарро иваз карда метавонанд, масалан, сафед ва коса. (а]-и коса нисбат ба [а]-и сафед дарозтар талаффуз мешавад, зеро дар ҳиҷои заданок омадааст.

Б) овозҳое, ки аз рӯйи хусусиятҳои тавлиди физикӣ ба ҳамдигар шабоҳат доранд, вале маънои калимаро тағйир медиҳанд, масалан, [у], [у:] дар калимаҳои кӯш (кӯшидан) [ку:ш] ва куш (куштан) [куш]. Овозҳое, ки қобилияти калимафарқкунӣ дошта, якдигарро бе тағйири маъно иваз карда наметавонанд, фонема номида мешаванд.

Фонема хурдтарин воҳиди занҷири системаи овозии забон аст, ки бароисохтан ва шинохтани калима ва шаклҳои он истифода мешавад. «Овозҳои нутқ дар натиҷаи ҳаракат ва ё ҳолатҳои гуногунро гирифтани узвҳои нутқ ташаккул меёбанд».

Ба хондан омӯзондан дар зинаи аввал – ин ҷараёни мураккаби инкишофи малакаҳои фаҳмидани рамзҳо, ки барои фаҳмиши матн равона шудааст,мебошад. Рамзҳо-ин ҳарфҳо,ки калима тартиб дода мешавад, аз калимаҳо ҷумлаҳо, аз ҷумлаҳо-матн ташкил карда мешавад. Аммо ҳарфҳо – ин ифодаи графикии ҳарфҳо мебошад ва онҳо номи худро доранд. Вақте ки хонанда мехонад, вай номи ҳарфро, не, балки овозеро, ки бо ҳарф ифода ёфтааст, талаффуз мекунад. Ин маънои онро дорад,ки ҳангоми хондан,хонанда шакли овозии калимаҳоро аз рӯйи модели графикӣ (ҳарфӣ) месозад. Бе дуруст ба роҳ мондани сохтани шакли овозии калима,фаҳмидани калимаи хондашуда номумкин аст, барои ҳамин,мақсади дар аввали омӯзиш гузоштаи омӯзгор – ин малакаи овозҳои нутқро сарфаҳм рафтани хонанда мебошад. Вақте, ки ин вазифа иҷро мешавад ва хонандагон овозҳоро аз рӯйи шаклҳои графикии онҳо озодона ҷудо ва пайваст карда метавонанд,дар ин маврид ба дарки маънои калимаи хондашуда гузаштан мумкин аст.

Чунин шакли ба хондан омӯзондан, ки омӯзиш ба тариқи аз ҳарфҳо ба овозҳо не, балки аз овоз ба ҳарф мебошад, таълими овозӣ номида мешавад. Дар он хонандагон калимаҳоро

ба овозҳо ҷудо намуда, баъди он аз онҳо калима тартиб медиҳанд. Баъд онҳо мувофиқати овозро бо шакли графикӣ (ҳарф) меомӯзанд. Ҳамин тавр, бо овозҳо кор кардан,барои бо ҳарф шинос шудан ва бо онҳо кор кардан замина тайёр мекунад . Барои чӣ омӯзиш аз ҷудо намудани овозҳо аз калима сар мешавад? Ин бо он шарҳ дода мешавад,ки овозҳои нутқ, фақат дар системаи калима фарқ карда мешавад. Яъне дар нутқ калимаро яклухт талаффуз карда, овозро ҷудо кардан мумкин аст. Аммо барои хонандагон аз калима ҷудо намудани овоз,калимаро якчанд маротиба, ҳар як овозро ҷудо- ҷудо, аниқ ва равшан бояд талаффуз намудан зарур аст. Масалан: калимаи «модар» – М-о-д-а-р, м-О-д-а-р, м-о-Д-а-р, м-о-д-А-р, м-о-д-а-Р. Ба ин хонандагонро омӯзондан зарур аст.

Алифбои тоҷикӣ

Ҳарфҳо ва тартиби муайяни онҳоро алифбо меноманд

А а (а)	**Б б** (бэ)	**В в** (вэ)	**Г г** (гэ)	**Ғ ғ** (ғэ)
Д д (дэ)	**Е е** (йэ)	**Ё ё** (йо)	**Ж ж** (жэ)	**З з** (зэ)
И и (и)	**Й й** (и-и дароз)	**Й й** (й)	**К к** (ка)	**Қ қ** (кэ)
Л л (эл)	**М м** (эм)	**Н н** (эн)	**О о** (о)	**П п** (пэ)
Р р (эр)	**С с** (эс)	**Т т** (тэ)	**У у** (у)	**Ӯ ӯ** (у-и дароз)
Ф ф (фэ)	**Х х** (ха)	**Ҳ ҳ** (ҳэ)	**Ч ч** (чэ)	**Ҷ ҷ** (ҷэ)
Ш ш (шэ)	**Ъ ъ** (сакта)	**Э э** (э)	**Ю ю** (йу)	**Я я** (йа)

Дар алифбои тоҷикӣ 35 ҳарф ва 30 овоз мавҷуд аст. Аз сабаби ду шакли навишт доштани баъзе ҳарфҳо миқдори онҳо аз овозҳо бештар аст. Фарқи овоз аз ҳарф дар он аст, ки овозҳоро талаффуз мекунем ва мешунавем, ҳарфҳоро бошад мебинем ва менависем. Овозҳоро дарозу кӯтоҳ, пасту баланд ва нарму бошиддат талаффуз мекунем. Ҳарфҳо бошад хурду калон ва дастию чопӣ мешаванд.

Овозҳои забони тоҷикӣ: [а], [б], [в], [г], [ғ], [д], [й], [ж], [з], [и], [к], [қ], [л], [м], [н], [о], [п], [р], [с], [т], [у], [ӯ], [ф], [х], [ҳ], [ч], [ҷ], [ш], [ъ], [э].

Овозҳои нутқ садонок ва ҳамсадо мешаванд.

Овозҳои садонок: Овозеро, ки ҳангоми талаффузи он ҳавои аз шуш бароянда аз ковокии даҳон бе монеа (яъне дар ягон ҷо дакка нахӯрда) ба берун мебарояд, садонок мегӯянд. Овозҳои садонок 6–тоянд: [а], [и], [о], [у], [ӯ], [э].

Овозҳои ҳамсадо: Овозеро, ки ҳангоми талаффузи он ҳавои аз шуш бароянда дар ковокии даҳон ба монеаҳо дучор шуда, ба берун мебарояд, ҳамсадо меноманд. Ҳамсадоҳо 24–тоянд: Овозҳои ҳамсадо [б], [в], [г], [ғ], [д], [й], [ж], [з], [к], [қ], [л], [м], [н], [п], [р], [с], [т], [ф], [х], [ҳ], [ч], [ҷ], [ш], [ъ].

Йотбарсарҳо инҳоянд: **Е е (й + э), Ё ё (й + о), Ю ю (й + у), Я я (й+ а).**

Шадда (ташдид). Бошиддат ва ду бор талаффуз шудани ҳамсадоро шадда мегӯянд. Мисол: барра, қуввa, пашша, модда, арра, аммо. Шадда дар охири калима ояд, бо як ҳарф навишта мешавад, вале пеш аз бандаки изофӣ бо ду ҳарф: Аз ин фан баҳо дорам, аз фанни забон не.

2. ДАРКИ ОВОЗӢ ЧИСТ?

Ҳар як забон маҷмӯаи овозҳои муайяни нутқро дорад. Вақте кӯдак гуфтанро ёд мегирад, қобилияти шунидан ва фарқ кардани овозҳои алоҳидаи аз ҳамдигар фарқкунанда пайдо мешавад. Ин барои дарк намудани таркиби овозӣ ва сохти забон ёрӣ медиҳад. Донистани таркиби овозӣ ва сохти забон дар зинаи аввалини хониш роли муҳимро мебозад. Фаҳмидани он, ки калима аз силсилаи овозҳо таркиб ёфтааст, бо дарки овозӣ алоқаманд аст ва яке аз сабабҳои ба шаклдароии малакаҳои хониш ба ҳисоб меравад[1]. Дарки овозӣ – ҳаракати махсуси ақлӣ оид ба барқарор намудани сохти калима мебошад .

Дарки овозӣ – ин қобилияти қабул ва фарқ кардани овозҳои нутқ мебошад.

Ташаккули дарки овозӣ,гарави талаффузи аниқи овозҳо,аз худ кардани сохти дурусти ҳиҷоии калима ва асос барои донистани сохти грамматикии забон, инчунин аз худ намудани бомуваффақияти хондан ва навиштани хонандагон, мебошад.

Хонандагоне, ки дарки овозии дуруст доранд, аниқ ва равшан сухан меронанд ва аз тарафи орфографӣ ҳам босаводона менависанд, чунки онҳо ҳамаи овозҳои нутқро аниқ дарк мекунанд.

Омӯзгор барои ҳар як овози калимаро аниқ шунидан, таҳлил кардани таркиби овозии калима, дар пешу пас кадом овозҳо истоданро фарқ кардани хонанда бояд,кумак расонад. Омӯзгор бояд хонандаро барои ба саволҳои зерин ҷавоб додан (ниг.ба ҷадвали 1) ва таҳлили овозии калимаро донистан, омӯзонад.

[1]Ниг.: Би Х. Развитие ребёнка. – СПб: Питер, 2004. – С. 389.

Ҷадвали 1. Таҳлили овозии калима

Саволҳо	Пайдарҳамии таҳлили овозӣ
Калима аз чанд ҳиҷо иборат?	Талаффузи калима ва худро гӯш кардан.
Кадом ҳиҷо заданок аст?	Бо овоз ҳиҷои заданокро муайян карда, ҷойи онро дар калима нишон додан.
Калима аз чанд овоз иборат?	Шумораи овозҳои садонок ва ҳамсадои калимаро муайян кардан.
Калима бо кадом овоз сар мешавад? Кадом овози ҳамсадо дар аввал (мобайн, охири) калима омадааст?	Ба овозҳо характеристика додан:садонок (заданок, безада); ҳамсадоҳо (ҷа рангнок, беҷаранг).

Истифодаи усулҳои махсус барои инкишофи қараёнҳои дарккунӣ ба он оварда мерасонад,ки дар натиҷа хонандагон пешванд, пасванд, бандакҳои калимаро мефаҳманд ва ҷудо карда метавонанд ва аз таркиби ҷумла ибораҳоро ҷудо карда метавонанд, ки барои ташаккули малакаҳои хондан ва навиштан хеле муҳим мебошад.

Кор аз рӯйи ташаккули дарки овозӣ дар синфи якум пайдарҳамии зеринро дар назар дорад.

Дар зинаи якум барои таҳлили овозӣ овозҳои садоноки[О], [А], [У] истифода мешавад. Хонандагон дар аввали калима омадани кадом овози садонокро муайян мекунанд (масалан, АУ-овози якум [А]; овози дуюм [У]).

Дар зинаи дуюм таҳлил ва синтези ҳиҷоҳо ба монанди ОН, АЛ. Хонандагон ҷудо кардани овозҳои ҳамсадои дар охири калима омадаро ёд мегиранд. (нон, дар). Баъд онҳо ҷудо кардани овозҳои ҳамсадо дар аввали калима ва омадани садонокҳо баъди ҳамсадоҳоро меомӯзанд (шона, рама).

Дар зинаи сеюм хонандагон таҳлил ва синтези ҳиҷоҳоро меомӯзанд (ЛО, МА, РА). Онҳо калимаро ба ҳиҷо ҷудо карда, схемаи онро тартиб доданро меомӯзанд.

Дар зинаи чаҳорум хонандагон таҳлили пурраи ҳиҷоиву овозии калимаро бо як (нон) ва ду ҳичо (ло-на) меомӯзанд ва схемаи овозии онҳоро тартиб медиҳанд.

Мураккабшавии ояндаи мавод таҳлили калимаҳое, ки ҳамсадоҳо пайиҳам омадаанд (барг), калимаҳои сеҳиҷоӣ (си-то-ра)-ро дар назар дорад. Терминҳои: ҳиҷо, овозҳои садонок, ҳамсадо, ҷарангнок, беҷарангро меомӯзанд. Аз якумин машқҳои хониш сар карда, барои калимаро бо ҳиҷо хондани хонанда бояд кӯшиш намуд, зеро ҳиҷо воҳиди дарки биноии асосӣ, дар қараёни омӯзиши хониш мебошад. Бояд фаҳмиши хонандагонро оид ба калима ва ҷумлаҳои хондаашон ба ҳисоб гирифтан, зарур аст.

ТАКМИЛИ ДАРКИ ОВОЗӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар ҷараёни мақсадноки инкишофи дарки овозӣ хонандагон фаъолияти муайян ба амал меоваранд. (Ба ҷадвали 2 ниг.)

Ҷадвали 2. Фаъолияти хонандагон оид ба такмили дарки овозӣ

Вазифаҳо барои такмили дарки овозӣ	Фаъолияти хонандагон	Мисолҳо
Ҷудо кардани овозҳо	Аз калима овози муайянро меёбад	Омӯзгор: «Дар калимаи «ЧАШМ» кадом овоз якум аст? Хонанда: [Ч]
Муайян кардани овозҳо	Дар қатори калимаҳо овозҳои якхеларо муайян мекунад.	Омӯзгор: «Дар калимаҳои «ШАҲР», «ШОҲ», «ШОҲМОТ», «ШАР» овозҳои якхеларо ёбед! Хонанда: [Ш]
Гурӯҳбандии овозҳо	Аз рӯйи аломати акустикӣ калимаи зиёдатиро муайян мекунад	Омӯзгор: «Калимаи зиёдатиро ёбед: «СОАТ», «СЕБ», «САТИЛ», «РӮБОҲ»». Хонанда: «Рӯбоҳ». Ин калима бо овози [Р] сар мешавад, дигарҳо бо овози [С]
Пайвасти овозҳо	Овозҳои бо тартиб талаффуз кардаи омӯзгорро гӯш карда, баъд бо онҳо калима тартиб медиҳад	Ом ӯзгор: «Овозҳоро гӯш кунед ва калимаи [Д-А-Р]-ро талаффуз кунед Хонанда: [Д-А-Р, ДАР]
Ҷудо кардани овозҳо	Ҳар як овози калимаро ҷудо мекунад ва талаффуз мекунад	Омӯзгор: «Ҳар як овози калимаи «СОАТ»-ро талаффуз кунед. Калима аз чанд овоз иборат аст? Хонанда: «[С-О-А-Т]. Дар калимаи «СОАТ» 4 овоз
Ихтисор кардани овоз	Баъди ихтисори як овоз калимаро пай мебарад	Омӯзгор: «Агар аз калимаи «Барра» овози [Б] гирифта шавад, кадом калима ҳосил мешавад?» Хонандагон: «Калимаи «Арра»
Илова кардани овозҳо	Бо роҳи илова кардани овоз калимаи нав месозад	Омӯзгор: «агар дар аввали калимаи «ИЗ» овози [М]-ро илова кунед кадом калима ба вуҷуд меояд?» Хонандагон: «МИЗ»
Иваз кардани овозҳо	Як овозро ба овози дигар иваз карда, калимаи нав месозад	Омӯзгор: «Дар калимаи «МОР» овози [М]-ро ба овози [Х] иваз кунед. Кадом калима пайдо шуд?» Хонандагон: «ХОР»

3. ДАРКИ ОВОЗИРО ЧӢ ТАВР БОЯД ИНКИШОФ ДОД?

Барои самаранок такмил додани дарки овозӣ, бояд шунидани хонандагон нутқи дуруст, нутқи худ ва нутқи намунавии омӯзгорро муқоиса кардан ва талаффузи худро идора кардан, муҳим аст. Барои ин муҳити бойи нутқӣ зарур аст[1]. Омӯзгор чунин муҳитро бо роҳҳои гуногун, усулҳо, масалан, бо ёрии хониши бо овози баланди шеърҳо ва матнҳои гуногун ба вуҷуд меорад. Хониши матнҳои қофиянок ба хонандагон вақте ки онҳо овозҳои нутқии якхела,ҳамовоз ва калимаҳоро мешунванд, имконияти фарқ намудани баландии овоз,қудрати овоз,оҳангро медиҳад. Маҳорати фарқ карда тавонистани калимаҳои аз ҷиҳати овозӣ ба ҳам наздик,ки дар матнҳои қофиядор вомехӯрад,барои ба ҳиҷоҳо ҷудо кардан,миқдори ҳиҷоҳо дар калима ва муайян кардани ҳиҷои заданок,инчунин барои таҳлил намудани овозҳои садонок ва ҳамсадо ёрӣ медиҳад.

Модели хониши бо овози баланди омӯзгор бо машқҳои аз тарафи хонандагон ёфтан ва муайян кардани овозҳо ва ба ҳаракат овардан баробар рафтанаш зарур. Барои ба ин мақсадҳо расидан стратегияҳои гуногун истифода бурда мешавад. Усули аз ҳама самаранок истифодаи варақчаҳо бо суратҳои предметҳо мебошад. Ин варақчаҳо барои аз тарафи хонандагон номбар кардани овозҳо, ки дар сурати предметҳо мавҷуд аст, нигаронида шудааст. Машқҳо бо варақчаҳои суратдор ҷараёни таълимро на фақат шавқовар мекунад, балки ба хонандагони мувофиқи ин синну сол бо ёрии шаклҳои бозӣ ва дар муҳити мусоид барои ба мақсади гузошташуда расидан имконият медиҳад.

Дар кори талаффузи дуруст истифодаи асбоби махсуси дидактикӣ, ба монанди телефон кумак медиҳад, ки онро «Телефони хонанда» меномем.Вай аз маводи дастрас сохта мешавад (ба поён ниг.). Ин асбоб ба хонанда имконияти шунидани ҳар як овози талаффуз кардашударо медиҳад ва хонанда дар вақти хониш метавонад талаффузи худро идора кунад.

Дар поён шаклҳои таълим, ки барои такмили дарки овозӣ таъсир мерасонад, оварда шудааст.

Шаклҳои таълим

Бо овози баланд хондани омӯзгор

Шарҳ

Бо овози баланд хондани омӯзгор (баъзан онро «хониши баланд» ҳам меноманд) – ин имконияти дар хонандагон инкишоф додани фаъолона гӯш кардани ва фаҳмиши матни хондашуда, пайдо намудани малакаи ифоданок хондан мебошад.

Хониши баланди омӯзгор барои инкишофи дарки овозӣ, муҳити нутқӣ сохтан, ки барои хонандагон фарқ карда тавонистани овозҳои нутқ зарур аст, имкон медиҳад.

Овоз бароварда хондан яке аз усулҳои маъмул ва фоиданок буда, махсусан агар матни дар аввали таълим хондаи омӯзгор қофиянок, аллитератсияҳо, калимаҳои ҳамоҳанг ва ғ. дошта бошад, ба хонандагон имконияти дарк намудани сохти овозии забонро медиҳад.

Барои овоз бароварда хондан бо мақсади такмили дарки овозӣ, матнҳои хусусиятҳои зерин доштаро интихоб кардан пешниҳод карда мешавад:

[1] Муҳити бойи нутқӣ муҳитест, ки дар он шахс намунаҳои нутқро дар шароити табиӣ: дар китобҳо, оила, радио, телевидение мешунавад. Дар мактаб бо мақсади таълимӣ муҳити сунъии нутқиро сохтан мумкин аст ва чӣ қадар ин шароитро омӯзгор ба вазъияти табиӣ наздик созад, ҳамон қадар аз қувваи инкишофдиҳандаи он истифода бурда метавонад. Муҳити нутқӣ бо роҳи табиӣ диққати хонандагонро ба сохти овозии забон, дарачаи фонологии он ҷалб кардан имконият медиҳад. Овозҳоро дар хондан, сурудан ва дар бозиҳо шунида, хонандагон талаффузи дурусти онҳоро меомӯзанд.

- Матнҳое, ки диққати асосӣ ба мазмуни матн не, балки ба бозиҳои забонӣ: ба монанди қофиянокӣ, аллитератсияҳо, калимаҳаи ҳамоҳанг, илова ва иваз кардани овозҳо, ҷудо кардани овозҳо ва ғайра равона мешавад. Мисолҳо:
  - қофия – *қоқу баромад ба дашт, атроф аз ӯ зебо гашт.*
  - калимаҳои ҳамоҳанг: *санг-занг, ранг-танг, ланг-нанг, қанд-панд;*
  - аллитератсия: *тор танад тортанак, тозон-тозон тортанак.*
  - иваз кардани овозҳо: *бур – бӯр, дод-бод, сар- зар.*
- Матнҳое,ки дар он калимаҳои ба хонандагони синфҳои 1-4 мувофиқ аст, истифода мешавад .
- Матнҳое,ки дар сохтани онҳо иштироки хонандагон дар назар дошта мешавад. Одатан,дар ин гуна матнҳо симоҳо ва сохти матн ба хонандагон шинос буда,мазмуни он сода аст ва хонандагон онро пурра карда метавонанд. Масалан: *«Баҳор буд. Бежан ва Манижа ба ….. (гулчинӣ) рафтанд.»*

Бо овоз хонданро дар шаклҳои гуногун ташкил намудан мумкин аст.

- Омӯзгор матн, ё ки китобро якчанд маротиба мехонад ва ё овоз бароварда хонда медиҳад (хониши намунавӣ).
- Баъди якчанд маротиба хондан омӯзгор метавонад, хонандагонро барои муҳокимаи матн ё китоб ҷалб намуда дар ҷараёни хониш фикру мулоҳизаи онҳоро ба воситаи саволҳо (масалан: «ин китоб ба Шумо маъқул аст?», «Ба фикри Шумо, вай барои чӣ чунин рафтор кард?») мепурсад ва бо ин роҳ хонандагонро ба бозиҳо ҷалб мекунад.
- Омӯзгор дар ҷараёни хониши бо овози баланд хонандагонро ба пешгӯӣ кардан, пешбинӣ намудани он,ки бо қаҳрамонони асар чӣ рӯй медиҳад, ҷалб мекунад. Инчунин, дар ҷараёни хониш диққати хонандагонро ба овозҳои алоҳида ҷалб намуда, маҳорати таҳлили овозиро арзёбӣ намудан мумкин аст (хониши таҳлилӣ).

Овоз бароварда хондан яке аз усулҳои маъмул ва фоиданок буда, махсусан агар матни дар аввали таълим хондаи омӯзгор қофиянок,аллитератсияҳо ,калимаҳои ҳамоҳанг ва ғ. дошта бошад, ба хонандагон имконияти дарк намудани сохти овозии забонро медиҳад.

Барои овоз бароварда хондан бо мақсади такмили дарки овозӣ, матнҳои хусусиятҳои зерин доштаро интихоб кардан пешниҳод карда мешавад:

- Матнҳое,ки диққати асосӣ ба мазмуни матн не,балки ба бозиҳои забонӣ: ба монанди қофиянокӣ,аллитератсияҳо,калимаҳаи ҳамоҳанг,илова ва иваз кардани овозҳо,ҷудо кардани овозҳо ва ғайра равона мешавад.Мисолҳо:
- қофия – қоқу баромад ба дашт, атроф аз ӯ зебо гашт.
- калимаҳои ҳамоҳанг: санг-занг,ранг-танг,ланг-нанг,қанд-панд;
- аллитератсия: тор танад тортанак,тозон-тозон тортанак.
- иваз кардани овозҳо: бур –бӯр, дод-бод, сар- зар.
- Матнҳое,ки дар он калимаҳои ба хонандагони синфҳои 1-4 мувофиқ аст, истифода мешавад .
- Матнҳое,ки дар сохтани онҳо иштироки хонандагон дар назар дошта мешавад. Одатан,дар ин гуна матнҳо симоҳо ва сохти матн ба хонандагон шинос буда,мазмуни он сода аст ва хонандагон онро пурра карда метавонанд.Масалан:Баҳор буд. Бежан ва Манижа ба ….. (гулчинӣ)рафтанд.

Бо овоз хонданро дар шаклҳои гуногун ташкил намудан мумкин аст.

- Омӯзгор матн, ё ки китобро якчанд маротиба мехонад ва ё овоз бароварда хонда медиҳад(хониши намунавӣ).
- Баъди якчанд маротиба хондан омӯзгор метавонад,хонандагонро барои муҳокимаи матн ё китоб ҷалб намуда дар ҷараёни хониш фикру мулоҳизаи онҳоро ба воситаи саволҳо(масалан: «ин китоб ба Шумо маъқул аст?», «Ба фикри Шумо, вай барои чӣ чунин рафтор кард?») мепурсад ва бо ин роҳ хонандагонро ба бозиҳо ҷалб мекунад.

- Омӯзгор дар ҷараёни хониши бо овози баланд хонандагонро ба пешгӯй кардан, пешбинӣ намудани он,ки бо қаҳрамонони асар чӣ рӯй медиҳад,ҷалб мекунад. Инчунин, дар ҷараёни хониш диққати хонандагонро ба овозҳои алоҳида ҷалб намуда, маҳорати таҳлили овозиро арзёбӣ намудан мумкин аст. (хониши таҳлилӣ).
- Хонандагон метавонанд дар роҳҳои хониши матни/китоби, хондаи омӯзгор овоз бароварда такрор карда, иштирок намоянд Дар зинаи аввали таълими хониш омӯзгор бояд на фақат китоб/матнҳои махсуси барои дарки овозӣ таҳияшуда, балки ба дарсҳои хониш асарҳои гуногуни адабиро низ дохил намояд. Аммо истифодаи доимии матнҳои махсуси бо мақсади такмили дарки овозӣ кор карда шударо истифода намудан, ба омӯзгор ин зинаи таълимро самаранок гузаштан имконият медиҳад.

Машқҳо: «Кадом овоз дар калима гум шуд?», «Печдарпечӣ» дар боби «Машқҳо барои такмили дарки овозӣ» ниг.

Хониши матнҳои қофиядор аз тарафи омӯзгор

Матнҳои қофиянок – тезгӯякҳо, шеърҳо, зарбулмасалу мақолҳо, чистонҳо, сурудҳо, ки аксаран ҳиҷоҳои муайян, овозҳо такрор мешавад. Истифодаи маводҳои шеърӣ ва сурудӣ дар таълими дарки овозӣ кори омӯзгоронро осон менамояд. Ин маводро хонандагон дӯст медоранд, чунки ин мавод барои онҳо шавқовар аст, бинобарин бо ин маводҳо кор кардан ба эҳсосоти хонандагон таъсир мерасонад ва аз худ кардани мавод осон мегардад.

Матнҳои қофиядор имконияти на фақат барои такмили шунавоии овозӣ, инчунин аз рӯйи талаффуз (кори узвҳои нутқ), вазн, оҳанг, хотираи шунавой кор карданро медиҳад. Аҳамияти чунин матнҳо дар он аст, ки аз рӯйи қоида, ин гуна машқҳо характери шавқовар дорад, хонандагонро рӯҳбаланд карда аз мондашавии хонандагон огоҳ менамояд. Дар эҷодиёти даҳанакии халқ чунин матнҳо зиёданд.

Дар аввал шеър ё ки тезгӯяк аз тарафи омӯзгор хонда дода мешавад, яъне хониши ифоданоки намунавӣ намоиш дода мешавад, баъд

хонандагон мехонанд. Ин гуна матнҳо барои аз ёд кардан пешниҳод карда мешавад. Тезгӯякҳоро барои мусобиқаи гурӯҳҳои хонандагон: кӣ тезгӯякро тез талаффуз мекунад, истифода бурдан мумкин аст. Баъзе матнҳои қофиядорро ба тариқи «садо»: як гурӯҳ - оҳиста, дигараш бо овози- баланд хондан мумкин аст.

Хониши матнҳои қофиядор дар машқҳои «калимаи зарурирo ёб 1, 2» ва «Будан-Гудан» истифода намудан мумкин аст (ниг.ба боби «Машқҳо барои такмили дарки овозӣ»).

Кор бо варақчаҳо

Дар зинаи аввал ин маводи дидактикӣ варақчаҳои оддии сурати ҳо мебошад. Баъди он, ки хонандагон бо овозҳо кор карда ба омӯзиши ҳарфҳо мегузаранд, варақчаҳои калимадорро истифода намудан мумкин аст.

Варақчаҳои дидактикӣ маводи мувофиқ буда, онро дар ҳама лаҳзаҳои дарс истифода намудан мумкин аст. Истифодаи варақчаҳо – усули беҳтарин барои омӯзиши калимаҳои нав ва онҳоро дар амал истифода намудан, бой гардондани таркиби луғат мебошад. Вақте ки хонандагон машқро аз худ мекунанд, варақчаҳоро ба хонандагоне, ки вазифаро пешакӣ тамом кардаанд, тақсим карда додан мумкин аст, то ки онҳо дар гурӯҳҳои хурд кор кунанд. Баъзан дар вақти дарс ба хонандагон вазифа супоридан мумкин, то ки онҳо мустақилона худашон варақчаҳо тайёр намоянд ва дар хона бо падару модар, хоҳару бародарони худ бо ин варақчаҳо бозиҳои гуногунро гузаронанд.

Баъзе хонандагон маълумотро шунида, баъзеашон дида дарк мекунанд. Хонандагоне ҳастанд, ки дар онҳо қобилияти дарккунии кинестикӣ (ҳаракатнок) инкишоф ёфтааст. Чунин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта, омӯзгор бояд усулҳои кори гуногунро истифода намояд .

Варақчаҳо яке аз воситаҳои кор бо хонандагоне, ки маълумотро бо дарки назариашон қабул мекунанд, муҳим мебошад. Аз рӯйи варақчаҳои дидактикии гуногунранг ва ҷалбкунанда кор кардан ба ин гуна хонандагон таъсири мусбати худро мерасонад. (ниг. ба машқҳои «Рассоми аҷоиб», «Мағоза», «Тақлиди овоз» дар боби «Машқҳо барои такмили дарки овозӣ»).

Телефони хонанда

«Телефони хонанда» – асбоби қулай барои такмили дарки овозӣ буда, он:

- ба хонандагон имконияти «шунидани» овозҳои худашонро медиҳад;
- хонандагон пичиррос зада хонданро меомӯзанд, чунки аз сабаби дар асбоб масофаи аз даҳон то ба гӯш бисёр наздик аст, онҳо ба таври автоматикӣ ба талаффузи пасти овозҳо мегузаранд;
- ба хонандагон барои ба якдигар халал нарасонда сифати талаффузи худро беҳтар намудан ёрӣ медиҳад;
- истифодаи телефони хонанда дар синф барои ба роҳ мондани хониши мустақилонаи баробари хонандагон имкон медиҳад ва дар синф муҳити мусоид ташкил мешавад;
- ба хонандагон имконияти шармгинии худро нест намуданро медиҳад.

Телефони хонандаро омӯзгор, ё ки падару модарон мустақилона, аз трубаҳои пластикии дастрас ва ё аз қоғази сахт тайёр кардан мумкин аст. Бо ёрии телефони хонанда дар синф машқҳои «Калимаи зарурирo ёб», «Печдарпечӣ», «Овози асосӣ» ва дигар ташкил кардан мумкин аст (ба боби «Машқҳо барои такмили дарки овозӣ» ниг.).

4. ИНКИШОФИ ДАРКИ ОВОЗӢ ДАР ХОНАНДАГОНИ БО НИЁЗҲОИ ГУНОГУНИ ТАЪЛИМӢ

Дар ҷараёни ба нақшагирӣ ва иҷрои машқҳо оид ба дарки овозӣ, бояд ҷиҳатҳои маданӣ, иҷтимоӣ, забонӣ, иқтисодӣ, ки ба такмилу таълими хонандагон, инчунин ба дараҷаи тайёрии ба мактаб ва таҷрибаи доираи хониш таъсир мерасонад, ба ҳисоб гирифта мешавад. Муайян кардани дар чӣ гуна доира тарбия гирифтани хонанда, яъне дар хонанда дар муҳити хонандагӣ иштирок доштан имконият буд ё не, хонанда дар ҷараёни тайёрии томактабӣ иштирок дошт ё не, дар куҷо ва чӣ тавр малакаҳои пеш аз хониш ба шакл даромад, муҳим аст.

Ба эътибор гирифтани хонандатҳои гуногуни таълимӣ, шавқу завқ, таҷриба, дараҷаи гуногуни ақлу заковат, идроки гуногун доштани хонандагони синфҳои ибтидоӣ муҳим аст. Барои омӯзиши онҳо дастурҳои мутобиқкардашуда зарур аст, то ки талаботи онҳо қонеъ гардонда шавад.

Дараҷаи ташаккули дарки овозии хонандагони ба мактаб дохилшаванда гуногун мебошад. Омӯзгор дар мавриди хонанда дуруст талаффуз карда натавонистан,ё дигар хел талаффуз кардан, ва ё умуман талаффуз карда натавонистани овозҳо, ин хел вазъиятҳоро пай мебарад. Барои ҳамин бо ин гуна хонандагон барои ба мақсади такмили дарки овозӣ расидан, бояд, нисбат ба дигар хонандагон бисёртар машғулиятҳо гузаронидан зарур аст. Бинобар ин гузарондани арзёбии ташхисии (пешакии) маҳорати овозии то таълими хониш ба мақсад мувофиқ мебошад. Арзёбӣ барои зарурият ба омӯзиши иловагӣ доштан ё надоштани хонандагонро муайян кардан имконият медиҳад ва агар зарурият дошта бошанд,ин гуна хонандагон бояд бо роҳу усулҳои осон (кадомашро фақат овозҳои якуми калимаро гуфтан), дигараш ба роҳҳои мураккабтар (масалан, ҷудо кардани, омехта кардан, ихтисор кардан, ҳамроҳ кардан, иваз кардани овозҳо) омӯзонда мешавад.

Одатан, омӯзиш дар гурӯҳҳои хурд яке аз роҳҳои самаранок буда, ба хонандагон имконияти ба дараҷаи муайяни такмили дарки овозӣ бармаданро медиҳад. Инчунин омӯзиш дар гурӯҳҳои хурд нисбат ба омӯзиш дар гурӯҳҳои калон ва ё бо тамоми синф самаранок мебошад,чунки хонандагон ҷавобҳои якдигар ва робитаи мутақобилаи омӯзгорро шунида барои худ фоида мегиранд[7].

Дар хонандагоне, ки инкишофи дарки овозиашон тараққӣ накардааст, на фақат талаффузи овозҳо, балки фаҳмиши нутқ ҳам маҳдуд аст, чунки онҳо овозҳои аз рӯйи талаффуз ба ҳам наздикро фарқ карда наметавонанд ва калимаҳо бо иштироки он овозҳо барои онҳо як хел садо медиҳад, масалан, банд-панд, санг-занг. Дарки овозии ба шакл надаромада ба ташаккули талаффузи овозҳо таъсири манфии худро мерасонад ва халал мерасонад, ташаккули малакаи таҳлили овозҳоро мураккаб мекунад, ки бе онҳо хондан ва навиштани мукаммал номумкин аст.

Дар рафти арзёбии дараҷаи ба шаклдароии дарки овозӣ дар хонандагон дислексия[8] низ вохӯрданаш мумкин аст. Хонандагони дислексиядор аксаран дар хониш ба ғалатҳо роҳ медиҳанд: овозҳоро партофта ё овози вуҷуд надоштаро илова менамоянд, талаффузи калимаро вайрон мекунанд, суръати хониши чунин хонандагон баланд нест, хонандагон ҷойи ҳарфҳоро иваз мекунанд, баъзан ҳиҷои аввали калимаро талаффуз намекунанд. Бештар дар ин гуна бачагон қобилияти аниқ ва равшан шунида қабул намудани овозҳои муайян маҳдуд аст ва дар нутқи худ, дар хондан ва навиштан истифода бурда наметавонанд аст. Дар ин ҳолат имконияти фарқкунии овозҳои наздик: [Б]–[П], [Д]–[Т], [К]–[Г], [С]–[З], [Ж]–[Ш] вайрон мешавад. Хонандагон ба ғалатҳои зерин иваз кардан ва партофтани ҳарфҳо роҳ медиҳанд («шатил», «скаф»); бо калима якҷоя навиштани пешояндҳо («азман ка-лон…», «бачашмони ӯ…»); навиштан ҳиҷоҳои зиёд ё ин ки партофтани онҳо («дадаромад», «бадар»); бандакҳои калима навишта намешавад; мувофиқати калимаҳо вуҷуд надорад («омадам дарс…»).

[7] Ниг.: National Institute for Literacy, the Partnership for Reading. Put Reading first. The Research Building Blocks

[8] Дислексия — қобилияти махсус,ки баромади нейрологӣ дорад. Дар он душвориҳо оид ба хониши аниқ ва бурро

Агар дар хонандагон қобилияти шунавоӣ тараққӣ накарда бошад, дар ин маврид Дар ҳақиқат, кӯдак, агар талаффузи аниқи овозро нашунавад, чӣ тавр хонданаш мумкин аст? Дар ин ҳолат вай навишта ҳам наметавонад, чунки кадом ҳарф кадом овозро ифода мекунад,намедонад. Мушкилии вазифа дар он аст, ки хонанда бояд талаффузи дурусти овозро шунавад, вай бо кадом ҳарф ифода мешавад, донад ва дар ҷараёни тези нутқ вай овозро ҷудо карда тавонад, барои ҳамин хонандагони идроки шунавоиашон вайрон шударо савод омӯзондан - вазифаи мушкили педагогӣ мебошад.

Ба ин хел хонандагон машқи иловагии шунавой-овозӣ, инчунин дар оянда машқҳо барои беҳтар намудани идроки биноӣ-ҳарфӣ низ зарур мебошад. Чӣ хеле,ки ҳар як қобилияти инсон инкишоф дода мешавад, дарки овозиро низ такмил додан, мукаммал намудан зарур мебошад.

Якчанд тавсияҳо барои омӯзгор дар омӯзондани хонандагони дислексиядор:

– Аз аввал сар карда хонандагонро ба хониши бурро не,балки ба хониши дарки мазмун омӯзондан яке аз ҷиҳатҳои муҳим мебошад. Ҳар як калима бояд ба хонанда фаҳмо бошад.
– Бештар китобҳои расму суратдор, ки барои фикр намудани маводи хондашуда
– ёрӣ медиҳад истифода шавад. Тасвирҳои китоб ба идроки сенсории китоб таъсир
– мерасонад.
– Интихоби матн ва ё китоб, ки ба шавқу ҳаваси хонандаи муайян нигаронида шудааст.
– Интихоби матнҳо, ки бо ҳуруфи калон навишта шудааст.
– Бештар шакли хониши моделӣ ва ҳамроҳиро истифода намудан.
– Барои хониши назоратшаванда ва ҳамроҳӣ хатчӯби калони даричадореро, ки қисмҳои болову пасти қаторҳо, ё ки мисраҳо пӯшида бошад.дар ин ҳолат ҳарфҳо камтар «бозӣ» мекунад.

- Ба чунин хонандагон лозим аст, ки маводи таълимиро бо истифода аз усулҳое пешниҳод кунанд, ки ба тамоми ҳиссиёт таъсир мерасонанд, зеро кӯдакони дислексиядор аксар вақт ҳангоми хондан, навиштан нуқсонҳои нутқ доранд, дар имло душворӣ мекашанд. Ҳамчунин, дар ин хонандагон тафаккури фазоӣ ва абстрактӣ, инчунин тахайюлот инкишоф ёфтааст.
- Агар дар синф хонандагони дорои нуқсонҳои инкишоф бошанд, ба муаллим тавсия дода мешавад, ки дақиқ ва оҳиста сухан гӯяд, нуқтаҳои асосиро такрор кунед, то хонандагон барои азхуд кардани чизҳои шунидаашон вақт дошта бошанд.
- Тавсия дода мешавад, ки ба хондани фаҳмиши бештар диққат диҳед, ба ҷавобҳои шифоҳӣ афзалият диҳед ва шумораи асарҳои хаттиро маҳдуд кунед.
- Барои ҳар як чунин хонанда методологияро интихоб кардан лозим аст, аммо фаромӯш накунед, ки дар ҳама ҳолатҳо ҳадафҳо бояд баландпарвоз бошанд, вагарна хонандагон ҳеҷ чизеро ба даст намеоранд.
- Тавсия дода мешавад, ки кӯдакро зудтар ситоиш кунед ва дастгирӣ кунед, ки ин ӯро барои расидан ба вазифаи гузошташуда ҳавасманд мекунад.
- Кӯшиш кардан лозим аст, ки ба таври доимӣ назорат карда шавад, ки хонанда ҳангоми хондан ба кадом душвориҳо дучор меояд ва барои рафъи ин мушкилот саъй равона карда шавад. Кӯшиш кунед, ки баҳогузории анъанавиро истифода набаред, стандартҳои умумӣ дар ин ҳолат кор намекунанд.

5 АРЗЁБИИ ДАРАҶАИ ТАШАККУЛИ ДАРКИ ОВОЗИИ ХОНАНДАГОН

Арзёбии дараҷаи ба шаклдароии дарки овозӣ дар хонандагон бо масофаи на он қадар калон дар мобайни соли якуми хониш гузаронда мешавад. Одатан дар бештари хонандагони синфҳои якум қобилияти дарки овозӣ доранд; дар синфи дуюм омӯзгор он хонандагоне, ки дар талаффузи овозҳо мушкилӣ мекашанд, интихобан, тафтиш мекунад.

Барои омӯзиши оянда ба хониш дар мавриди иҷрои вазифаҳои зерин арзёбӣ намудани таҳлил ва синтези малакаи овозӣ бисёр муҳим аст:

– **Муайян намудани овоз** – малакаи дарёфт намудани овозҳои якхела дар калимаҳои гуногун.
– **Пайваст намудани овозҳо** – малакаи аз овозҳо ҳиҷо, аз ҳиҷо калимаҳо тартиб додан. калимаро ба овозҳо ҷудо намудан.
– **Калимаро ба овозҳо ҷудо намудан** – малакаи калимаро ба ҳиҷо, ҳиҷоро ба овозҳо ҷудо кардан.
– **Иваз намудани овозҳо** – малакаи як овозро ба овози дигар иваз намудан, илова ва ё ихтисор намудани овозҳо дар калима.

Арзёбии дараҷаи ба шаклдароии дарки овозӣ ба таври доимӣ гузаронда мешавад, чунки шаклҳои арзёбӣ осон буда, вақти зиёдатиро талаб намекунад ва ва ҳар як хонандаро дар алоҳидагӣ арзёбӣ намудан имконият медиҳад. Ба ғайр аз ин худи ҷараёни хониш арзёбиро ба назар мегирад, ки дар вақти иҷрои машқҳои дар дастури мазкур оварда шуда хонандагон бевосита дараҷаи малакаву маҳорати таҳлили таркиби овозии калимаро намоиш медиҳанд.

Дар поён машқҳои иловагӣ барои арзёбӣ, ки бо хонандагон иҷро намудан мумкин аст, оварда шудааст.

Арзёбии 1. Овози якуми калимаро муайян кардан

Дараҷа: нимсолаи 1-уми синфи 1

Шарҳ

Ин тести мухтасар аз 7 қатор суратҳо иборат мебошад. Ба хонандагон аз байни расмҳои қатори якум он суратеро, ки бо якумин сурати қатори якум ҳамовоз аст интихоб кардан вазифа дода мешавад. Тест дар шакли хаттӣ барои тамоми синф ё барои гурӯҳи хонандагон гузаронда мешавад.

Тарзи гузарондани арзёбӣ

Омӯзгор ба хонандагон нусхаи тестро медиҳад ва тарзи иҷро ва мақсадро баён мекунад:

«Тести мазкур, Шумо калимаҳоеро, ки бо як хел овоз сар мешавад,муайян карда метавонед,муайян мекунад. Ба сурати якуми қатори якум эътибор намоед. Дар сурати якум тасвири китоб мавҷуд аст. Калимаи «китоб» бо овози [к] сар мешавад. Шумо аз ҳамин қатори якум предметеро, ки бо ҳамон хел овоз сар мешавад дарёфт кунед. Дар қатор сурати торт ,кенгуру ва шляпа акс ёфтааст. Калимаи «кенгуру» бо овози [к] сар мешавад. [к] – китоб, [к] – кенгуру. Сурати кенгуруро ба доира гиред.Ин ҷавоби дуруст аст. Дар ҳар як қатор Шумо бояд ҳамин хел корро кунед: дар худ калимаи сурати якумро талаффуз намоед, сурат бо кадом овоз сар мешавад,муайян кунед, аз байни суратҳои дигар предмети бо сурати якум ҳамовозро ёбед».

Арзёбии натиҷаҳо

6 ҷавоби дуруст аз 7, хонанда ба дараҷаи мувофиқ малакаи муайян кардани овози аввали калимаро медонад. 5 ва аз он ками ҷавобҳои дуруст аз рӯйи ин малака бояд кор карданро ифода мекунад.

Малака: Муайян кардани овоз Сана:_____Балл:_____/7

Ному насаб_____

Намуна				
1				
2				
3				
4				
5				
6				
7				

Арзёбии 2. Пайвасти овозҳо

Шарҳ

Тести мазкур дар шакли даҳонӣ бо ҳар як хонанда инфиродӣ гузаронда мешавад. Ба хонандагон овозҳои омӯзгор талаффуз кардаро ба як калима ҷамъ намудан таклиф карда мешавад.

Дараҷа: нимсолаи 1-уми синфи 1

Тарзи гузарондани арзёбӣ

Омӯзгор ба рӯ ба рӯйи хонанда нишаста мақсад ва усули корро баён мекунад:

«Ман қисми калимаро дар алоҳидагӣ номбар мекунам, ту барои якҷоя карда талаффуз намудани ин ҳиссаҳо кӯшиш мекунӣ ва калимаро ба пуррагӣ талаффуз мекунӣ. Масалан, ман овози [д]-ро талаффуз мекунам, баъд ҳиҷои[ар]. Агар ин ҳиссаҳоро якҷоя кунем, калимаи «дар» ҳосил мешавад. Агар ба овози[т] ҳиҷои [ар] ҳамроҳ карда шавад, кадом калима пайдо мешавад? (ба хонанда имконияти мустақилона пайваст намудани овозҳоро диҳед ва ба кадом дараҷа вазифаро фаҳмидани хонандаро муайян кунед. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, бо тест кор карданро сар кунед ва агар нодуруст ҷавоб диҳад, ҳосил шудани калимаи «тар»-ро гӯед.)

Аз ҷадвали тавсияшуда истифода бурда,омӯзгор ҷавобҳои дурусти хонандагонро қайд мекунад. Омӯзгор ҷавобҳои дуруст ва нодурустро чӣ хел ишорат намуданро худаш интихоб мекунад. (масалан,ҷавобҳои дуруст бо аломати-V,ҷавобҳои нодуруст бо аломати – ва ғ.)

Арзёбии натиҷаҳо

8 ҷавоби дуруст аз 10 савол, доштани хонанда ба дараҷаи мувофиқ малакаи пайвасти овозҳоро ифода мекунад. 7 ва аз он кам ҷавоби дуруст, аз рӯйи ин малака бояд, бурда шудани кори иловагиро ифода мекунад.

Малака: Пайвасти овозҳо **Сана:_____Балл:_____/10**

		Ному насаби хонанда														
1.	Ба овози [ш] ҳиҷои [ӯр]-ро пайваст кунед															
2.	Ба овози [н] ҳиҷои [-он]-ро пайваст кунед															
3.	Ба овози [с] ҳиҷои [-ир]-ро пайваст кунед															
4.	Ба ҳиҷои [се-] овози [б]-ро пайваст кунед															
5.	Ба овози [м] ҳиҷои [-ор]-ро пайваст кунед															
6.	Ба овози [р] ҳиҷои [-оҳ]-ро пайваст кунед															
7.	Ба ҳиҷои [мӯ-] овози [й]-ро пайваст кунед															
8.	Ба ҳиҷои [хо -] овози [м]-ро пайваст кунед															
9.	Ба овози [б] ҳиҷои [-оғ]-ро пайваст кунед															
10.	Ба ҳиҷои [мо-] овози [ҳ]-ро пайваст кунед															
	Баллҳо:															

Арзёбии 3.Ба овозҳо ҷудо намудани калима

Шарҳ

Ин тест дар шакли даҳонӣ бо ҳари як хонанда инфиродӣ гузаронда мешавад. Ба хонандагон калимаҳои омӯзгор талаффуз намударо ба овозҳо тақсим намудан пешниҳод карда мешавад.

Дараҷа: нимсолаи 2-юми синфи 1

Гузарондани арзёбӣ

Омӯзгор ба рӯ ба рӯйи хонанда нишаста мақсад ва усули корро баён мекунад:

«Ман калимаҳоро талаффуз мекунам, ту бояд калимаро ба овозҳо тақсим намуда, овозҳоро бо тартиб номбар кунӣ. Масалан, ман калимаи «шар»-ро талаффуз мекунам. Агар ин калимаро ба овозҳо тақсим намоем, ба се овоз ҷудо мешавад: [ш], [а], [р]. Калимаи «рӯз» ба

кадом овозҳо ҷудо мешавад? (ба хонанда барои фаҳмиши онро муайян кардан, имконияти мустақилона ба овозҳо ҷудо намудани калимаро диҳед. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад,бо тест кор карданро оғоз намоед.Аммо ба савол дуруст ҷавоб дода натавонад, ҷавоби дурустро худатон мегӯед. Калима ба овозҳои [р], [ӯ], [з]» ҷудо мешавад).

Аз ҷадвали тавсияшуда истифода бурда,омӯзгор ҷавобҳои дурусти хонандагонро қайд мекунад. Омӯзгор ҷавобҳои дуруст ва нодурустро чӣ хел ишорат намуданро худаш интихоб мекунад. (масалан, ҷавобҳои дуруст бо аломати-V,ҷавобҳои нодуруст бо аломати – ва ғ.)

Арзёбии натиҷаҳо

8 ҷавоби дуруст аз 10 савол, доштани хонанда ба дараҷаи мувофиқ малакаи ба овозҳо ҷудо намудани калимаро ифода мекунад. 7 ва аз он кам ҷавоби дуруст, аз рӯйи ин малака бояд, бурда шудани кори иловагиро ифода мекунад.

Эзоҳ. Воситаи зерини арзёбӣ маҳорати карда тавонистани таҳлили овозии калимаро тафтиш НАмекунад. Аз хонандагон фақат, ба овозҳо ҷудо намудани калима талаб карда мешавад.

Малака: Ба овозҳо ҷудо кардани калима **Санаи арзёбӣ:**_____

		Ному насаби хонанда												
1.	Калимаи «сар»-ро ба овоз ҷудо кунед													
2.	Калимаи «кор»-ро ба овоз ҷудо кунед													
3.	Калимаи «мор»-ро ба овоз ҷудо кунед													
4.	Калимаи «рӯз»-ро ба овоз ҷудо кунед													
5.	Калимаи «бор»-ро ба овоз ҷудо кунед													
6.	Калимаи «нон»-ро ба овоз ҷудо кунед													
7.	Калимаи «рама»-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед													
8.	Калимаи «нома»-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед													
9.	Калимаи «хона»-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед													
10.	Калимаи «шӯла»-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед													
	Баллҳо:													

Арзёбии 4. Иваз намудани овозҳо

Шарҳ

Тести мазкур дар шакли даҳонӣ бо ҳар як хонанда инфиродӣ гузаронида мешавад. Аз хонандагон ба саволҳои омӯзгор, ҷавоб додан талаб карда мешавад, яъне агар як овозро бо овози дигар иваз намоем кадом калима ба вуҷуд меояд. Ин малака аз хонанда иҷрои ду вазифа: ҷудо намудани овози якхела (1) ва донистани калимаи пайдошуда (2) ро талаб мекунад. Ҳамин тавр, ин тест ба ақлу заковати хонанда сарборӣ зиёд мешавад, ки вай дар вақти иҷрои вазифа овозҳои талаффузшуда, худи калима ва калимаи навро бояд дар хотир нигоҳ дорад. Иҷрои бомуваффақияти ин тест, аз дарки овозии тараққӣ кардаи хонанда хабар медиҳад.

Дараҷа: нимсолаи 1-уми синфи 1 Гузарондани арзёбӣ

Омӯзгор ба рӯ ба рӯйи хонанда нишаста мақсад ва усули корро баён мекунад:

«Ман ба ту калимаро номбар мекунам ва кадом овози онро иваз кардан лозим аст, баён менамоям ва ту дар ин ҳолат кадом калима ба вуҷуд меояд, номбар мекунӣ. Масалан, дар калимаи «шар» овози [ш]-ро бо овози [с] иваз кунем, калимаи «сар» ҳосил мешавад. Агар дар калимаи «дар» овози [д]-ро бо овози[т] иваз намоем кадом калима ҳосил мешавад?». (ба хонанда барои фаҳмиши онро муайян кардан , имконияти мустақилона ба овозҳо ҷудо намудани калимаро диҳед. Агар хонанда дуруст ҷавоб диҳад, бо тестро оғоз намоед. Аммо ба савол дуруст ҷавоб дода натавонад, ҷавоби дурустро худатон мегӯед. «Калимаи «тар» ҳосил мешавад»).

Аз ҷадвали тавсияшуда истифода бурда, омӯзгор ҷавобҳои дурусти хонандагонро қайд мекунад. Омӯзгор ҷавобҳои дуруст ва нодурустро чӣ хел ишорат намуданро худаш интихоб мекунад. (масалан, ҷавобҳои дуруст бо аломати-V, ҷавобҳои нодуруст бо аломати – ва ғ.)

Арзёбии натиҷаҳо

8 ҷавоби дуруст аз 10 савол, доштани хонанда ба дараҷаи мувофиқ малакаи ба овозҳо ҷудо намудани калимаро ифода мекунад. 7 ва аз он кам ҷавоби дуруст, аз рӯйи ин малака бояд , бурда шудани кори иловагиро ифода мекунад.

Малака: Ивазкунии овозҳо **Санаи арзёбӣ:**_____

		Ному насаби хонанда														
1.	Агар дар калимаи «бор» овози [б]-ро ба овози [д] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
2.	Агар дар калимаи «дер» овози [е]-ро ба овози [у] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
3.	Агар дар калимаи «тор» овози [т]- ро ба овози [м] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
4.	Агар дар калимаи «шона» овози [ш]-ро ба овози [д] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
5.	Агар дар калимаи «хор» овози [р]-ро ба овози [к] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
6.	Агар дар калимаи «лона» овози [л]-ро ба овози [х] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
7.	Агар дар калимаи «калла» овози [к]-ро ба овози [с] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
8.	Агар дар калимаи «ранг» овози [р]-ро ба овози [с] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
9.	Агар дар калимаи «хона» овози [н]-ро ба овози [л] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
10.	Агар дар калимаи «хор» овози [о]-ро ба овози [ӯ] иваз кунем кадом калима ҳосил мешавад?															
	Баллҳо:															

Малака:_____ **Санаи арзёбӣ**:_____

		Ному насаби хонанда																									
1.																											
2.																											
3.																											
4.																											
5.																											
6.																											
7.																											
8.																											
9.																											
10.																											
	Баллҳо:																										

6. НАМУНАИ МАШҚҲО ОИД БА ДАРКИ ОВОЗӢ[1]

Ном	Овози сеҳрнок
Натиҷаҳои интизоршаванда	Хонандагон • Овозҳои садонокро талаффуз мекунанд; • Садонокҳоро фарқ мекунанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Паз дарс бояд ба дарс тайёрӣ намудан зарур аст: овози муайян – амали объект (мисол дар зер оварда шудааст).
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳи (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор худаш нишон медиҳад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо ҳиссиёту ҳаяҷонҳои гуногун талаффуз намоянд. **Қадами 2.** Омӯзгор (як-ду нафари) хонандагонро таклиф мекунад ва овози [А]-ро дар ҳолатҳои зерин талаффуз намоянд. [А] – духтарча мегиряд [А] – ба духтур гулӯяшро нишон медиҳад [А] – хонанда суруд месарояд [А] – кӯдакро меҷунбонад [А] – духтарак сӯзанро халида гирифт. Ҷуфти навбатӣ таклиф карда мешавад ва вазифаи дигаргун намудани овози [О]-ро мегирад: [О] – ҳайронии модар [О] – оҳкашии модаркалон [О] – сурудхонии хонанда [О] – машқ кардани падар [О] – овози шикорчӣ дар ҷангалзор. Ҷуфти навбатӣ таклиф карда мешавад ва вазифаи дигаргун намудани овози [У]-ро мегирад: [У] – овози киштӣ [У] – овози най [У] – гиряи писарча [У] – уллоси гург [У] – овози шамоли ба қубур зада.

[1] Машқҳои мазкур дар асоси машқҳои дар Интернет мавҷудбуда тартиб дода шуд.

Намуна

КАРТА ИСТОРИИ
МЕСТО/ВРЕМЯ
ГЛАВНЫЙ ГЕРОЙ
НАЧАЛО
СЕРЕДИНА
КОНЕЦ

Ном	Тақлиди овозҳо
Натиҷаҳои интизоршаванда	Хонандагон • овозҳои ҳамсадо ва садоноки нишон додашударо дуруст талаффуз мекунанд; • ҳаракати предметҳоро нишон медиҳанд; • ба саволҳо ҷавоб медиҳанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Варақаҳо бо суратҳои предмет ва ҳайвоноти овоздиҳанда.
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Варианти 1.** Омӯзгор ба хонандагон савол медиҳад, масалан, – Занбӯр чӣ тавр садо медиҳад? (З-з-з-з!) – Мор чӣ хел овоз мебарорад? (Ш-ш-ш!) – Овози поезд чӣ хел аст? (У-у-у!) ва ғ. Хонандагон дар вақти иҷрои ин машқҳо ҳаракати ин предмет, ё ки ҷонваронро намоиш доданашон мумкин аст. “Занбӯр мепарад”: бо дасташон паридани занбӯрро намоиш медиҳанд ва ғ. **Варианти 2.** Омӯзгор ба хонандагон савол медиҳад, масалан, – Занбӯр чӣ тавр садо медиҳад? (З-з-з-з!) – Мор чӣ хел овоз мебарорад? (Ш-ш-ш!) – Овози поезд чӣ хел аст? (У-у-у!) ва ғ. Хонандагон дар вақти иҷрои ин машқҳо ҳаракати ин предмет, ё ки ҷонваронро намоиш доданашон мумкин аст. “Занбӯр мепарад”: бо дасташон паридани занбӯрро намоиш медиҳанд ва ғ. Омӯзгор суратеро, ки бо овоз намоиш додан мумкин аст (паланг, мошин, занбӯр, самолёт ва ғ.): ғурриши паланг – «р-р-р-р», ё ки тақлиди овоз хурӯс – «кукареку»). Хонандагон овозҳои ҳайвонот ва предметҳоро тақлид карда овоз мебароранд.

Намуна










Ном	МАҒОЗА
Натиҷаҳои интизоршавана нда	Хонандагон • аз калимаҳо овозҳоро ҷудо мекунад; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – беҷаранг).
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Варақчаҳо бо суратҳои предметҳои гуногун
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	Зинаи тайёрӣ: омӯзгор варақчаҳои суратдори бо овозҳои гуногун саршавандаро тайёр мекунад, масалан, қошуқ, табақча, себ, гул, бӯр ва ғ. **Қадами 1.** Омӯзгор шарти бозиро баён мекунад: «Ман фурӯшанда-шумо бошад, – харидороне,ки ба мағоза барои ягон чиз харидан меояд , барои худ товар интихоб мекунад. Барои харид бо овози якуми калима ҳисобу китоб карда мешавад. Масалан, харидор қошуқ хариданӣ бошад,вай бояд овози: [Қ]»-ро номбар мекунад. **Қадами 2.** Хонанда-харидор ба худ предметро интихоб мекунад ва овозро талаффуз мекунад. **Диққат**! Машқ якчанд бор хонандагонро иваз карда гузаронда мешавад. Дар оянда шарти бозиро дигар намудан мумкин аст. Харидор барои худ молро интихоб мекунад ва барои харид ба воситаи зерин ҳисобу китоб кардан мумкин аст: – ҳамаи овозҳои калимаро талаффуз намудан зарур; – ҳамсадоҳои ҷарангнок ва беҷаранги калимаро номбар кардан зарур; – ҳиҷои заданокро муайян кардан зарур.

Намуна











Ном	МАҒОЗАИ-2
Натиҷаҳои интизоршаванда	Хонандагон • аз калимаҳо овозҳоро ҷудо мекунанд; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – бечаранг).
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводи зарурӣ	Варақчаҳо бо сурати меваҳо: себ, афлесун, нок, мандарин, олу, лимӯ, ангур. Суратҳое, ки ҳамаи овозҳоро дар бар мегирад, тайёр намудан мумкин аст.
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	Ба ҷойи махсус, варақчаҳои суратдор бо тасвири: себ, апелсин, нок, мандарин, олу, лимон ва ангур гузошта мешавад. **Қадами 1.** Вазифа: Нодонак ба мағоза барои харидани меваҳо рафт, аммо номи онҳоро фаромӯш кард. Хонандагон бояд ба Нодонак дар харидани меваҳо ёрӣ диҳанд. Нодонак меваҳое, ки дар таркибашон овози [Л]-дорро харид кунад. **Қадами 2.** Хонандаи даъваткардаи омӯзгор суратҳои меваҳоеро, ки дар таркибашон овози [Л]-доранд, интихоб карда мегирад. Бозиро якчанд маротиба, овоз ва суратҳоро иваз намуда гузарондан мумкин аст.
Намуна	



Ном	ОВОЗИ АСОСӢ
Натиҷаҳои интизоршаванда аз таълим	Хонандагон • овозҳоро дуруст талаффуз мекунанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Матнҳои қофиядор
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор ба хонандагон овози омӯхташавандаро ҷудо карда шеър мехонад. Агар аз шеърҳои ҳарфҳои алифбо истифода намояд, боз хубтар мешуд. **Қадами 2.** Хонандагон шеърро шунида «овози асосӣ», яъне овози омӯхташавандаро номбар мекунанд. *Омӯзгор, албатта матнҳои гуногунро истифода бурданаш мумкин аст.*

Намуна

А	Б	В
А Аз ҳАмА АввАл Аст, А Аз ҳАмА АфзАл Аст. А сАрвАри Алифбост, А АфсАри Алифбост. А-ро кас аъло донАд АлбАттА Аъло хонАд	Б Бошад ранги хона, Бедару Беостона. Бингар, чӣ дар Болояш! Бошад он дуд Барояш. Берун равад агар дуд, Б худ Ба худ шавад Буд.	В ҳарфи дилнаВоз аст, В-ро ду чашми Воз аст. Вобастаи даВот аст, Воситаи саВод аст. В набошад душВор аст Вой гӯй, В даркор аст.
Г	**Д**	**Е**
Г ранГи Гардани ғоз, Гап Гирад аз Г оғоз. Гар ҳарфи Г намебуд, Гап зада ҳам намешуд: Говатро «ов» меГуфтӣ, «МеГуфтӣ»-ро «меуфтӣ»	**Д** монанДи Донишҷӯ, Дам шинаД бо Ду зону. Доим Дарсашро хонаД, ҚаДри ДониШро Донад. Дон, ки ҳар кӣ Доно шуД, Дар Дилу ДиДа ҷо шуД.	Е-сЕ мехи пайваста, Е хаскашЕ бЕдаста. Е доим банди корЕст, Е мисли дастиёрЕст. Е ояд аз пасу пеш, Е–ёри хЕшу дарвеш.
Ж	**Ч**	**У**
Журнал гӯи, Ж ояд, Жола гӯй Ж бояд.	Ч ҳарфи ҳамЧу Чор аст, Чун Чӯҷаи Чипор аст.	У дар бУни Умри мост, У чУн сУтУни дУнёст.
Э	**Ю**	**Я**
Э-ро нигар накӯтар: Э чун пари кабӯтар. Э-ро даҳони боз аст, Э-ро забони роз аст. Э дора Эҳтиётат, Эмин кунад ҳаётат.	Ю ҳарфи Ю-монанд аст, Ю аз миён пайванд аст. Ю пайванд рӯЮ мӯ, Ю пайванди моЮ ту. Ю-ро донӣ шав хурсанд, Ю–сон ба ёрон пайванд.	Я ҳарфи раҳсипор аст, Як даст дар канор аст. Я гӯЯд: -эй рафиқон, Якдил шаведу Якҷон. Я-ро, ки нағз донед, ЯкҷоЯ дарс хонед!

Ном	САНҶОБ ДАР ДАРАХТ
Натиҷаҳои интизоршавандаи таълим	Хонандагон • овозҳоро дуруст талаффуз мекунанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Варақчаҳои суратдор
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	Баои бозӣ дар синф чанд нафар хонанда бошад,ҳамон қадар варақчаҳои суратдор зарур аст. Дар яке аз варақчаҳо сурати рӯбоҳ тасвир ёфтааст. Дар варақчаҳои дигар предметҳое,ки бояд ба он калимаи қофиянок оварда шавад, тасвир шудааст. Бозиро дар синф, дар майдони варзишӣ, холли мактаб ва ё дар кӯча гузарондан мумкин аст. **Қадами 1.** Омӯзгор пешаки варақчаҳоро тайёр карда мемонад. Бояд номи предметҳои ба қуттии якум ҷойгиршуда бо предметҳои қуттии дигар қофиядор бошад (арра-барра, хона-шона, офтоб-моҳтоб…). **Қадами 2.** Омӯзгор ба хонандагон гузарондани бозии «санҷоб»-ро эълон мекунад. Ба яке аз хонандагон роли рӯбоҳ супорида мешавад. Рӯбоҳ бояд санҷобҳои дар дарахт бударо дастгирӣ намояд. **Қадами 3.** Омӯзгор хонандагонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Хонандагони гурӯҳи якум дарахтон ва гурӯҳи дуюм-санҷобҳо мешаванд. Омӯзгор ба «санҷобҳо» варақчаҳои суратдори қуттии якумро ва ба «дарахтон» бошад суратҳои қуттии дуюмро тақсим карда медиҳад. «Дарахтон» дар ҷойҳои гуногуни синф/майдон ҷойгир мешаванд ва суратҳои худашонро ба ҳама намоён карда, ҳаракат накарда, бардошта меистанд. **Эзоҳ:** Ба **«дарахтон»** бо овози баланд номи предметҳоро номбар кардан иҷозат дода мешавад, то ки «санҷобҳо» онҳоро **Қадами 4.** «Санҷобҳо» барои ҷуфти худашонро дарёфт карданҳамаи онҳо дарахти қофиядори худро мекобанд. Омӯзгор мегӯяд: «ана рӯбоҳ омаода истодааст, ба дарахтони худ бароед!» санҷобҳо дарахтони худро мекобанд. Рӯбоҳ он санҷобе, ки ҷуфти қофиядори худро наёфтааст, ё ки хато кардааст, дастгир мекунад. Он касе, ки ба рӯбоҳ дастгир шуд, дар давраи навбатии бозӣ рӯбоҳ мешавад. «Дарахтон» ва «Санҷобҳо» ролашонро иваз карда, бозиро аз нав сар мекунанд.

Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)

Қадами 5. Ҷуфтҳое, ки якдигарро ёфтаанд, ҷуфти калимаҳои худро талаффуз мекунанд, масалан, ХОНА-ШОНА ва ғ. Калимаҳои қофиядори ҳамаи хонандагон бо ҷуфтҳояш тафтиш карда мешавад. Агар хонанда ҷуфти қофиядори худро нодуруст интихоб карда бошад, дигарон ба вай ёрӣ медиҳанд.

Шаклҳои дигари бозӣ: хонандагон ба ҷуфтҳо аз рӯйи дигар принсип ҳам муттаҳид карда мешаванд:
а) аз рӯйи миқдори ҳиҷоҳо дар калима: якҳиҷоӣ, дуҳиҷоӣ ва …(мор-дор, нон-нок, бозӣ-мӯза, кенгуру-нақора…);
б) аз рӯйи овози якуми калима (соат-сатил, китоб-киштӣ) ва ғ.

Ном	«БУДАН-ГУДАН»
Натиҷаҳои интизоршаванда таълим	Хонандагон • аз калима овозҳоро ҷудо мекунанд; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – беҷаранг).
Модул	Дарки овози
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш ва дар вақти хониш
Маводи зарурӣ	–
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор дар шакли намунаи дар поён оварда шуда суруд мехонад. Барои қофия номи хонандагон истифода бурда мешавад. Охирин калимаи мисраи якум–ин номи хонандаест, овози якум иваз карда шудааст. Масалан : Будан-Гудан Биёр Будан-Гудан Калим Ба хирсак меравад Ҳалим. Будан-Гудан Сулнор, Ба хирсак месарояд Гулнор. Будан-Гудан Тамад Ба вай механдад Самад. Эзоҳ: вақте ки хонандагон шарти бозиро аз худ менамоянд, онҳо худашон мустақилона калима ва номҳои дигарро истифода намуда матнҳои қофиядор меофаранд.

Ном	САД САВОЛ – САД ҶАВОБ
Натиҷаҳои интизоршаванда таълим	Хонандагон • аз калима овозҳоро ҷудо мекунанд; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – беҷаранг).
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Тӯб
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор мегӯяд: «Ба калимаҳои овози (Т) бозӣ мекунем». Хонандагон бояд ба саволҳо ҳарфи номбурдаро **Қадами 2.** Омӯзгор тӯбро мепартояд ва савол медиҳад: – Номи ту кист? Хонанда тӯбро баргардонда истода мувофиқи овози дода шуда масалан: – Тоҳир. – Фамилияи ту чист? – Толибов. – Ту аз куҷо омадӣ? – Аз Талас – Дар он ҷо чӣ мерӯяд? – Тут. Машқ 3–5 маротиба бо хонандаву овозҳои гуногун гузаронда
Намуна	

Ном	ОВОЗРО ЁБ
Натиҷаҳои интизоршав андаи таълим	Хонандагон • аз калима овозҳоро ҷудо мекунанд; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – беҷаранг).
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводи зарурӣ	–
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор овози [А]-ро бо ҳаракати лабҳо овоз набароварда талаффуз мекунад. **Қадами 2.** Хонандагон ҳолати узвҳои нутқро ҳамчун омӯзгор такрор карда, овозро номбар мекунанд. **Қадами 3.** Дар мавриди дуруст ёфтани овоз ва ё калима омӯзгор хонандагонро таъриф намуда, барои иҷрои вазифа миннатдорӣ изҳор менамояд. **Диққат!** Машқи мазкурро бо овозҳои гуногун гузарондан тавсия карда мешавад. Дар оянда яке аз хонандагон дар мавқеи баранда иштирок намояд мумкин аст.
Намуна	
	Мисолҳо: • С-А-Р, К-О-Р, Д-О-Р, Н-О-Н, П-А-Р, Д-А-Р, Б-А-Р, М-О-Р, Л-А-Б, Б-О-Ғ, С-А-Г, С-И-Р, Ч-О-Й, Ҷ-О-Н... • М-Ӯ-З-А, К-О-С-А, Л-О-Н-А, Ш-О-Н-А, Р-А-М-А, Д-О-Н-А, Х-О-Н-А, А-Н-О-Р, Л-О-Л-А, Ж-О-Л-А ... • М-О-Д-А-Р, Б-А-Ҳ-О-Р, Н-О-Ҳ-И-Я, Я-Х-Д-О-Н, Р-Ӯ-Б-О-Ҳ, А-Н-Г-У-Р, П-А-Р-К, Б-О-З-Й .....

Ном	ОВОЗРО ДОШТАН
Натиҷаҳои интизорша вандаи таълим	Хонандагон • аз калима овозҳоро ҷудо мекунанд; • ба овозҳо шарҳ медиҳанд (садонокҳо: заданок – безада; ҳамсадоҳо: ҷарангнок – беҷаранг).
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводи зарурӣ	Маҷмӯаи калимаҳо
Шакли ташкили	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Тарзи иҷро	Дастуруламал: Агар хонандагон овози [К]-ро дар калима шунаванд, қарсак мезананд. **Қадами 1.** Омӯзгор калимаи: [К] итоб, ма[К]таб, хона, дара[К]-ро талаффуз мекунад. **Қадами 2.** Хонандагон, вақте ки овози [К]-ро шунаванд, қарсак мезананд. **Қадами 3.** Агар хонандагон супоришро дуруст иҷро намоянд, омӯзгор онҳоро таъриф карда рӯҳбаланд Машқи мазкурро бо овозҳои дигар низ такроран гузарондан мумкин аст: [Ш] – шона, пошна, мошин, болишт...; [С] – себ, соат, қасос, хурӯс...; [Р] – рама, анор, рӯбоҳ, пиёла падар...; [Л] – лона, лола, калима,шағол...
Намуна	

Ном	Тартиб додани ҳиҷоҳо
Натиҷаҳои интизорша вадаи таълим	Хонандагон • ҳиҷо тартиб медиҳанд.
Модул	Дарки овозӣ, шиносоӣ бо алифбо
Синфи	1
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Варақчаҳо бо ҳамаи ҳарфҳои алифбо
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (умумӣ дар синфва дар гурӯҳҳои хурд), инфиродӣ
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор ба ҳар як хонанда ҳарфҳои муайяни алифборо месупорад ва ба онҳо вазифаи тартиб додани ҳичоҳоро медиҳад: – Ҳарфҳо, калимаи «ЗАБОН»-ро тартиб диҳед. Хонандагон ба назди тахтаи синф баромада, ҳарфҳои худашонро дар пеши барашон мегузоранд. **Қадами 2.** Омӯзгор ба тамоми синф савол мегузорад: – Ин калима чанд овоз дорад? Онҳоро номбар кунед. – Чанд овози садонок ҳаст? Онҳоро номбар кунед. – Чанд овози ҳамсадои ҷарангнок дорад? Онҳоро номбар кунед. – Чанд ҳамсадои беҷаранг мавҷуд аст? Онҳоро номбар кунед. Хонандагоне, ки ҳарфҳои номбар шуда дар даст доранд, бояд якборӣ нишаста хезанд. Масалан, ба саволи якум хонандагон чунин ҷавоб доданд: «Калимаи забон 5 овоз дорад, ин: [З], [А], [Б], [О], [Н],». Хонандагоне, ки ин овозҳо дар даст доранд, вақти талаффузи ҳарфҳо, нишаста мехезанд ва ғ. **Қадами 3.** Омӯзгор калимаҳои дигарро ба монанди: тарбуз, кино, анҷир ва ғ. истифода бурданаш мумкин. Дар интихоби калимаҳо принсипи аз «сода ба мураккаб»-ро, яъне аз калимаҳои сода ба мураккаб, масалан, нон, мор, хона, анор, модар, баҳор, кабӯтар ва ғ. истифода намудан зарур аст.
Намуна	

Ном	РАССОМИ МӮҶИЗКОР
Натиҷаҳои интизоршаванда таълим	Хонандагон • дарки овозии тараққикардаро намоиш медиҳанд; • таҳлили овозии калимаро мегузаронанд.
Модул	Дарки овозӣ,шиносоӣ бо алифбо
Синфи	1–2
Зинаи хониш	То хониш
Маводи зарурӣ	Албом, қаламҳои ранга, хаткашак, қалами оддӣ
Шакли ташкили таълим	Кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор ба хонандагон суратҳоро тақсим карда медиҳад ва вазифаро баён мекунад: «Номи предмети тасвиршударо муайян кунед ва ба зери сурат схемаи калима ва ё ҳиҷоҳои калимаро кашед ва ҷойи ҳар як овозро бо доира нишон дода, ҷойи овози омӯхташударо ишорат кунед». **Қадами 2.** Ҳар як хонанда вазифаро мустақилона инфиродӣ дар дафтар иҷро мекунад. **Қадами 3.** Хонандагон дунафарӣ кор карда, натиҷаи корро муҳокима мекунанд ва ба якдигар ёрӣ мерасонанд.
Намуна	

Ном	КАЛИМАИ СЕҲРНОК
Натиҷаҳои интизоршаванда таълим	Хонандагон • таҳлили овозии калимаро мегузаронанд.
Модул	Дарки овозӣ, шиносоӣ бо алифбо
Синфи	1
Зинаи хониш	Дар вақти хониш ва баъди хониш
Маводи зарурӣ	Ҳарфҳои бурида барои тартиб додани калимаҳо
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ, инфиродӣ
Тарзи иҷро	Машқ-бозии «Калимаи тилисмшуда» ҳамчун бозии сюжетноки-аксӣ гузаронида мешавад. Омӯзгор доимо дар мавқеи баранда мемонад, хонандагон бошад, акси халоскоронро иҷро мекунанд,яке аз хонандагон акси афсунгари золимро, ки гоҳ-гоҳ аз қасри худ дур мешавад, иҷро мекунанд. Маҳз дар ҳамин вақт овоз ва ҳарфҳо аз тилисм халос карда мешавад. **Қадами 1.** Омӯзгор ба хонандагон дар бораи овоз ва ҳарфҳо, ки афсунгари золим онҳоро дар қасри худ тилисм намуда, бандӣ кардааст ва барои ҳамин онҳо аз дасти вай халос шуда наметавонанд, нақл карда медиҳад. Калимаҳо худашон аз кадом овозҳо ташкил шудаанд, намедонанд ва хонандагони халоскор кадом овоз будани онҳоро фаҳмониданашон зарур аст. Вақте ки овозҳои калима ба тартиби муайян ҷойгир мешаванд,калима халосёфта ҳисоб шуда, озод мегардад. **Қадами 2.** Омӯзгор як хонандаро ҳамчун иҷрокунандаи акси афсунгари золим интихоб мекунад, ӯро ба ҷойи алоҳида шинонда дар пешаш сурати қасрро мемонад. Хонандаи ичрокунандаи акси афсунгари золим гоҳ-гоҳ аз ҷойи худ хеста аз қаср дур мешавад. **Қадами 3.** Омӯзгор калимаи «тилисмшуда»-ро номбар мекунад, халоскорон ҳар як овози калимаро аниқ ва равшан талаффуз карданашон зарур аст. Масалан , «Бачаҳо калимаи «ДОР»-ро аз тилисм халос кунед». . **Қадами 4.** Хонандаи интихобшуда бо навбат овозҳоро талаффуз мекунад,махсусан овозҳои садонок аниқ ва бурро талаффуз карда мешавад [Д], [О], [Р]. Бозӣ якчанд маротиба гузаронида мешавад. Бозӣ аз калимаҳои сода сар карда шуда, оҳиста ба калимаҳои мураккаби «тилисмшуда» мегузарад .

НАМУНА

Ном	ДАР КАЛИМА КАДОМ ОВОЗ КАМ ШУД?
Натиҷаҳои интизоршав андаи таълим	Хонандагон • таҳлили овозӣ–ҳарфии калимаро мегузаронанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синф	1
Зинаи хониш	Дар вақти хониш
Маводҳои зарурӣ	Сурат бо тасвири Нодонак аз асари Н.Носов «Саргузашти Нодонак ва дӯстони вай».
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. – Нодонак кадом калимаҳоро навиштанӣ шуд? Кадом овоз навишта нашудааст? Ҷойи ин овоз дар куҷо аст (дар аввал, дар мобайн ва дар охир)? **Қадами 2.** Омӯзгор мисраъ ба мисраъ ҷумлаҳои зеринро мехонад: *Бобоям дар сар… хон* *Аз ҳама б…ло шинад,* *…омоҷонам ҳамеша* *Аз бари боб… шинад.* *Аз сӯйи рост …адарам,* *Аз чап шинад …одарам.* *Паҳлӯи модарҷ…нам* *Ҷойи ману …одарам.* *Вале …оҳараки мо* *Мешинад аз мо бо…о.* *Медонӣ, …ояш куҷо?* *Сари …онуи момо.* **Қадами 3.** Хонандагон матни хондашударо гӯш карда, калимаҳоеро, ки овозҳо фаромада мондааст муайян мекунанд, ба тарзи инфиродӣ ва ё умумӣ овозҳоро пурра мекунанд ва шакли пурраи калимаҳор мехонанд.

Ном	ПЕЧДАРПЕЧӢ
Натиҷаҳои интизоршавандаи таълим	Хонандагон • тафовути овозҳои калимаро муайян мекунад.
Модул	Дарки овозӣ
Синф	1
Зинаи хониш	Дар вақти хониш
Маводи зарурӣ	Суратҳо бо ҳолати ғамгинона (ё варақчаҳои сурх) дар ҳар як хонанда.
Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, гурӯҳӣ
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор вазифаро баён мекунад: – Ман мисраҳоеро мехонам, ки шоир калимаҳор чигил кардааст. Шоир чиро хато кардааст? Ба ҷои калимаҳои ғалат, кадом калимаҳоро истифода намудан зарур аст? Омӯзгор ҷумлаҳоро мехонад, масалан, шеъри Ҷӯра Ҳошимӣ «Оё дуруст кардам?». **Қадами 2.** Омӯзгор мисраъҳоро хонда, ба хонандагон ислоҳ намудани ғалатҳоро пешниҳод мекунад. «Ислоҳ кардан» маънои онро дорад, ки кадом калима ва овоз иваз карда шавад шакли дурусти калима ё мисраъ ҳосил мешавад ва дар натиҷа хонандагон шакли дурусти калимаро истифода бурда ,овозҳоро талаффуз мекунанд. **Қадами 3.** Дар вақти шунидани матн,хонандагон калима ва ё овози нодурустро шунида сурати ҳолати ғамгинонаро мебардоранд. Бо таклифи омӯзгор яке аз хонандагон шакли дурусти калима ва ё овозро номбар мекунад.Масалан, «Бо чашмкам шунидам,Бо гӯшакам бидидам». – Бо чашмакам бидидам, Бо гӯшакам шунидам мешавад дар ин ҳолат ҷои калимаҳо (бидидам,шунидам) иваз карда мешавад. Омӯзгор барои дарс чӣ қадар зарур, бошад ҳамон қадар мисраи шеърро интихоб мекунад,асосиаш дар дарс ҳолатеро,ки диққати хонандагон барои ислоҳ намудани калимаву овозҳо нигаронида шуда бошад,ташкил кардан мебошад.

Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, гурӯҳӣ
	Замимаи 1 **ОЁ ДУРУСТ КАРДАМ**? Бо чашмакам шунидам Бо гӯшакам бидидам. Оё дуруст кардам? Ё нодуруст кардам? Бо пой хат навиштам, Бо даст роҳ бигаштам. Оё дуруст кардам? Ё нодуруст кардам? Хӯрдам китобро ман, Хондам кабобро ман. Оё дуруст кардам? Ё нодуруст кардам? Гуфтам ба гурбаам: - Кишт! Гуфтам ба мурғакам: - Пишт! Оё дуруст кардам? Ё нодуруст кардам? Хондам ду модар аз ёд, Шуд шеъракам зи ман шод Оё дуруст кардам? Ё нодуруст кардам?

Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, гурӯҳӣ

Замимаи 2

Обу наво гарм шуд,
Хок наму нарм шуд (ҳаво).

Медавамо,медавам,
Раҳ, чӣ расо медавам! (ваҳ)

Барф чӣ хел об шуд?-
Ғун шуду сероб шуд (селоб)

Аз таҳи дил медавам, Дар – сари по медавам. (сар)

Дур ҳама ҷӯбор шуд,
Ҷӯ ҳама саршор шуд (пур).

Хаста набошам дигар,
Ҳамчу садо медавам.(сабо)

Кӯҳу даман сабз шуд,
Роғу чаман сабз шуд (боғу).

Медавамо, медавам…
Ҳой, чаро медавам? (Вой)

Сабза гилафрӯз шуд,
Лона дилафрӯз шуд (лола).

Ин дави ман пеши кист?
Ман ба куҷо меравам?... (медавам)

Деҳа гулобод шуд,
Тиру ҷавон шод шуд (пиру).

Дер давидам,биё,
Гашта қафо медавам! (Дур)

Ном	БАРФТӮДА
Натиҷаҳои интизоршавндаи таълим	Хонандагон • овози додашударо аз калимаҳо муайян мекунанд.
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1
Зинаи хониш	Дар вақти хониш
Маводи зарурӣ	Варақчаҳо бо ҳиҷоҳо
Шакли ташкили таълим	Кор дар гурӯҳҳои хурд (4–6 нафар хонанда)
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Хонандагон ба (3-5 нафар иштирокчӣ) гурӯҳҳои хурд муттаҳид шуда, дар шакли доира давра ташкил медиҳанд. **Қадами 2.** Омӯзгор овозеро номбар мекунад, хонандагон бошад, калимаҳоеро, ки овози мазкурро дорад, номбар мекунанд. Хонандаи якум калимаро талаффуз мекунад, дуюм калимаи якумро такрор мекунад ва боз калимаи нави худро илова мекунад ва ғ. Ҳар як иштироккунанда калимаи навро ба қатори калимаҳо илова мекунад, масалан, ба овози: [К] – китоб китоб, коса китоб, коса, кокул китоб, коса, кокул, макон ва ғ. **Қадами 3.** Омӯзгор вобаста ба вазъият (дар гурӯҳҳо кори хонандагон суст шавад), машқи-бозиро қарор дода вазифаи нав бо овози нав супориданаш мумкин, масалан, овози [Р] ва бозӣ боз оғоз мегардад. **Қадами 4.** Омӯзгор аз ҳар гурӯҳ як нафарӣ иштирокчиёнро занҷири калимаи гурӯҳи худашонро хонданро илтимос мекунад. Кори гурӯҳи занҷири аз ҳама дарози калимаҳоро тартиб додаанд, қайд карда мешавад.
Намуна	

Ном	КАЛИМАИ ЗАРУРИРО ЁФТАН (1)
Натиҷаи интизоршав андаи таълим	Хонандагон • калимаҳоеро, ки овозҳои қофиядор доранд, муайян мекунанд .
Модул	Дарки овозӣ
Синфи	1–2
Зинаи хониш	Дар вақти хониш
Маводи зарурӣ	Матнҳои шеърӣ бо калимаҳои ёридиҳанда
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ, инфиродӣ
Тарзи иҷро	**Қадами 1.** Омӯзгор сатрҳи шеърро мехонад ва ба калимаи охирини мисраро бо оҳанги махсус ҷудо мекунад. **Қадами 2.** Хонанда аз калимаҳои пешниҳод шуда калимаи қофиядорро интихоб мекунад. **Қадами 3.** Дар охири машқ омӯзгор ба ҳамаи хонандагон барои иштироки фаъол миннатдорӣ изҳор мекунад ва хонандагон барои якдигар қарсак мезананд. **Замима:** Холаам овард зоча, Як зочаи…. (алоча, зебоча, доноча). Олуфтабек-олуфта, То нимарӯзӣ…. (хуфта, суфта, кӯфта). Не дасту рӯйи шуста Не ҷойи хоби…. (хуфта, рӯфта, шуста). Рӯйи раҳ аз даҳонаш Пӯчоқи писта…. (бошад кошад, пошад). Ҷону дили ман Обаки…. (хандон, дандон, сангдон). Бо дасти рост аз хоб агар Хандида бархезӣ…. (саҳар, гавҳар, баҳор). Ҷони ман, хоҳаракам, Донаи…. (дафтаракам, додаракам, гавҳаракам). Давидаму давидам Назди бобом…. (давидам, расидам, кашидам).

Ном	БОЗӢ БО ОВОЗҲО
Натиҷаҳои интизоршав андаи таълим	Хонандагон • аз калимаҳо овозҳоро ҷудо мекунанд; • калимаҳоеро, ки овозҳои заруриро дорад, номбар мекунанд; • овозҳои калимаро иваз мекунанд.
Модули	Дарки овозӣ
Синфи	1–2
Зинаи хониш	То хониш
Маводи зарурӣ	–
Шакли ташкили таълим	Гурӯҳӣ (дар синф ва дар гурӯҳҳои хурд)
Бозии кӯтоҳ «Номҳо»	**Қадами 1.** Омӯзгор овозҳои якхела аз номҳои хонандагон дарёфт намуданро месупорад. **Қадами 2.** Омӯзгор хонандагоне, ки номи онҳо бо як хел овоз сар мешавад, ба маркази синф таклиф мекунад. Масалан, Райхона, Рахматулло, Раҷаб, Раъно, Рахмиддин, Робия, Розия. Аз хонандагон барои номи худашонро гуфтан пурсида мешавад. Бояд қайд намуд, ки ҳамаи номҳо бо як хел овоз сар шаванд шудааст (хонандагон бояд ҳарфро, балки овозро номбар кунанд, дар ин намуна овози [Р] мебошад). Ин бозӣ такроран бо овозҳои дигар бо гурӯҳи дигари хонандагон низ гузаронда мешавад. Масалан, Мадина, Малоҳат, Муслима, Мустафо, Муҳаммад. Ин машқ дар омӯхтани овозҳо ва ҳарфҳо фоиданок мебошад.
Бозии «Калимаҳо»	Омӯзгор хонандагонро номбар кардани калимаҳоеро, ки бо овози муайян сар мешавад, супориш медиҳад. Масалан, бо овози [Т] ҭарбуз, ҭрактор, ҭелевизор, ҭелефон, ҭут, ҭилло ва ғ.
Бозии «Предметҳо»	Омӯзгор ба хонандагон суратҳои предметҳоеро, ки бо овозҳои муайян сар мешавад, тақсим карда медиҳад (беҳтараш 3-4 овоз). Хонандагонро аз рӯйи овозҳо ба гурӯҳҳо ҷамъ шудан (гурӯҳи якум – овози [А], дуюм [Б] ва ғ.) ва имкон қадар тез ҷамъ намудани предметҳое, ки бовози якхела сар мешавад, супориш дода мешавад. Баъд омӯзгор ҳамаи гурӯҳҳоро бо овози баланд номбар кардани предметҳои дарёфт шуда, пурсида мешавад.

7. АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. *Азимов Э. Г., Щукин А. Н.* Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам). – М.: Изд. ИКАР, 2009. – 448 с.

2. *Би Х.* Развитие ребенка. – СПб: Питер, 2004. – 768 с.

3. *Джексон Н.,* Классный учитель. Как работать с трудными учениками, сложными родителями и получать удовольствие от профессии. – М.: Альпина Паблишер, 2016. – 286 с.

4. *Лемов Д.* Мастерство учителя. Проверенные методики выдающихся преподавателей. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2016. – 416 с.

5. *Эльконин Д. Б.* Как научить детей читать. – М.: Знание, 1991. – 79 с.

6. National Institute for Literacy, the Partnership for Reading. Put Reading first. The Research Building Blocks for Teaching Children to Read

7. *Abbas Pourhossein Gilakjaniand Seyedeh Masoumeh Ahmadi,* The Effectof Visual, Auditory, and Kinesthetic Learning Styles on Language Teaching, 2011 International Conference on Social Science and Humanity IPEDR vol. 5 (2011) IACSIT Press.

8. *Kemba A. N'Namdi,* Guide of teaching reading at primary school level. UNESCO, 2005.

9. Teaching Reading (2005), the Report and Recommendations of the National Inquiry into the Teaching of Literacy.

10. *Юсуфҷон Аҳмадзода,* Офтоби ман. Душанбе, Маориф-2016

11. *Ҷӣра Ҳошимӣ,* Сурудаке дар бораи ҳарфи "О", Душанбе, Маориф-2016.

12. *Наримон Бақозода,* Озода шав, Душанбе, Маориф-2016.

13. *Ғаффор Мирзо,* Раҳмат ба ту, эй Офтоб! Душанбе, Маориф-2016.

Модули 2

Шиносоӣ бо алифбо

МУНДАРИҶА

1.Муқаддима 4
2.Шиносоӣ бо алифбо 5
3.Стратегияҳои алифбои шиносоӣ ва рамзкушоӣ 6
4. Чӣ тавр алифборо ва рамзкушоиро ёд додан лозим аст 8
4.1 Намудҳои дарки хонандагон 8
4.2 Шаклҳои хониш 13
4.3 Таълими хониши эҷодӣ 18
5.Арзёбии дониши алифбо бо маҳорати рамз-гузорӣ 21
6. Намудҳои машқ барои омӯзиши алифбо ва рамзкушоӣ 29
7. Истифодаи адабиёт 60
8. Барномаҳо 61

1. МУҚАДДИМА

Машқҳои «Синонимҳо», «Аз хурд то калон», дар фасли «Намунаи машқҳо барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ» нигаред.

Калимаҳо бо маъноҳои гуногун (ҳамгунаҳо)

Фаҳмидани калимаҳои хонандагон бо якчанд маъно (омоним) вазифаи ниҳоят мушкил аст, зеро муайян кардани тобишҳои маъноии як калима вобаста ба матн на ҳама вақт осон аст. Хонандагон метавонанд дар луғат якчанд маъноҳои калимаро пайдо кунанд, аммо дар муайян кардани маънои он дар контекст (аз рӯйи як калима) мушкилот пайдо мешавад, аз ин рӯ омӯзгор бояд ба хонандагон дар ин кор кумак кунад.

Масалан, *топ*-ин

а) торик;

б) нахи ресмон;

в) фарқи сар;

г) асбоби мусиқӣ.

Калимаи *шона* - ин

а) асбобе, ки мӯйи сарро ба тартиб медароранд;

б) устухони китф.

Яке аз самтҳои кори лексикӣ интихоби калимаҳои ҳаммаъно ва зидмаъно мебошад. Калима дар матн дуруст, бо тамоми тобишҳои маъноияш фаҳмида шавад, ба луғати фаъол дохил карда шуда, мустақилона дар мавридаш истифода шавад.

Муродифҳо, мутазодҳо

Кор калимаҳои ҳаммаъно ба хонандагон барои дарки маънои луғавии калима нигаронида шудааст, ки ташаккули қобилияти истифодаи дурусти калимаҳоро дар асарҳои эҷодӣ ва хаттӣ ташаккул дода, аз такрори калимаҳо боз медорад.

Мисолҳо

1. Калимаҳоеро интихоб кунед, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд. Бо ин калимаҳо ҷумла тартиб диҳед.

Душман – рақиб, ғаним, ҳариф.

Дӯст – ошно, рафиқ, қадрдон, улфат.

2. Калимаи калимаҳои ҳаммаъноро интихоб кунед.

(кумак, ёрӣ, мадад, имдод) ..диҳед, илоҳӣ барака ёбед (С.У). Акнун (духтур, табиб, ҳаким) аз худ хиҷолат мекашид (С.А.).

Кор бо калимаҳои зидмаъно хонандагонро ба муқоиса кардан, ашё,ҳодисаҳо,рафтор ва хулоса баровардан меомӯзонад.

Мисолҳо

1. Зарбулмасалу мақолҳоро хонда,калимаҳои зидмаъноро ёбед. Мақолҳоро шарҳ диҳед.

Бо дӯстон мурувват,бо душманон мадоро. Сухан бисёр дону андаке гӯй.

Бо бадон бад бошу бо некон накӯ.

Машқҳои «Синонимҳо», «Аз хурд то калон», дар фасли «Намунаи машқҳо барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ» нигаред.

Омӯзиши ибораҳои фразеологӣ ба васеъ шудани луғат, рушди нутқ ва фаъолнокии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Комӯзиши ибораҳои фразеологӣ

Фразеологизмҳо – маҷмӯи таркиб, ибора, ҷумлаҳои рехтаю устувори забон мебошад.

Омӯзиши ибораҳои фразеологӣ ба васеъ шудани луғат, рушди нутқ ва фаъолнокии маърифатӣ мусоидат мекунад.

Воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати яклухтии маънову ифодаи аҷзояшон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Воҳидҳои фразеологии рехта ё устувор (идиомаҳо), ки аъзои онҳо бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, маънои томи онҳо вобаста на ба маънои яке аз аҷзо, балки баргирифта аз маънои тамоми аҷзои таркиби ибора аст. Онҳо хеле қадимианд, дар як шакл маълуму машҳуранд (мас., «барги сабз» – тӯша ё туҳфа), «салмаи сақат» – бекора, «сиёҳии лашкар» – анбӯҳи одамон ва ғ.). Воҳидҳои фразеологии рехта вобаста ба ҳиссаҳои нутқанд:

1) Воҳидҳои фразеологии исмӣ, ки дар онҳо исм ҷузъи асосӣ аст (мас. «гули сари сабад» ё «муши мурда»);

2) Воҳидҳои фразеологии феълӣ бо ҷузъи аслии феъл «дил шикастан» – ранҷонидан; «мижа таҳ накардан» – нахобидан;

3) Воҳидҳои фразеологии таркибӣ – маънои яклухти ин қабил фразеологизмҳо вобаста ба маънои лексикии ҷузъи асосии ибора ба вуҷуд меояд ва ғолибан образноканд (мас., *«китоб – носеҳи хомӯш»*);.

4) Воҳидҳои фразеологии озод – фразеологизмҳое, ки дар таркиби калимаҳо нисбатан озод меистанд ва маънои томи онҳо ба маънои яке аз калимаҳо вобастагӣ дорад (мас., *«дӯсти нонӣ», «аломати хитоб», «марди майдон»* ва ғ.). Воҳидҳои фразеологии озод ба ибораҳои озоди синтаксисӣ наздиканд ва метавон яке аз аъзои онҳоро бо дигаре иваз кард (*«рафиқи ҷоноҷон», «кумитаи маҳаллӣ»*).

Омӯзиши фразеологизмҳо бояд кӯдаконро на танҳо шунидани фразеологизмҳо,инчунин, дидан ва фаҳмидани онҳо аз матн ва дар гуфтугӯву муошират ҳаррӯза фаъолона, ба таври услубӣ асоснок истифода намудан омӯзонад.

Машқҳои «Кор бо фразеологизмҳо»-ро дар қисми «Намунаи машқҳо барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ» нигаред.

Калимаҳо аз луғатӣ

Калимаҳо аз луғат-гурӯҳи калимаҳое мебошанд, ки ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мувофиқ намеояд. Кор аз рӯйи тарзи дурусти навишти ин гуна калимаҳо дар мавриди иҷрои вазифаҳои гуногун: визуалӣ, интерактивӣ, шифоҳиву хаттӣ, дар ҳар дарс гузаронда мешавад ва асосан дар хотири хонандагон нақш мебанданд.

Омӯзгор дар мавриди кори тарзи дурусти навишти калимаҳо якҷоя аз рӯйи фаҳмиши маънои калима низ кор мебарад.

Мисол

Калимаи «агроном».

Омӯзгор луғатро истифода намуда маънои калимаро шарҳ медиҳад:

«*Агроно́м* – ин мутахассиси соҳаи хоҷагии қишлоқ буда, оид ба истифодаи хоку замин ва растаниҳои ба касалӣ тоб оваранда, дар доираи навъҳои растаниҳо ва истифодаи ғизоҳои заминӣ маълумоти кофӣ дорад».

Машқҳои «Калимаҳои луғатӣ», «Чашмҳои баста» дар боби «Намунаи машқҳо барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ» ниг.

5. КОР БО МАВОДИ ТАСВИРӢ

Ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ба ғайр аз кор бо маводи матнӣ барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ ва муҳимтар аз ҳама, барои табдил додани калимаҳо аз ғайрифаъол ба луғати фаъол, тавсия дода мешавад, ки бештар китобҳои расмиро баррасӣ кунанд, ки дар онҳо матнҳо мавҷуд нест, аммо тасвирҳое ҳастанд, ки хонандагон метавонанд ба воситаи расмҳо ҳикояҳои шавқовар тартиб дода, нақл намоянд. Ин навъи китоб, ки танҳо аз расмҳо иборат аст, «Виммелбух» ном дорад, ки онҳоро инчунин китобҳои тамошокунанда низ меноманд.

Иллюстратсия аз китоби-виммелбухии Ротраут Сузанны Бернер «Фаслҳои сол»

Ин китобҳо, одатан, шумораи саҳифаҳояшон кам аст - 7-10 саҳифа, ки дар картонҳои ғафс чоп шудаанд. Виммелбухи «классикӣ» ба андозаи кофӣ калон аст,я ъне, дар формати А2, аммо хелҳои навъҳои хурди ин китобҳо низ мавҷуд аст.

Дар ҳар як тасвири китоб тасвирҳои хуб фикр кардашуда оварда шуда, ба шумораи зиёди тафсилот ҷой дода шудаанд.

Рӯйи саҳифа, қариб ҳар як сантиметри он, аз ҷониби рассом пурра тасвир кашида шуда мешавад, чизҳои хурди бодиққат кашидашуда хусусияти хос ва фарқкунандаи виммелбух мебошад.

Ҳангоми кушодани саҳифаҳои китоб муносибатҳои нав, вазъиятҳои ҳаётӣ, ба одатҳои симоон «нигоҳубин» кардан, рушди ҳодисаҳоро муқоиса ва тахмин кардан, бо калимаҳо, мафҳумҳои нав шинос шудан мумкин аст ва ҳамаи ин барои ба вуҷуд омадани ҳикояҳои шавқовар сабаб мешавад.

Бо «виммелбух» фаъолона кор бурдан барои ғанӣ гардидани захираи луғавии хонандагон ёрӣ мерасонад, ҷаҳонбинии онҳоро васеъ карда, диққат ва хотираи хонандагонро такмил медиҳад.

Таърихи пайдоиши Виммелбух (аз забони олмонӣ «*китоби сертафсилот, милт-милткунанда*») ба Олмон рафта мерасад. Асосгузори ин китоб рассом Али Митгуш буда, чил сол пеш аз ин китоби аввалини тасвирдорро роҳ ва усулҳои фаромӯш шудаи рассомони асри XVII Олмонро истифода намуда тасвир кард. Моҳияташ дар он аст, ки ҳангоми тамошои тасвирҳо, ҳама тасвирҳо, новобаста аз ҷойгиршавӣ, баробаранд. Ин жанр ба зудӣ ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолонро ба худ ҷалб кард ва дар тӯли якчанд солҳо мақбули миллионҳо гашт[1].

Ҳангоми дарси хониш, бо мақсади ғанӣ гардондани захираи луғавӣ, омӯзгор метавонад аз хонандагон мепурсад, ки, кадом аломат ё ашё дар китоб тасвир шудааст. Пас аз он, хонандагон амали симоҳоро (бо истифодаи феълҳо), ки дар расмҳо тасвир шудааст - «медавад», «мебардорад», «партофта» ва ғайра муайян мекунанд.

Пас аз ин вазифаи боз ҳам мушкилтар гузошта мешавад,яъне, муайян кардани чеҳраҳо, эҳсосот, ҳиссиёти ҳар як персонаж - шодмонӣ, савол, тарс, таассуб ва ғайра.

Марҳилаи навбатии кор муайян кардани муносибати ашёҳо, персонажҳо ва ҳодисаҳо мебошад. Аксар вақт дар ин китобҳо дар бораи тағир ёфтани фаслҳо, шабу рӯз, нақшаи ҳаррӯза ё як қатор рӯйдодҳо нақл мекунанд. Марҳилаи ниҳоии кор вазифаи нақл кардани ҳикоя дар бораи чизи таҳиякардаи муаллиф ё ихтироъ кардани худ аст.

Ҳамчун як қисми лоиҳа як **қатор плакатҳои мавзӯӣ** ҳамчун маводи ёрирасон барои кор дар ғанӣ гардондани захираи луғавӣ дар дарсҳои хониш таҳия карда мешавад.

[1] Қ. Виммельбух: гениальная книга или выброшенные на ветер деньги? Сайт ЭСО BOOM// http://eco- boom.com/vimmelbuh-genialnaya-kniga-ili-vybroshennye-na-veter-dengi/



Ҳар як плакатҳои мавзӯй ба яке аз мавзӯъҳое равона карда мешавад, ки хонандагон аз рӯйи онҳо: тасвир, муҳокима, фикр мекунанд. Дар лавҳаҳои рангаи андозаи А 2 хонандагон метавонанд тафсилоти дар расм нишон додашударо бубинанд. Плакатҳои мавзӯй-воситаи таъсирбахши бой намудани таркиби луғавии хонандагон мебошад. Плакатҳо маҷмӯи калимаҳоро дар мавзӯи муайян дар бар мегиранд, ки муҳокимаи он ба хонандагон қобилияти фикрронии мантиқӣ фароҳам меорад. Кор бо плакатҳо барои шиносоӣ бо калимаҳои нав кумак мекунад, барои онҳоро дар гуфтор истифода бурдан ва бой гардондани таркиби луғавӣ ёрӣ мерасонад. Плакатҳо одатан диққати хонандагони синфҳои ибтидоиро ҷалб мекунанд: онҳо барои баррасӣ ва муҳокима кардани персонажҳо/аломатҳои расмҳо, саҳна ва рӯйдодҳо, ҷузъиёт манфиатдоранд.

Усулҳои истифодаи плакатҳои мавзӯйи

– **Тасвир.** Омӯзгор ба хонандагон плакатҳои мавзӯиро нишон медиҳад ва таклиф мекунад, кихонандагон дидаашонро шарҳ диҳанд.

– **Дарёфт намудан.** Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки дар расм тасвирҳои муайянеро пайдо кунанд, ба онҳо маҷмӯи калимаҳо ё ибораҳо пешниҳод кунанд ва калимаҳои интихобшудаи муайянро шарҳ диҳанд. Ё, баръакс, омӯзгор диққати хонандагонро ба ҷузъиёти расм ҷалб мекунад ва хоҳиш мекунад, ки ба онҳо ном гузорад.

– **Муқоиса кардан.** Омӯзгор ба хонандагон пешниҳод менамояд, ки тасвирҳо (персонажҳо, тавсифи онҳо, амалҳои онҳо) муқоиса карда шаванд, хусусиятҳои умумӣ пайдо кунанд, муносибатҳои сабабу оқибати амали онҳоро муайян кунанд; барои кор бо калимаҳо, омӯзгор метавонад аз хонандагон талаб кунад, ки синонимҳо ё антонимҳоро барои тасвирҳои мушаххасе, ки дар плакат ҷой ёфтаанд, интихоб кунанд.

– **Гузошта шудани саволҳо.** Омӯзгор ба хонандагон пешниҳод менамояд, ки саволҳо оид ба мавзӯи плакатҳо таҳия кунанд ва ба саволҳои гузошташуда ҷавоб диҳанд.

– **Саҳнагузорӣ.** Омӯзгор ба хонандагон пешниҳод мекунад, ки персонажҳо ба саҳна гузошта шавад ё аз номи ин симоҳо ҳикоя эҷод кунанд.

– **Овоз бароварда мушоҳида намудан.** Омӯзгор ба хонандагон таклиф мекунад, ки дар бораи таҷрибаи худ, ки дар овеза пешниҳод шудааст, нақл кунанд.

– **Пешгӯй.** Омӯзгор метавонад як қисми тасвирро дар овеза пешакӣ пӯшонад ва хонандагонро даъват кунад, то дар бораи он чизе, ки дар қисми пӯшидаи овеза нишон дода мешавад, фикр кунанд. Хонандагон бояд бо истифодаи маслиҳатҳо аз қисми кушодаи овезаҳо шарҳи ҷавоби худро нишон диҳанд. Чӣ тавре ки мебинед, вазифаҳо метавонанд гуногун бошанд. Муҳим аст, ки хонандагон на танҳо бо калимаҳои нав шинос шаванд, балки онҳоро дар ҷавоб ва сипас дар заминаи дигар: дар иртибот бо ҳамдигар ва ё дар таълим (масалан, дар корҳои хаттӣ) истифода

6. ИСТИФОДАИ ФАРҲАНГУ ЛУҒАТҲО БАРОИ ҒАНӢ ШУДАНИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВӢ

Яке аз самтҳои муҳим дар рушди малакаҳои даҳонӣ ва хаттӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ кор бо луғатҳо мебошад. Бо ёрии луғатҳо ба хонандагон имконият дода мешавад, ки захираи луғавии худро бой гардонанд, луғати худро фаъол созанд, бо маънои лексикии калимаҳои ношинос шинос шаванд, шаклҳои грамматикӣ, меъёрҳои забониро омӯзанд ва инчунин талаффузи дурустро омӯзанд.

Калимаҳо дар луғатҳо аз рӯйи тартиби алифбо ҷойгир карда мешаванд. Агар калима дорои маънои зиёди луғавӣ бошад, ҳамаи маъноҳо шарҳ дода мешавад.

Маҳорати истифодаи луғат ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар солҳои мактабхониашон бомуваффақият шаванд ва дар оянда аз имконияти баланд бардоштани дониши худ дар бораи забон, бартараф кардани мушкилоти лексикӣ дар иртибот, хондани китобҳо ва нашрияҳои даврӣ, инчунин ҳангоми гӯш кардани радио ва тамошои намоишҳои телевизионӣ истифода баранд.

Тавсия дода мешавад, ки бо луғатҳо на аз рӯи ҳадафҳову вазифаҳои мушаххаси дарс, балки ба таври мунтазам аз синфи якум то чорум кор бурда шавад. Аксар вақт кор бо луғатҳо боиси он мегардад, ки хонандагон танҳо ба луғати фаҳмондадиҳӣ муроҷиат мекунанд, аммо дар раванди таълим аз синфҳои 1 то 4 шинос кардани хонандагон бо луғатҳои намудҳои гуногун: шарҳдиҳӣ, фразеологӣ, луғатҳои синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо, луғати имло, луғати осори адибон,луғати калимасозӣ, луғати калимаҳои хориҷӣ, этимологӣ, энсиклопедӣ ва ғайра муфид аст. Лозим аст, ки луғатҳо доимо дар синф бошанд ва хонандагон метавонанд онҳоро на танҳо дар синф, балки дар фаъолиятҳои беруназсинфӣ низ истифода баранд.
Барои ташкили кори самаранок бо луғатҳо принсипҳои методологии зеринро риоя кардан лозим аст:

- Зина ба зина ташаккули малакаву маҳорати кор бо луғат.
  Ин принсип шиносоии давра ба давра бо луғатро: сохтори он, принсипҳои ҷойгиркунии калимаҳо, аломатҳои забон (аломатҳои ёрирасон, онҳоро дар мактаби ибтидоӣ чӣ меноманд) пешбинӣ мекунад.
  Ба таври доимӣ истифода намудан дар дарсҳо. Ин кор бо луғатҳо дар тӯли тамоми таълими мактаби ибтидоӣ дар 3-4 дарс дар як ҳафта (10 дақиқаи дарс) барои:
  а) кори коллективӣ ва инфиродӣ;
  б) фаъолияти бозгӯӣ ва эҷодӣ;
  в) инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода бурда мешавад.
- Ба эътибор гирифта шудани хусусиятҳои синну солӣ ва психологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои ба нақша гирифташуда хусусиятҳои синну солӣ ва психологии хонандагон, манфиатҳои онҳоро ба назар гирифтан зарур аст. Ҳангоми истифодаи супоришҳо ва машқҳое, ки барои хонандагон ҷолибанд, малакаҳои луғавии устувор пайдо мешавад.

К.Д.Ушинский чунин вазифаҳоро шавқовар номидааст. Ба шаклҳои шавқовар, омӯзгори машҳур муаммоҳо, ребусҳо кроссвордҳо, гуфторҳо, шеъру сурудҳои кӯтоҳ – маводи адабиёти бачагона, фолклорро дохил намудааст. Яке аз ин вазифаҳо вазифаи тартиб додани луғатҳо аз ҷониби хонандагон мебошад.

Ўқувчи луғатидан намуна

Шакли ва мазмуни луғат

Калима	Маънои калима	Расм
Беҳтарин	Бартарин, аъло, олӣ, беҳад хуб	Обу ҳавои беҳтарин
Ҳарсанг	Кӯҳпора	Кӯҳпора

Калима	Маънои калима	Синонимҳо	Антонимҳо
Бузург	Аз рӯйи ҳаҷм бисёр калон	Азим Калон	Хурд майда
Пахмоқ	Пахмоқ, тит	Пахмоқмӯй, жӯлидамӯй	Оросta, батартиб

Калима	Маънои калима	Истифода дар ҷумла
Ҳаёту мамот	Зиндагӣ–марг	Ҷавони соҳибҷамол дар байни ҳаёту мамот дасту по мезад

Сӯз	Топишмоқ ёки ребус
Якҷоя	1ҷоя
Чоряк	4як
Чорсад	4САД
Осмон ва ситораҳо	Як чодари зангорӣ, Шабҳо пуру рӯз холӣ
Элак	Худаш якта,чашмаш садта

6.2. ЭНСИКЛОПЕДИЯҲО (ДОНИШНОМАҲО)

Сарчашмаи бойи омӯхтани калимаҳои нав, ки ба васеъ шудани луғатҳои ғайрифаъол ва фаъоли хонандагон таъсир мерасонанд, донишномаҳо (энсиклопедияҳо) мебошанд, ки акнун онҳо метавонанд дар ҳама гуна мавзӯъҳое, ки кӯдаконро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд, ёфт шаванд.

Донишнома (Энсиклопедия) - китобест, ки дар он маълумотҳои илмии гуногунмавзӯъ ҷамъ оварда шуда, ба оммаи васеи хонандагон бахшида мешавад.

Мавод дар донишномаҳо (энсиклопедияҳо) – и кӯдакон, одатан, ба таври дастрас ва ҷолиб пешниҳод карда мешавад ва тасвирҳои рангоранг ё аксҳои ранга бо матн ба ҳамдигар пайваст мешаванд ва хотираи биноии хонандагонро ба омӯзиши мавод ҷалб мекунанд.

Яке аз вариантҳои ҷойгиркунии мавод дар донишнома аз рӯйи алифбо аст, аз ин рӯ хонандагон бояд ҳангоми истифодаи энсиклопедия алфавитро хуб донанд. Намуди дигар – ин тарҳи мавзӯии мавод мебошад. Маълумот дар энсиклопедия, чун қоида, ба таври кӯтоҳ, мухтасар пешниҳод карда мешавад.

Дар дарсҳои хониш энсиклопедия метавонад ҳамчун воситаи таҳқиқи калимаҳои нав ё возеҳу аниқ сохтани калимаҳои шинос гардад. Омӯзгор метавонад энсиклопедияро барои

Шапарак ва парвонаҳо

Олами ҳайвонот

фаҳмондани маънои калимаҳо, истифодаи онҳо дар нутқ, бо тавсиф ва тасвир нишон диҳад. Варианти дигаи ташкили кор дар гурӯҳҳои хурд хоҳад буд. Омӯзгор хонандагонро дар гурӯҳҳои хурд муттаҳид мекунад, ба ҳар як гурӯҳ як қатор калимаҳо медиҳад (масалан, се ё чор калима), то онҳо маънои он калимаҳор аз энсиклопедия пайдо карда, ба синф тавзеҳ диҳанд.

Дар охири кори гурӯҳӣ хонандагон натиҷаҳои онро муаррифӣ мекунанд ва алгоритми кор бо энсиклопедияро шарҳ медиҳанд: чӣ гуна маънии калимаҳо ҷустуҷӯ шуданд, чӣ тавр ин калимаҳо тафсир карда шуданд/пешкаш карда шуданд/фаҳмонда шуд, то чӣ андоза тасвирҳо

барои фаҳмидани маънои калимаҳо кумак карданд. Омӯзгор метавонад аз хонандагон хоҳиш кунад, ки маънои калимаро аз рӯйи фаҳмиши худашон шарҳ диҳанд.

Роҳи дигари кор бо энсиклопедия табдил додани маводи матнии дар энсиклопедия ба тасвири визуалӣ мебошад. Масалан, бо кумаки як энсиклопедия, хонандагон мавзӯи муайянро меомӯзанд, пас аз омӯзиши он, хонандагон маҷбур мешаванд, ки расм кашанд, ҳайкал эҷод кунанд ё маводи инъикосшударо бо мақолае инъикос кунанд.

Ҳамчун вазифаи хонагӣ, аз рӯйи як мавзӯъ энсиклопедияи хонандагон ташкил карда шавад. Масалан, омӯзгор ба хонандагон энсиклопедияҳои хурдро (иборат аз 4-5 калима) дар бораи моҳиҳои аквариумӣ, касбҳо, сагҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳои Қирғизистон пешниҳод мекунад. Ҳангоми кор аз рӯйи ин супориш, хонандагон бисёр калимаҳои навро мустақилона меомӯзанд ва онҳоро ба тамоми синф дар дарс пешниҳод мекунанд.



Энсиклопедияи аввалини ман
Китоб маълумотномае, ки барои ҳар як кӯдак зарур аст

7. АРЗЁБИИ ДАРАҶАИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВӢ

Таҳқиқоти лексикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба кори руҳшиносон ва мураббиёни маъруф бахшида шудаанд. Маълумоти таҳқиқотӣ имкон медиҳад, ки хонандагон кадом гурӯҳҳои мавзӯии калимаҳоро бештар истифода менамоянд, кадоми гурӯҳи калимаҳоро пурра намудан лозим, муайян намоем, то ки барои самаранокии хониш сазовор шавем. Арзёбии сатҳи луғавии хонандагон бо мақсадҳои гуногун аз ҷониби логопедҳо, методистон ва омӯзгорон гузаронида мешавад. Усулҳои гуногуни ташхис барои луғатҳои фаъол ва ғайрифаъол барои хонандагони хурдсол таҳия ва истифода бурда мешаванд.

Гумон меравад, ки «тадқиқоти захираи луғавии хонандагон имкон медиҳад, ки холигиҳо дар микросистемаи лексикии кӯдакони синну соли муайян аниқ карда мешавад, бинобарин руҳшиносон ва педагогҳо барои дараҷаи захираи луғавии хонандагонро муайян намудан кӯшиш менамоянд.»[1]

Дар ин бахш се намуди усул барои арзёбии сатҳи лексикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод карда мешаванд. Илова ба василаҳои пешниҳодшуда, омӯзгор метавонад сатҳи лексикии хонандагонро тавассути мушоҳида дар нутқи онҳо ҳангоми муошират бо ҳамсинфони худ, ҳангоми баррасии дарс, ҳангоми муҳокимаи асари адабӣ, дар ҷараёни кор дар гурӯҳи хурд, ҳангоми иҷрои кори эҷодӣ ва тартиб додани ҷавобҳо аз рӯйи фаҳмиши матн арзёбӣ кунад.

[1] См. Елизарова Е. Р. Как оценить словарный запас современного школьника: содержание и технология констатирующего эксперимента// Международный студенческий научный вестник. – 2015. – № 5 (часть 1).// Доступно: http://www.eduherald.ru/ru/article/view?id=12703 (дата обращения: 18.08.2017).

АРЗЁБӢ 1. ЁФТАНИ КАЛИМАИ ҲАММАЪНО

Шарҳ

Санҷиш дар охири соли таҳсил ба таври хаттӣ сурат мегирад ва ҷадвалест, ки дар он калимаҳои барои санҷиш зарурӣ дода шудаанд. Барои баҳо додани луғати хонандагони синфҳои 1-2, тест исм, сифатҳо ва феълҳоро дар бар мегирад ва барои хонандагони синфҳои 3-4 ба тест зарф илова карда мешавад. Санҷиш аз 15 калима иборат буда, барои ҳар яке аз онҳо хонанда бояд синонимро ёбад ва дар байни он калимаҳое, ки барои интихоб пешниҳод карда мешаванд, интихоб кунад.

Омӯзгор санҷишро , мустақилона гузаронда метавонад, агар сатҳи луғатро барои мавзӯъ ё матни муайян арзёбӣ кардан хоҳад,

Натиҷаҳои пешбинӣ шуда

Хонандагон:

- Маънои калимаро муайян мекунанд;
- Аз калимаҳои пешниҳодшуда синонимро интихоб мекунанд.

Дараҷа: синфҳои 1–4 . Уровень указан в верхней части тестового листа

Тарзи гузаронии арзёбӣ.

Омӯзгор ба хонандагон тестҳоро тақсим карда медиҳад, мақсад ва тарзи иҷрои онро мефаҳмонад:

Бачаҳо, дар назди шумо тест ба шакли ҷадвал оварда шудааст. Дар сутуни якуми ҷадвал калимаҳое оварда шудаанд, ки муайян кардани маънои онҳо зарур аст. Ин калимаҳо ишорат карда шудаанд. Ба ҳар як калимаи ишоратшуда як қатор калимаҳои дигар дода мешаванд. Аз онҳо шумо бояд якеро интихоб кунед, ки аз ҷиҳати маъно ба калимаи ишоратшуда наздик аст. Калимаи интихобшударо дар ҳар сатр бо доира ишорат кунед.

Санҷиш бояд мустақилона гузаронида шавад. Барои анҷом додани санҷиш 10 дақиқа вақт дода мешавад.

Арзёбии натиҷаҳо

12 ҷавоби дуруст – захираи луғавии мувофиқ.

9 – 11 ҷавоби дуруст – дараҷаест, ки шумораи машқҳо ба ғанӣ гардондани захираи луғавии хонандагон равона шудааст, зиёд намуданро талаб мекунад.

8 ва аз он кам ҷавоби дуруст – дараҷаи хавфнок ки ба хонандагон ёрии ҳаматарафа аз тарафи омӯзгор ва падару модарон барои ғанӣ гардондани захираи луғавии хонанда зарур мебошад.

Дараҷа: синфи 1 **Сана**: _____

Ному насаб _____

Намуна

	майдаяк	хандаовар	ҳар кас	хурд

Дар ҳар сатри ҷадвал тавре ки дар намуна нишон дода шудааст, калимаро ба доира гиред.

1.	хурсанд	баланд	шодон	бой
2.	хона	истиқоматгоҳ	кӯҳ	ботлоқзор
3.	сирру асрор	кӯча	пинҳон	ҳаяҷон
4.	паридан	хандидан	афтодан	ҷастан
5.	суҳбат	гуфтугӯ	расм	оғоз
6.	хасис	вафодор	бахил	ҳарис
7.	тамошо кардан	одат кардан	интизор шудан	нигоҳ кардан
8.	хат	нома	ҳафта	албом
9.	девпайкар	паҳлавон	азимҷусса	меҳрубон
10.	тавоно	зӯр	сахтгир	безеб
11.	шитофтан	фаромӯш кардан	саросема шудан	давидан
12.	дӯст	ғариб	рафиқ	ҳамсоя
13.	қаҳр	хафагӣ	ҷанг	ғазаб
14.	фурӯ бурдан	шикастан	пухтан	хӯрдан
15.	далер	тарсончак	нотарс	ҳамворӣ

Дараҷа: синфи 2 **Сана**: _____

Ному насаб _____

Намуна

	майдаяк	хандаовар	ҳар кӣ	хурд

Дар ҳар қатори ҷадвал калимаеро, ки аз ҷиҳати маъно ба калимаи ишоратшуда наздик аст,дар намуна нишон дода шудааст,ба доира гиред.

1.	рангоранг	зебо	номаълум	гуногунранг
2.	кор	меҳнат	сар	таом
3.	расидан	даст расондан	ҳис кардан	тарсидан
4.	танбал	беғам	шӯх	бекорхӯҷа
5.	савдогар	тоҷир	дӯзанда	ҳамроҳ
6.	боэҳтиром	аниқ	асрорангез	боҳурмат
7.	маҳорат	иқтидор	омад	ҳаракат
8.	омӯхтан	орзу кардан	пешвоз гирифтан	хондан
9.	кӯдак	таваллуд шудан	фарзанд	рафиқ
10.	ногаҳонӣ	тез	якборагӣ	зарурӣ
11.	ғам	андуҳ	интизорӣ	бегоҳӣ
12.	тамом кардан	приносить	ба охир расондан	ҳайронӣ
13.	тӯфон	путалотум	саргузашт	гирдбод
14.	чолок	чаққон	мураккаб	масхара
15.	шогирд	мӯзадӯз	хонанда	саркор

Дараҷа: синфи 3 **Сана**: _____

Ному насаб _____

Намуна

	майдаяк	хандаовар	ҳар кӣ	хурд

Дар ҳар қатори ҷадвал калимаеро, ки аз ҷиҳати маъно ба калимаи ишоратшуда наздик аст, намуна нишон дода шудааст, ба доира гиред.

1.	ғалат	ҳаракат	хато	доной
2.	зарур	арзон	фоиданок	даркор
3.	намоён кардан	ёфтан	тахмин кардан	дастгир кардан
4.	шавқангез	ҷолиб	ягона	боварӣ
5.	монеа	мукофот	машқ	мушкилӣ
6.	ҷеғ задан	шино кардан	рафтан	дод задан
7.	вафодор	беҳтарин	содиқ	маҷбурӣ
8.	ёвар	ёридиҳанда	кӯшиш	завқовар
9.	давомдор	бефоида	дуру дароз	чуқур
10.	гӯштингир	баҳодур	мутахассис	варзишгар
11.	хандаовар	шӯх	ғамгин	даррав
12.	адолат	ҳақиқат	аниқ	фикр
13.	беҳуда	боадаб	бефоида	тез
14.	тасаввур	тақлидкорӣ	пешбинӣ	гумон
15.	айёр	коҳидан	эҳтиром намудан	маккор

Дараҷа: синфи 3 **Сана**: _____

Ному насаб _____

Намуна

	майдаяк	хандаовар	калон	хурд

Дар ҳар қатори ҷадвал калимаеро, ки аз ҷиҳати маъно ба калимаи ишоратшуда наздик аст, дар намуна нишон дода шудааст, ба доира гиред.

1.	ташриф	вохӯрӣ	зиёрат	нома
2.	ногаҳон	тасодуфан	тез	нотарсона
3.	ғамгин	андуҳгин	иттифоқ шудан	ба хотир овардан
4.	канаб	нахӯд	суруд	ресмон
5.	боло баромадан	тайёр шудан	часпида баромадан	даромадан
6.	оташин	замонавӣ	суфта	гарм
7.	маҳлул	ёрӣ	дору	табобат
8.	мардонагӣ	ҷасорат	донишманд	ҳаракат
9.	наздик	дур	паҳлу ба паҳлу	пеш
10.	меҳрубонӣ	ғамхорӣ	зебоӣ	қаҳролуд
11.	ноёб	нодир	иморат	асбоб
12.	бемузд	ғайриодӣ	бепул	ғалат
13.	ҷазо додан	тарғиб намудан	мондан	сазо додан
14.	албатта	бошаст	тез	ҳатман
15.	чолокӣ	хато	чаққонӣ	ҳиссиёт

[1] Ушбу машқлар Интернетда очиқ тақдим этилган нашр материалларига асосланади

АРЗЁБИИ 2. «БАҚАЙДГИРИИ» - И ЛУҒАТ

Шарҳ

Ин варақи худбаҳодиҳӣ аст. Ин ҷадвалест, ки дар он хонандагон яке аз гуфтаҳоро қайд мекунанд: (1) «Ман ин калимаро хуб медонам»; 2) «Ман ин калимаро медонам, аммо аниқ намедонам, ки чӣ маъно дорад»; ва (3) «Ман ин калимаро қаблан нашунидаам.»

Ин восита ба хонандагон имкон медиҳад, ки сатҳи захираи луғавии худро муайян кунанд ва бо хонандагон натиҷаҳои ба даст овардашуда ва вазифаҳои гузошташударо муҳокима намоянд. Дар шакли варақи баҳодиҳӣ, омӯзгор метавонад бо хоҳиши худ ҳар гуна калимаҳо, воҳидҳои фразеологиро ворид намояд. Инчунин омӯзгор метавонад аз хонандагон хоҳиш намояд, ки варақаро бо калимаҳое, ки аз асарҳои дар мактаб ва ё дар хона хондаашон, пур кунанд. Агар санҷиш дар синф гузаронида шуда бошад, пас вақти иҷрои он бояд муайян карда шавад.

Натиҷаҳои чашмдошт

Хонандагон:

- ба захираи луғавии худашон баҳо медиҳанд.

Дараҷа: синфҳои 1–4 классы. Дараҷа дар қисми болоии варақи тестгирӣ нишон дода мешавад.

Тарзи гузаронидани арзёбӣ

Омӯзгор ба хонандагон варақаҳои худбаҳодиҳиро дода, мақсад ва тарзи иҷрои вазифаро баён мекунад:

«Бачаҳо, ин варақи худбаҳодиҳӣ мебошад. Шумо бояд калимаҳои дар сутуни аввал додашударо бодиққат хонед ва муайян созед, ки кадом калимаҳоро хуб медонед, кадом калимаҳоро шунидаед, аммо маъноашро хуб намедонед ва кадомашро умуман намедонед. Ҳар як калимаро «дар дарун» -атон хонед ва дар бораи он, фикр кунед, оё шумо медонед, ки ин калима чӣ маъно дорад.

Дар рӯбарӯйи ҳар як калима нишона гузоред. Ин имтиҳон нест: барои ин кор баҳо гузошта намешавад. Ин машқ ба шумо кумак мерасонад, ки кадом калимаҳоро хуб медонед ва маънои кадом калимаҳоро хубтар донистан зарур аст. Барои иҷрои санҷиш 10 дақиқа вақт дода мешавад.

Арзёбии натиҷаҳо

Ҳангоми арзёбии натиҷаҳо омӯзгор сутунҳоро бо шумораи зиёди қайдҳо муайян мекунад.

Зиёда аз 50% нишонаҳо дар сутуни якуми **«Ман ин калимаро хуб медонам»** қайд карда шудаанд. Натиҷаи хуб.

Зиёда аз 50% нишонаҳо дар сутуни дуввум **«Ман ин калимаро медонам, аммо аниқ намедонам чӣ маъно дорад».**

Ин далели зарурати фаъолонидани кор барои ғанӣ гардондани захираи луғавӣ дар синф мебошад.

Зиёда аз 50% нишонаҳо дар сутуни сеюм, **«Ман ин калимаро ҳеҷ гоҳ нашунида будам».** Ин далели он аст, ки ба падару модарон ба хонандагон кумак расонидан лозим аст.

Омӯзгор бояд ба волидон оид ба истифодаи усулҳо барои васеъ кардани луғати хонандагон тавсияҳо диҳад: хониши хонагӣ, навиштани ибораҳо бо калимаҳои нав, густариши муошират бо кӯдак дар мавзӯъҳои гуногун ва ғ.

Дараҷа:синфи1 **Сана**: _____

Ному насаб _____

Кали маҳо	**Ман ин калимаро хуб медонам**	**Ман ин калимаро медонам, аммо аниқ намедонам, ки чӣ маъно дорад".**	**Ман ин калимаро ҳеҷ гоҳ нашунида будаам.**
рама			
бориш			
афсона			
бузург			
пешхизмат			
гунҷишк			
заврақ			
девор			
одат			
ҷуфт			
ҷамъ			
тар			
саркор			
либосовезак			
рухсатнома			
радио			
пиҷак			
ғаввос			
дастхарош			
хулоса			
маслиҳат			
пичинг			
занбурӯғ			
тезӣ			
ҳодиса			

Дараҷа: **Сана**: _____

Ному насаб _____

Кали маҳо	**Ман ин калимаро хуб медонам**	**Ман ин калимаро медонам, аммо аниқ намедонам, ки чӣ маъно дорад".**	**Ман ин калимаро ҳеҷ гоҳ нашунида будаам.**

АРЗЁБИИ 3. ПУР КАРДАНИ ҶУМЛАҲО

Шарҳ

Ин озмоиш матне мебошад, ки дар он калимаҳои муайян партофта шудаанд («аз матн бароварда шудааст»). Барои ҳар як чунин ҷойи холӣ се калима пешниҳод карда мешавад ва танҳо яке аз онҳо ба маънои гирифташуда мувофиқат мекунад. Вазифаи хонандагон интихоби калимаи дуруст аз калимаҳои пешниҳодшуда аст.

Дар ин модул барои арзёбӣ як матн бо калимаҳои барои ҳар як синф баровардашуда пешниҳод карда мешавад. Омӯзгор метавонад онҳоро ҳамчун намуна барои мустақилона гузаронидани чунин санҷишҳо бо риояи қоидаҳои одӣ истифода барад.

- бояд матни дараҷаи муайяни мураккаб интихоб карда шавад;
- ҷумлаи якуми матн пурра оварда мешавад;
- аз ҷумлаи дуюм сар карда ҳар як калимаи панҷум «партофта» мешавад ва варианти ҷавобҳо пешниҳод карда мешавад;
- се варианти ҷавобҳо:
  1. Ҷавоби дуруст (худи калимаи «партофташуда»);
  2. Калимае, ки аз рӯйи хусусиятҳои грамматикӣ (ҳиссаи нутқ, аз ҷиҳати шумора, замон ва ғ.) мувофиқи калимаи дуруст.
  3. Калимае, хусусиятҳои дигари грамматикӣ дорад.
- ҷойи ҷавоби дуруст бояд тасодуфӣ бошад, то ки ҷавоби дуруст барои ҳар як гузариш дар як ҷой набошад ва инчунин намунае пайравӣ накунад (масалан, «аз боло ба поён-аз поён ба боло-дар мобайн»);
- миқдори калимаҳои «партофташуда» дар матн вобаста ба синф фарқ мекунанд.

Дар синфҳои якум ва дуюм, матн метавонад 10-12 фосила дошта бошад, дар синфҳои сеюм ва чорум шумораи ҷойҳоро то 15-20 зиёд кардан тавсия дода мешавад.

Ин восита на танҳо донистани калимаҳои алоҳид, балки фаҳмидани контексти истифодашавандаро чен мекунад. Ин барои хонандагон муҳим аст, зеро он унсури муайяни бозиро дар бар мегирад («Калимаро фаҳмед!» Номбар кунед) ва имконияти васеъро барои муҳокима бо ҳамсинфон ва падару модарон фароҳам меорад. Агар хоҳиш дошта бошад, хонандагон метавонанд чунин матнҳои супориширо мустақилона нависанд. Ин модул барои омӯзгорон вариантҳои матнҳоро пешниҳод мекунад, ки дар он ҳамаи калимаҳои партофташуда ишорат карда шудаанд, то ин ки ҳангоми тафтиши кори хонандагон ба омӯзгор осонтар шавад, инчунин нусхаҳои ҳамон матнҳое, ки барои арзёбӣ пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои пешбинишуда

Хонандагон:

- маънои лексикии калимаро муайян мекунанд;
- калимаро дар контекст истифода мебарад.

Дараҷа: синфҳои 1–4. Дараҷа дар қисми болоии варақи тестгирӣ нишон дода мешавад.

Тарзи гузаронии арзёбӣ

Омӯзгор ба хонандагон тестҳоро тақсим карда,мақсад ва тарзи иҷрои санҷишро шарҳ медиҳад: Бачаҳо, дар варақҳое, ки шумо гирифтаед, матнҳо дода мешаванд, калимаҳо дар онҳо партофта шудаанд. Ба ҷои калимаҳои гумшуда, барои интихоб кардан се калима пешниҳод шудааст. Шумо бояд аз онҳо калимаҳоеро интихоб кунед, ки ба мазмуни ин матн мувофиқат кунад ва ин калимаро таъкид кунанд. Биёед ба намуна дар қисми болоии саҳифа нигоҳ кунем:

«Вақте ки фарзандон ба модар [гулдаста / растаниҳо / ширинӣ] тақдим намуданд, вай хурсанд шуд.

Чӣ хеле, ки мебинем аз рӯйи маъно, аз калимаҳои пешниҳодшуда ба мазмуни ҷумла калимаи «гулдаста» мувофиқ меояд. Биёед ин калимаро ишорат мекунем. Акнун ҷумла дар ин шакл хонда мешавад «Вақте ки фарзандон ба модар гулдаста тақдим намуданд,вай хурсанд шуд». Барои ишорат намудани калимаи интихобшуда саросема нашавед. Аввал тамоми матнро пурра хонда бароед, баъд ба оғози матн баргардед ва бо ҳар як ҷумла дар аълоҳидагӣ кор кунед.Барои иҷрои тест 10 дақиқа вақт дода мешавад.

Арзёбии натиҷаҳо

80–100% ҷавобҳои дуруст. Хонанда ба дараҷаи мувофиқ маҳорати бо матн кор кардан дорад.
60–79% ҷавобҳои дуруст. Ба хонандагон тавсия дода мешавад, ки ба малакаҳои кор бо матн таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кунанд. Омӯзгор метавонад ба хонандагон дар алоҳидагӣ ва ё дар гурӯҳ машқҳои дар модули мазкур пешниҳодшударо пешниҳод кунад.
Аз 59% кам ҷавобҳои дуруст. Дараҷаи пасти рушди маҳорати кор бо матн, ки захираи луғавии хонандаро паст нишон медиҳад. Ба омӯзгор тавсия дода мешавад, ки ба хонандагон на танҳо машқҳои барои фаҳмиши матн нигаронида шударо, балки машҳоеро, ки барои ғани гардондани захираи луғавӣ низ пешниҳод намояд. Сатҳи интиқодӣ зарурати ҷалби таваҷҷӯҳи падару модаронро ба рушди ин маҳорат нишон медиҳад.

Дараҷа : синфи 1, нимсолаи 2 ё ки синфи 2 **Сана:**_____

Чормағз аз қадим дар рӯзгори мардум васеъ истифода мешавад. На фақат мева, балки баргу пӯстлох, чӯб ва решааш ҳам ба кор меравад. Масалан, аз пӯсту барги дарахти чормағз ранг тайёр мекунанд. Чармгарон аз равғани барои молидани пӯст истифода мебаранд. Равғани чормағз дар санъати тасвирӣ низ аҳамияти зиёд дорад.
Ранге, ки дар таркибаш равғани чормағз дорад, вайрон намешавад. Дарахти чормағз то ҳазор сол умр мебинад. (64 калима, 10 ҷой холӣ).

Дараҷа:синфи **Сана**_____
Номунасаб_____

Вақте ки фарзандон ба модар [гулдаста / растаниҳо / ширинӣ] тақдим намуданд, вай хурсанд шуд.

Чормағз аз қадим дар рӯзгори [одамон / мардум / табиат] васеъ истифода мешавад. Нафақат мева, балки [баргу / шоху / мева] пӯстлох, чӯб ва [шохаш / пӯсташ / решааш] ҳам ба кор меравад. Масалан, аз [пӯсту / равғану / меваи] барги дарахти чормағз [ранг / дору / ҷиҳоз] тайёр мекунанд. Чармгарон [аз / ба / дар] санъати [мусиқӣ / бадеӣ / тасвирӣ] низ қимати зиёд дорад. Ранге, ки дар таркибаш [шохи / равғани / меваи] чормағз дорад, вайрон намешавад. Дарахти [чормағз / себ / зардолу] то ҳазор сол умр мебинад.

Ҳамин тавр, бо дар назардошти талаботи лексикии ҳар як зинаи соли хониш ва синну соли хонандагон дараҷаи захираи луғавии онҳо санҷида мешавад.

8. НАМУНАИ МАШҚҲО БАРОИ ҒАНӢ ГАРДОНДАНИ ЗАХИРАИ ЛУҒАВӢ[1]

Номгӯй	**Ҷадвали «Калима»**
Натиҷаҳои пешбинишу даи таълим	Хонандагон: • маънои калимаро муайян мекунанд; • усулҳои аз матн дарёфт намудани калимаҳои ҳамреша, ҳаммаъно, зидмаъно ва калимаҳои асосиро истифода мебаранд; • ба воситаи калимаҳои нав ҷумлаҳо тартиб дода, луғати ғайрифаъоли худро истифода мебаранд;
Модул	**Луғатомӯзӣ**
синф	1–4[2]
Зинаи хониш	Пеш аз ва баъди хониши матн/китоб
Маводҳои зарурӣ	Дафтар аз хониш ё ки варақаи ҷадвали «Калима» (нусхаашниг. Замимаи №1)
Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, кори дунафарӣ
Дастурама ли қадам ба қадам	**Қадами 1.** Омӯзгор хонандагонро бо матн шинос мекунад (хониши моделӣ, ҳамроҳӣ,назоратшаванда ё ки мустақилона). **Қадами 2.** Хонандагон аз матн калимаҳои нав ва ношиносро муайян мекунанд. **Қадами 3.** Омӯзгор формаро ба хонандагон медиҳад ва онро ба дафтари хониш кашида гирифтанро таклиф мекунад. **Қадами 4.** Хонандагон варақаро бо калимаҳои нав ва ношинос, ки аз матн ҷудо карда буданд, пур мекунанд. Дар охири кор оид ба маънои калима расм кашидан ва бо иштироки ин калима ҷумла тартиб додан таклиф карда мешавад. Ин шакли корӣ дар дафтар аз рӯйи омӯзиши маънои калима: а) навиштани калимаҳо; б) аз рӯйи маънои калима расм кашидан; в) навиштани маънои калима; г) решаи калимаро ёфтан; д) дарёфт намудани синоними мувофиқ; е) дарёфт намудани антоними мувофиқ; ж) дарёфт намудани калимаи асосӣ; и) бо истифодаи калимаи нав ду ҷумла тартиб доданро пешкаш мекунад.

[1] Ушбу машқлар Интернетда очиқ тақдим этилган нашр материалларига асосланади.

[2] Барои хонандагони синфи якум истифодаи шакли соддаи ташкилкунандаи графикӣ тавсия дода мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ шумо метавонед вазифаҳои зеринро истифода баред: тасвири маънои калимаҳо; навиштани маънои калима; ёфтани нишонае.

Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, кори дунафарӣ

Калима _____

Расм

_____

Маънои калима _____

Калимаи ёридиҳанда_____

Ҳаммаъно

_____

_____

Зидмаъно

_____

_____

_____

Ҷумла

1 _____

_____

_____

_____

_____

_____

2 _____

_____

_____

_____

_____

_____

Замимаи 1. Ташкилдиҳандаи графикии «Калима»

Намуна

Варақаи 2. Расмҳоро бо калимаҳои шинос пайваст кун

ҲИНДУ

МОҲИГИР

ХОНАНДАГОН

ҲАВОНАВАРД

БИНОКОР

КӮДА

ХИТОӢ

АСАЛПАРВАР

Номгӯй	МАН ИН КАЛИМАРО МЕДОНАМ
Натиҷаҳои пешбинишудаи таълим	Хонандагон • маънои луғавии калимаҳои навро муайян мекунанд.
Модул	Луғатомӯзӣ
Синф	1–4
Зинаи хониш	То хониш, вақти хониш ва баъди хониш
Маводҳои зарурӣ	Матн Формаи замимаи 2
Шакли ташкили таълим	Кори инфиродӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, кори дунафарӣ
Дастурулмали қадам ба қадам	Ин машқ як варианти воситаи ташхис барои баҳодиҳии дониши маънои калимаҳо мебошад. Хонандагон калимаҳои асосӣ ё муҳимро барои фаҳмидани матн пайдо мекунанд ва ҷадвалро дар дафтарча пур мекунанд, баъд корҳоро дар гурӯҳи хурд муҳокима мекунанд ва натиҷаро муаррифӣ мекунанд. Омӯзгор калимаҳоеро, ки маънои онҳоро хонандагон намедонад, қайд мекунад (сутуни 3). Қадами навбатӣ муайян кардани маънои ин калимаҳо мебошад.

	1	2	3
	Ман ин калимаро медонам ва дар нутқи хаттиву шифоҳӣ истифода мебарам	Ман ин калимаро шунидаам ё дидаам, аммо маънои онро намефаҳмам	Ман ин калимаро намедонам ва маъноашро намефаҳмам
Калимаи 1			
Калимаи 2			
Калимаи 3			
Калимаи 4			
Калимаи 5			

Номгӯй	Калимаҳо вз луғат
Натиҷаҳои пешбинишуда и таълим	Хонандагон • калимаҳоро аз луғат номбар мекунанд; • калимаҳоро дуруст менависанд; • маънои луғавии калимаҳоро муайян мекунанд; • ин калимаҳоро дар нутқи хаттиву шифоҳии худ истифода мебаранд.
Модул	Луғатомӯзӣ
Синф	1–4
Зинаи хониш	То, дар вақти ва баъди хониш
Маводҳои зарурӣ	Рӯйхати калимаҳои луғатӣ
Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, гурӯҳӣ
Дастурулама ли қадам ба қадам	Дар зер 20 варианти кор бо калимаҳои луғат пешниҳод шудааст. Агар хонанда маънои калимаро надонад, ба ӯ истифода намудани луғатро пешниҳод кунед. **Варианти 1.** Хондани калима.Шарҳи маънои калима. **Варианти 2**. Кори имловӣ аз рӯйи калима: гузошта шудани зада, ишорат намудани ҳарфи душвор,таҳлили овозиву ҳарфии калима, ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани калима, аз рӯйи қоидаи ба сатри дигар гузаронидани калима ба ҳиссаҳо ҷудо намудани он. **Варианти 3.** Навиштани калима ба луғати имло ва ороиши калима бо расм матн ва тасаввурот. Шарҳи маънои калима. **Варианти 4.** Дарёфт намудани калимаҳои ҳамреша, тартиб додани ибора, ҷумла. Дарёфт намудани муродифҳо, мутазодҳо, зарбулмасалу мақолҳо. **Варианти 5.** Ба калимаҳои луғатӣ ҳикоя тартиб додан. **Варианти 6.** Имлои тасвирӣ. Омӯзгор расмҳоеро нишон медиҳад, ки ашё ё амали одамон тасвир шудааст. Хонанда калимаҳоеро менависад, ки ашё ва амалҳои одамонро ифода мекунад. **Варианти 7.** Навиштани калимаҳои луғат аз рӯйи миқдори ҳиҷоҳо. **Варианти 8**. Пурра намудани ҷумла. **Вариант 9.** Шакли ҷамъи калимаро ёфтан (*одам-одамон*). **Варианти 10.** Шакли ҷамъи калимаро тартиб додан (*хонанда-хонандагон*). **Варианти 11.** Бо иштироки калимаҳои луғатӣ ибора сохтан (*одамони деҳа, хонандагони фаъол*).

Шакли ташкили таълим	Инфиродӣ, гурӯҳӣ
	Варианти 12. Аз рӯйи дикта калимаҳоро навиштан, гузоштани зада.Шарҳи маънои луғавии калима. **Варианти 13.** Барқарор намудани матн ва ё ҷумлаи вайрон шуда (масалан, «*ба, рафтанд, хонандагон, саёҳат*»). **Варианти 14.** Таҳлили таркиби калима. Шарҳи маънои луғавии калима. **Варианти 15.** Бо як калима ифода намудани ибора ва таъбирҳо (*шахсе, ки трактор меронад-тракторчӣ.*) **Варианти 16.** Диктанти хотиравӣ. Худтафтишкунӣ. **Варианти 17.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои заруриро дуруст гузоштан (*со…т, таба……ум, к…тоб*.) **Варианти 18.** Як калимаро бо калимаи ҳаммаъно иваз намудан (*рӯй-чеҳра, дӯст-рафиқ, зебо-хушрӯй*). Варианти 19. Ба сифатҳои пешниҳодшуда исмҳои мувофиқ интихоб кунед (*театри–драмаӣ, адабиёти-бадеӣ, себи-сурх*). Варианти 20. Калимаҳор бо синоним ва ё антонимҳо иваз намоед (*шаб-рӯз, некӣ-хубӣ*).

БОЗӢ БО ТӮБ БАРОИ ВАСЕЪ НАМУДАНИ ТАРКИБИ ЛУҒАВӢ

Дар ин қисми дастур машқҳое фароҳам оварда шудааст, ки захираи луғавии хонандагонро бо истифодаи тӯб бой созанд. Тлабагон ин машқҳоро хеле дӯст медоранд.

Инчунин, таҷриба нишон медиҳад, ки як роҳи қулай ва аз ҳама муҳим, сохтани тӯби бехатар барои бозиҳои калимавӣ мавҷуд аст

Чӣ тавр бояд «тӯби бехатар» тайёр карда шавад?

Барои сохтани «тӯби бехатар» барои кор дар синфҳои ибтидоӣ газета ва скотчи бинокорӣ (коғазӣ) зарур аст.

Қадами 1. Омӯзгор газетаро ғиҷим карда, онро кулӯла намуда, ба шакли тӯб медарорад. Диаметри «тӯби бехатар» тахминан 15–20 см.

Қадами 2. Газетаи ғиҷимшуда бо скотч печонида мешавад. Муборак бошад, «тӯби бехатар» барои иҷрои машқҳо тайёр!

Номгӯй	Расм ро бо калимаи шинос пайваст бикун
Натиҷаҳои пешбинишудаи таълим	Хонандагон • маънои калимаи навро муайян мекунанд; • имлои калимаҳои навро муайян мекунанд; • захираи луғавиро ғанӣ мегардонанд; • барои муайян намудани маънои калима муоинаро истифода менамоянд.
Модул	Луғатомӯзӣ
Синфи	1–2
Зинаи хониш	То хониш
Маводҳои зарурӣ	Варақчаҳо бо расмҳои ашёҳо ва калимаҳо ки ин предметҳоро номбар мекунанд
Шакли ташкили таълим	Кор дар гурӯҳҳои хурд
Дастурулмали қадамба қадам	**Қадами 1.** Омӯзгор хонандагонро дар гурӯҳҳои хурд муттаҳид мекунад ва хоҳиш менамояд, ки дар иҷрои вазифаи зерин якҷоя кор кунанд: «Тасвири ашёҳоро бо номи онҳо хат кашида пайваст кунед.» **Қадами 2.** Хонандагонинтихоби расм ва калимаи ба он мувофиқро шарҳ медиҳанд. **Қадами 3.** Баъди иҷрои кор ҳар як гурӯҳ ичрои вазифаро ба синф пешкаш мекунад. **Қадами 4.** Омӯзгор натиҷаи кори ҳар як гурӯҳро қайд мекунад. **Қадами 5.** Омӯзгор бо матн кор карданро сар мекунад. **Қадами 6.** Омӯзгор кори тартиб додани ҷумла аз рӯйи калимаи нав,бо истифодаи калимаи нав тартиб додани афсона ва ғайраро ташкил медиҳад.
Намуна	

Варақаи 1. Расмҳоро бо калимаҳои шинос пайваст кун

Намунаи расмҳо барои синфҳои 1-4

9. АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. *Би Х.* Развитие ребёнка. – СПб: Питер, 2004.

2. *Буг Дж.* Рождённый читать. Как подружить ребёнка с книгой, – М.: Альпина нонфикшн, 2015.

3. *Виммельбух:* Гениальная книга или выброшенные на ветер деньги? Сайт ЭСО BOOM// http://eco-boom.com/vimmelbuh-genialnaya-kniga-ili-vybroshennye-na-veter-dengi/.

4. *Дворяк М. И.* Особенности изучения фразеологических единиц русского языка в начальной школе. Vivatacademia. Доступно:http://academicon.ru/publ/filologija/ dvorjak_m_i_osobennosti_izuchenija_frazeologicheskikh_edinic_russkogo_ jazyka_v_ nachalnoj_shkole/5-1-0-212

5. *Дэвис Б.* День, когда я встретил кита. – СПб.: Поляндрия, 2015.

6. *Зегебарт Г. М.* Учение без мучения. Коррекция дисграфии. Словарные слова. – М.: Генезис, 2007.

7. *Зикеев А. Г.* Работа над лексикой в начальных классах специальных (коррекционных) школ. – М.: Академия, 2002.

8. *Зеликова Н. В., Чувилова С. В.* Работа со словарями в начальной школе. Открытый урок. Первое сентября. http://festival.1september.ru/articles/582806/. 03.08.2017.

9. *Елизарова Е. Р.* Как оценить словарный запас современного школьника: содержание и технология констатирующего эксперимента// Международный студенческий научный вестник. – 2015. –№ 5 (часть 1). http://www.eduherald.ru/ru/article/ view?id=12703 (дата обращения: 18.08.2017).

10. *Лемов Д.* Мастерство учителя. Проверенные методики выдающихся преподавателей. – М.: Манн, Иванов и Фербер, 2016.

11. *Саскинд Д.* Тридцать миллионов слов. Развиваем мозг малыша, просто беседуя с ним. – М.: Манн, Иванов и Фарбер, 2016.

12. Словарь русского языка. В 4. – М.: Русский язык, 1984.

13. Толстова В. Г. Обогащение словарного запаса младших школьников // Молодой учёный. – 2014. – № 7. – С. 565-567.

14. *Узорова О. В., Нефёдова Е. А.* Новый дневник юного читателя. – М.: АСТ, 2016.

15. Children with language difficulties in primary school. Good practice guide, National Educational Psychological Service, 2015, page 4–5.

16. Using Big Books and Predictable Books by Priscilla Lynch. 1996, 2008 Scholastic Canada Ltd.

17. Word Walls. Reading Rockets. URL: http://www.readingrockets.org/strategies/word_walls. 02.08.2017.

18. *Whitehurst, G. J., Falco, F. L., Lonigan, C. J., Fischel, J. E., DeBaryshe, B. D., Valdez- Menchaca, M. C.,* et al. (1988). Accelerating language development through picture book reading. Developmental Psychology, 24, 552–559.

ЖЧК «Имак Офсет» басмаканасында басылды.
Бишкек ш., Матросов көчөсү 1 А
www.imakofset.kg